**М. РӮЗИЕВА, С. ИСЛОМОВ, К. ОБИДОВА,
М. АЛИЕВА, Р. РУСТАМОВА**

# ТЕХНОЛОГИЯ

## (Таълими меҳнат барои духтарон)

**Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми
муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**Нашри 3-юм**

**Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
тасдиқ кардааст**

**ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2023**

**ТДУ (УДК) 331 (075)+640+372.54+373+371.671**
**ТКБ (ББК.) 30.6 Я73+37.279+37.248+74.268.5**
**Р-95**

**Р-95.** Рӯзиева М., Исломов С., Обидова К., Алиева М., Рустамова Р. **Технология (Таълими меҳнат барои духтарон).** Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: «Маориф», 2023. – 192 саҳифа.

**Нашри 3-юм**

**Хонандагони азиз!**

Китоб манбаи донишу маърифат аст. Аз он баҳравар шавед ва онро тоза нигоҳ доред! Кӯшиш кунед, ки соли таҳсили оянда ҳам ин китоб ҳамин гуна зебову ороста дастраси хонандагони дигар гардад ва онҳо низ аз он истифода баранд.

**Ҷадвали истифодаи китоб**

| № | Ному насаб | Синф | Соли таҳсил | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

**ISBN 987-99985-39-21-1**
**© «Маориф», 2023**
**Моликияти давлат**

# МУҚАДДИМА

Либосдӯзӣ яке аз касбҳои қадимтарин буда, онро ба духтарон аз синни хурдӣ ёд медоданд. Ҳар як духтар бояд барои худ дӯхтани либос ва ороиш додани онро ёд гирад.

Ба рафтору кирдори одам пеш аз ҳама аз рӯйи тарзи либоспӯшӣ ва намуди зоҳириаш баҳо медиҳанд. Либоси одамро дида, мо доир ба мӯд, тарҳ, ороиши либос ва ғайра тасаввурот пайдо мекунем. Шинамӣ ва ба тан мувофиқ будани либос ба тарзи дӯхти он вобаста аст. Духтарон бояд қобилияти эҷодкорӣ, эҳсоси баланди зебопарастӣ, малакаю маҳорат ва завқи баланд дошта бошанд; технологияи дӯхтани либосҳои занона, кашидани нақша, сохтани қолаб, хосиятҳои матоъро донанд ва доир ба мошинаи дарздӯзӣ маълумоти пурра дошта бошанд.

Духтарон аз китоб оид ба чокҳои дастӣ, қисмҳои мошинаи дарздӯзӣ, технологияи таҳияи куртаи миллӣ, намудҳои гиребон, остин ва камзӯлчаҳои гуногун, тарзи дигаргунсозии қисмҳои асосии куртаи миллӣ, амсиласозӣ, ҷулоҳӣ, нигоҳубин ва таъмири либос, интихоби касб, асосҳои истеҳсолот, барқ дар рӯзғор маълумоти мукаммал гирифта, аз рӯйи лоиҳаҳои эҷодӣ ва моделҳои дар китоб овардашуда барои худ намуди маъқули куртаи замонавиро интихоб карда метавонанд.

Онҳо дар асоси омӯзиши ин китоб дӯхтани маснуот ва пухтани хӯрокҳои гуногунро ёд мегиранд, ҳамчунин бо сохт ва тарзи кори яхдон, чангкашак, мошинаи ҷомашӯйӣ, дарзмолҳои барқӣ шинос мешаванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм пайваста кӯшиш менамоянд, ки низоми таълимро ҳамқадами замон гардонида, барои ба низоми ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ ворид намудани таҳсилоти миллӣ тадбирҳо андешанд. Соли 2012 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020»-ро тасдиқ кард. Таълими ба ташаккули босалоҳият равонагардида салоҳиятҳои асосии таълими хонандаро дар баробари дониш, маҳорат ва малака ба сифати яке аз натиҷаҳои таҳсилот баррасӣ менамояд.

Мувофиқи стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи ҳаштум аз рӯйи панҷ самт салоҳиятҳои фаннӣ ташаккул дода мешаванд.

## Ҷадвали салоҳиятҳои фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 8

| |
|---|
| Самт ва салоҳиятҳои фаннӣ: |
| 1. Салоҳияти истифода ва асосҳои коркарди мавод: |
| 8.1.1. Миқдори гуногуни воситаҳои технологиро истифода бурда метавонад. |
| 2. Салоҳияти асосҳои истеҳсолот: |
| 8.2.1. Дар бораи равандҳои технологии соҳаи саноат маълумот дода метавонад. |
| 3.Салоҳияти муносибати эҷодкорона дар меҳнат: |
| 8.3.1. Дар доираи мавзуъҳои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад. |
| 4. Салоҳияти интихоби касб: |
| 8.4.1. Доир ба касбҳои гуногун маълумоти мушаххас дода метавонад. |
| 5. Салоҳияти асосҳои тарбиявӣ: |
| 8.5.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври гуногун татбиқ карда метавонанд. |

Дар давоми таҳсил духтарон ду маротиба бо мақсади иҷрои самтҳои салоҳияти истифода ва асосҳои коркарди мавод, асосҳои истеҳсолот ва интихоби касб ба саёҳати таълимӣ фаро гирифта мешаванд. Дар давоми машғулият ва саёҳатҳо бо касбу ҳунарҳои гуногун шинос мешаванд.

Ҳангоми дар синфхонаи технология (таълими меҳнат), албатта, ба қоидаҳои дохилии синфхона, қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва техникаи бехатарӣ ва кор бо асбобҳои истифодашаванда риоя кардан лозим аст.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ

## §1. МАШҒУЛИЯТҲОИ МУҚАДДИМАВӢ. ТАЛАБОТИ ГИГИЕНӢ ДАР ҶОЙИ КОР, РИОЯИ ҚОИДАҲОИ САНИТАРИЮ ГИГИЕНӢ, БЕХАТАРИИ КОР ДАР СИНФХОНАИ ТЕХНОЛОГИЯ ВА ҲАНГОМИ ИСТИФОДАИ ТАҶҲИЗОТИ ОН

Ҳар сол пеш аз саршавии машғулиятҳо ҳолати санитарию гигиенӣ ва техникии таҷҳизотро аз назар гузарондан лозим аст. Хонандагон инҳоро бояд донанд:

1. Дар ҷойи кор таҷҳизот бояд дуруст ҷойгир карда шавад, то ки хонандагон озод ҳаракат карда тавонанд, ҳавои синфхонаи технология низ бояд тоза бошад.

2. Дар синфхонаи технология ҷойи кори ҳар як хонанда бояд аз 2,5м$^2$ кам набошад.

3. Барои муътадил кардани ҳаво дар синфхонаи технология бояд бодпарво ва ҳавокашаки махсус мавҷуд бошад.

4. Ҳарорат дар синфхонаи технология ҳангоми 40-60% будани намӣ бояд +17...+20°с бошад. Барои 2 хонанда як мизи корӣ ҷудо карда шавад, ранги миз ва курсиҳо бояд сафед бошад. Мизро тарзе гузоштан лозим аст, ки равшании табиӣ ба он аз тарафи чап афтад, масофаи байни мизи корӣ ва тахтаи синф аз 8 м зиёд набошад.

5. Мошинаи дарздӯзиро тарзе гузоштан лозим аст, ки равшании табиӣ ба он аз тарафи чап ё пешу чап афтад ва он нисбат ба тиреза ба таври амудӣ, ё ин ки ба кунҷи 30-40° ҷойгир шавад.

Бинои баланд, дарахтони баланди назди тиреза, ранги баланди деворҳо ва таҷҳизоти синфхона, ифлосии шишаҳо, пардаҳои тиреза, гулҳои дар назди тиреза гузошташуда аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки равшании табииро паст мекунанд. Инро ҳам ба назар гирифтан лозим аст.

6. Дар синфхонаи технология равшании сунъӣ бояд ҳам умумӣ ва ҳам инфиродӣ – барои ҳар як хонанда алоҳида фурӯзонакҳои (люминессентӣ) бошад.

7. Васлакҳои (розеткаҳои) баркро дар назди қубурҳои об, газ, канализатсия шинондан манъ аст.

8. Барои иҷрои корҳои дӯзандагӣ мошинаҳои дарздӯзии дастӣ ва пойии барқӣ лозиманд.

9. Дар синфхонаи технология бояд камаш ду ҷойи дарзмолкунӣ бошад. Талаботи техникаи бехатарии сӯхтор ва барқ ба назар гирифта шавад. Ҷойи дарзмолкунӣ ба даромадгоҳ наздик набошад, то ки хонандагон бемалол дарзмол карда тавонанд ва доимо таҳти назорати омӯзгор бошанд.

10. Васлак (розетка)-ро аз тахтаи дарзмолкунӣ бояд баландтар ва аз тарафи рости дарзмолкунанда шинонд. Тахтаи дарзмолкуниро аз чӯби дарахти тут ё дигар тахтаҳои дар устохонаи мактаб мавҷудбуда сохтан мумкин аст. Тахтаи дарзмолкуниро, одатан, дар назди девор мегузоранд ва онро бо матои пахтагӣ ё катонӣ рӯйкаш карда, рӯйкашро ба тахта бо бандак мебанданд. Дар вақти ифлос шудан онро шуста, боз ба ҷояш мегузоранд. Дар синфхонаи технология ғайр аз тахтаи дарзмолкунӣ барои дарзмол кардани остин бояд ҷойи махсус бошад. Онро бояд дар ҷойи намоён гузошт. Қоидаҳои истифодаи дарзмол ва танзими матоъро донистан шарт аст.

11. Дар устохонаи дӯзандагӣ бояд барои пӯшида дидани либос ҷойи махсус бошад. Агар масоҳати синфхона имконият диҳад, мизи бурандагии намоишӣ (подиум) низ гузоштан лозим аст. Дар синфхонаи технология барои гузоштани нақша, расм, ҷадвалҳо поячаҳо, воситаҳои аёнӣ, асбобҳо, воситаҳои ёрирасон ва маснуоти дӯхтаи хонандагон ҷевони деворӣ ё махсус бошад.

Дар синфхонаи технология доруҳои ҳархела, дастурамали ёрии фаврии тиббӣ, рақами телефон ва суроғаи муассисаи ёрии таъҷилии тиббӣ бояд мавҷуд бошанд.

## ОРОИШИ СИНФХОНА БО ИШТИРОКИ ХОНАНДАГОН

Дар ороиши синфхона рангу бор додани деворҳои он аҳаммияти калон дорад. Маълум аст, ки рангҳо ба узви босира ва системаи асаби инсон таъсири гуногун мерасонанд.

Масалан, ранги сурх одамро ба ҳаяҷон меорад, ранги сабз таскин мебахшад, ранги сиёҳ касро хаста мекунад ва ғайра. Ранги девор бояд сафедчатоб бошад, чунки он равшаниро бисёртар ва баробар паҳн мекунад, барои машғулияти хонандагон оромӣ муҳайё месозад.

Пардаҳо бояд чашми хонандагонро аз таъсири нури офтоб нигоҳ доранд ва якранг бошанд. Онро худи хонандагон бояд дар маҳфилҳои берун аз дарс гулдӯзӣ кунанд. Дарозии пардаовезак бояд барои дар вақти зарурӣ пурра ба як тараф кушодани парда мувофиқ бошад.

Барои хонандагон бояд асбобҳои аёнӣ, навиштаҷот, расмҳо, нақшаҳо дар ҷевончаҳои махсус ҷойгир карда шаванд. Ранги пардаи ҷевончаҳо ба ранги тахта ё ранги пардаи асосии синф мувофиқ бошад.

Ранги пардаи ҷойи ченкунии либоси нимтайёр ва тайёр бояд бо пардаҳо ва гулҳои назди тиреза мувофиқат кунад. Гулҳо бояд ҳатман зебо ва печон бошанд. Дар деворҳои синфхона овехтани аёнияти берун аз нақшаи дарс зарур нест. Дар синфхонаи технология ба ғайр аз ҷадвал, навиштаҷот доир ба қоидаҳои дохилии синфхона, қоидаҳои техникаи бехатарии сӯхтор, барқ, санитарию гигиенӣ мавҷудияти дигар асбобҳо шарт нест.

Деворҳои синфхона бояд барои намоиши корҳои тайёрии хонандагон, адабиёти тавсияшуда, гӯшаҳо доир ба таълиму тарбия ва касбинтихобкунии хонандагон истифода бурда шаванд.

Барои таъмин намудани саломатии кормандон, фароҳам овардани шароити зарурӣ ва бехатарии умум дар раванди кори истеҳсолот касби нозири зидди сӯхтор зарур аст.

Нозири бехатарии меҳнат ва зидди сӯхтор мутахассисест, ки барои назорати риояи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкили санҷишҳо дар истеҳсолот ваколатдор аст. Вай барои бақайдгирии дурусти кормандон, риояи талаботи стандарт ва қоидаҳои техникаи бехатарии меҳнат ва бехатарии зидди сӯхтор вазифадор аст.

Вазифаҳои асосии нозири бехатарии меҳнат инҳо: гузаронидани санҷишҳо дар истеҳсолот; муайян кардани қонуншиканӣ; тартиб додани санадҳо; таъйин кардани ҷаримаҳо; муайян намудани дараҷаи садамаҳо дар ҷараёни кор; гузаронидани семинарҳои дастурдиҳӣ оид ба бехатарии меҳнат. Ғайр аз он, дар сурати ошкор шудани қонуншиканиҳои дағалона ва риоя накардани Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, нозир ҳуқуқ дорад, ки истеҳсолотро боздорад.

Талаботҳои асосӣ барои соҳиб шудан ба касб: Пеш аз ҳама аз нозири бехатарии меҳнат ва зидди сӯхтор сифатҳои шахсӣ ба монанди: масъулиятшиносӣ, омодагӣ ба ҳолатҳои ногувор дар раванди истеҳсолот, бодиққатӣ, серҳаракатӣ, назоратчигӣ ва ғайра лозим аст.

Нозир бояд донад: Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон; омодасозӣ ва батартибдарории ҳуҷҷатҳо; санадҳои қонунгузорӣ, меъёрӣ ва ҳуқуқӣ; маълумот оид ба ҳифзи меҳнат; хусусиятҳои истифодаи дурусти таҷҳизот ва санҷиши коршоямии он дар раванди истеҳсолот ва ғайра.

Дар истеҳсолот дар раванди кор бо таҷҳизоти истеҳсолот ва назорати риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ аз тарафи кормандон касби нозири бехатарии меҳнат ва зидди сӯхтор зарур аст. Инчунин дар муассисаҳои таълимӣ чунин ваколат ба зиммаи шахси алоҳида вогузор шуда, дар раванди машғулиятҳои дарсӣ назорат ба зиммаи омӯзгори дарсиҳанда вогузор шуда, аз тарафи хонандагон бояд риоя карда шавад.

## МУҲОФИЗАТИ МЕҲНАТИ ХОНАНДАГОН

Барои бехатарии кори хонандагон дар синфхонаи технология, ба ғайр аз талаботҳои умумии бехатарии кор, боз қоидаҳои санитарию гигиенӣ, техникаи бехатарӣ доир ба истифодаи асбоб ва воситаҳои меҳнат дар вақти кор мавҷуд бошанд ва онҳоро донистани хонандагон ҳатмист.

Намудҳои кор бо асбобҳо, воситаҳои ёрирасон ва номгӯйи талаботу риояи қоидаҳои зарурӣ:

1. Кор бо сӯзан ва сӯзанак;

2. Кор бо қайчӣ;

3. Кор бо мошинаи дарздӯзии барқӣ;

4. Навиштаҷот доир ба бехатарии кор дар ҳамаи мавзуъҳо дар ҳар дарс ва лаҳзаи муайяни кор;

5. Қоидаи бехатарии сӯхтор.

Синфхонаи технология бояд бо назардошти талаботи бехатарии сӯхтор сохта шавад. Дар синфхонаи технология матоъпораҳои равғанолуд ва қоғазпораҳоро гузоштан мумкин нест. Барои тоза кардани мошинаи дарздӯзӣ латтаҳоро дар қуттиҳои махсуси филизӣ гузоштан лозим аст.

6. Қоидаҳои бехатарии кор бо дарзмоли барқӣ.

7. Қоидаҳои бехатарии барқ.

8. Қоидаҳои дохилии синфхона.

9. Вазифаҳои навбатдор пеш аз дарс ё пеш аз истифода бурдани мошинаи дарздӯзӣ:

– гузоштани сӯзан ба мошинаи дарздӯзӣ, печонидани ришта ба найча, гузаронидани ришта ба мошинаи дарздӯзӣ;

– пеш аз дарс мувофиқи навиштаҷоте, ки омӯзгор медиҳад, ба рӯйи мизҳо гузоштани асбобу олоти дарздӯзӣ ва воситаҳои ёрирасон;

– ба омӯзгор номи хонандагони дермонда ё наомадаро гуфтан;

– дар вақти танаффус ҳавои синфхонаро тоза кардан;

– дар охири дарс асбобҳо ва воситаҳои ёрирасонро аз назар гузаронидан, шумора ва ҳолати онҳоро дониста, ба ҷойи муайяншуда гузоштан;

– дар вақти мушоҳида кардани гумшавӣ, шикаст ё нуқсон дар миз, курсии мошинаи дарздӯзӣ, навиштаҷот, расмҳо ба омӯзгор хабар додан ва гунаҳкорро ёфтан;

– аз ҷониби хонандагон ба тартиб овардани ҷойи кор, рӯбучини партовҳо, тоза кардани ҳавои синфхона, бо латта тозакунии тахтаи синф ва фарши синфро назорат кардан.

## ТАШКИЛИ ҶОЙИ КОРИ ХОНАНДАГОН

Тайёрӣ ба кор. Ҷойи кори хонандагон фардӣ (мизи корӣ) ва коллективӣ (мошинаи дарздӯзӣ, ҷойи дарзмолкунӣ) мешавад:

1. Дар девори ҷойи кори фардӣ барои овехтани ҷузъгир чангак гузошта шавад.

2. Барои дарздӯзии дастӣ ченактасма (1 дона барои ду хонанда), қайчӣ (барои матоъ), сӯзан (10-25 дона; ба ҳар 2 кас-1 сӯзан), ангуштпона (15-20-то, ҳархела), сихак (1 дона ба ду ҷойи корӣ), ришта (№50, сафед ва сиёҳ) ва ду намуд матоъ барои маснуот, мулина лозим аст.

Ҳар як хонанда бояд дафтар, албом ва ҷузъгири бандакдор барои нақша, қолаб (доир ба конструксия ва амсиласозии либос), матоъ барои маснуот ва ғайра дошта бошад.

Дар фаъолияти коллективона ба ҳар бригада (гурӯҳ) мошин ва ҷойи дарзмолкунӣ вобаста карда мешавад, барои латтапораҳое, ки аз матои дӯхташуда боқӣ мондаанд, қуттии махсус бояд бошад.

Барои нигоҳдории асбобу олоти дарздӯзӣ бояд ҷойи муайян мавҷуд бошад. Барои риояи техникаи бехатарӣ дар синфхонаи технология (таълими меҳнат) ба ҳар ду хонанда ё ба 1 бригада 2 намуди асбобмонак лозим аст.

Дар вақти дӯхтан ва сохтани асбобмонак хонанда бояд маҳорат ва қобилияти эҷодкорӣ, навоварӣ, ҳисси зебоипарастӣ, сарфакорӣ, покизакорӣ, тахайюлоти худро истифода бурда тавонад.



***Расми 1.*** *Намудҳои асбобмонак: а – асбобмонак аз матоъ ва картон дӯхташуда; б – асбобмонаки тайёр.*

## КОРИ АМАЛИИ №1

Дӯхтани асбобмонак барои олоти дарздӯзӣ ва воситаҳои ёрирасон. Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: қаламҳои ТМ ва ё М, коғаз, қайчӣ, ченактасма, ҷадвал, сӯзан, ришта, мошинаи дарздӯзӣ, ангуштпона ва ғайра.

**Рафти кор:**

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1 | Тартиб додани нақшаи асбобмонак: андозааш мувофиқи табъу хоҳиши хонанда. |
| 2 | Интихоби матоъ ва буридани он. |
| 3 | Дӯхтани асбобмонак аз рӯйи тахайюлоти хонанда. |
| 4 | Худозмоӣ:<br>– аз назар гузаронидани матои буридашуда;<br>– санҷидани сифати чок;<br>– дарзмол кардани маснуот;<br>– ҷобаҷогузории асбобҳо ва воситаҳои ёрирасон дар асбобмонак. |

**Эзоҳ:** Асбобмонакро ғайр аз матоъ дӯхтан, инчунин аз коғаз ва картон низ сохтан мумкин аст.

***Савол ва супориш:*** *1.Ба вуҷуд овардани муҳити кор дар синфхона аз чӣ иборат аст?*
*2.Сабаби васлакро дар ҷойи муайян шинондан дар чист?*
*3.Масофаи байни мизи кории худатон ва тахтаи синфро чен кунед.*
*4.Қоидаҳои техникаи бехатариро дар синфхонаи технология (таълими меҳнат) фаҳмонед.*

## §2. СОХТОРИ ХОҶАГИИ ХАЛҚИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи истеҳсолоти ҷамъиятӣ буда, ба моликияти хоҷагии халқбудаи воситаҳои истеҳсолот асос ёфтааст. Мувофиқи тақсимоти меҳнатии ҷамъиятӣ хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду соҳаи калони фаъолият: истеҳсолӣ (соҳаи истеҳсолоти моддӣ) ва ғайриистеҳсолиро дар бар мегирад.

Ба соҳаи истеҳсолоти моддӣ тамоми бахшҳое, ки неъматҳои моддӣ истеҳсол мекунанд ё ба истеъмолкунандагон бурда мерасонанд, дохил мешаванд.

Ба соҳаи ғайриистеҳсолӣ бахшҳое мансубанд, ки ба аҳолӣ хизмати тиббӣ, маданию маишӣ мерасонанд, корҳои идора, банақшагирӣ ва дигар вазифаҳои барои ҷамъият зарурро ба ҷо меоранд.

Соҳаи асосии истеҳсолоти моддӣ саноат аст. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёрсоҳа буда, корхонаҳои гуногун – моликиятеро дар бар мегирад, ки аз соҳаҳои электроэнергетика, мошинсозӣ ва коркарди филизот, саноати сохтмон, саноати чӯбу тахта ва коркарди он, табъу нашр, саноати сабук, хӯрокворӣ ва соҳаҳои дигар иборатанд. Дар сохтори истеҳсолоти саноатӣ аз ҳама бештар саноати сабук ва хӯрокворӣ, мошинсозӣ, коркарди филизот ва саноати маводди сохтмон бартарӣ доранд.

Дар саноати сабук рушди афзалиятнокро истеҳсоли матоъҳои пахтагӣ, шоҳибофӣ, кешбофӣ ва ҷӯроббофӣ касб кардааст. Саноати хӯрокворӣ аз корхонаҳои нонпазӣ, қаннодӣ, шаробкашӣ, равғанкашӣ, коркарди гӯшт ва шир иборат аст.

Саноати мошинсозӣ аз коргоҳҳои истеҳсоли мошинаҳои нассоҷӣ, дастгоҳҳои худкор, дастгоҳҳои гидравликии марбут ба техникаи кишоварзӣ иборат аст. Дар коркарди филизот бошад, корхонаҳои таъмири автобусҳо, мошинаҳои сабукрав, муҳаррикҳои дизелӣ, экскаваторҳо, техникаи маишӣ ва ғайра муқаддамтаранд.

Саноати маводди сохтмонро истеҳсолоти семент, корхонаҳои истеҳсоли қубурҳои асбесту сементӣ, гач, маҳсулоти мармарӣ ва хоросанг, тахтасангҳои фаршӣ, маҳсулоти оҳанубетонӣ ва ғайра муаррифӣ менамоянд.

Тамоми соҳаҳои саноат дар баробари истеҳсоли маҳсулоти асосӣ ба тайёр кардани молҳои гуногуни таъйиноти маданию маишӣ ва хоҷагӣ барои аҳолӣ машғуланд.

Вазифаи сохтмон аз сохтану таъмир кардани биноҳои истеҳсолӣ, иншоот, хонаҳои истиқоматӣ, роҳҳо, беморхонаҳо, мактабҳо ва объектҳои дигар иборат аст. Дар соҳаи сохтмон якчанд касбҳо фаъолият мебаранд, ки яке аз онҳо муҳандис-сохтмончӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳандис-сохтмончӣ мутахассисест, ки корҳои сохтмонӣ ва таъмирро ба нақша мегирад ва назорат мекунад. Касб барои онҳое мувофиқ аст, ки ба фанҳои физика, химия, математика, санъати тасвирӣ, нақшакашӣ, технология (таълими меҳнат) ва ғайра шавқи зиёд доранд.

Вазифаҳои касби муҳандис-сохтмончӣ: лоиҳаи корҳои сохтмониро таҳия мекунад, нақшаи онро тартиб медиҳад, миқдори зарурии маҳсулотро муайян карда, масолеҳи зарурии сохтмониро интихоб мекунад.



***Расми 2.*** *Касби муҳандис-сохтмончӣ*

Нақлиёт талаботи хоҷагии халқро муттасил ва сари вақт қонеъ мегардонад. Дар фаъолияти истеҳсолию хоҷагии халқ алоқа нақши муҳим мебозад. Он талаботи маданию маишии аҳолӣ ва интиқоли ахборро таъмин менамояд.

Комплекси сӯзишворию энергетикӣ маҷмуи соҳаҳои ба ҳам алоқаманд, иншоот ва корхонаҳоест, ки ба истихроҷ, ҳамлу нақл, коркарди захираҳои сӯзишворию энергетикӣ ва ба истеъмолкунанда бурда расонидани неруи барқ машғул аст.

Вазифаи асосии комплекси агросаноатӣ вусъат бахшидан ба афзоиши устувори истеҳсолоти кишоварзӣ, таъмин кардани ҷумҳурӣ бо маҳсулоти озуқаворӣ ва ашёи хом мебошад. Он соҳаҳои рустанипарварӣ ва чорводориро дар бар мегирад.

Ба пешрафти истеҳсолот омилҳои бисёре таъсир мерасонанд, ки муҳимтарини онҳо ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда ва номгӯйи он мебошанд. Вобаста ба онҳо шакли муайяни ташкили истеҳсолот ба вуҷуд меояд: ҷудогона, серияви ва оммавӣ.

Дар истеҳсолоти ҷудогона номгӯйи маҳсулот мухталиф, вале миқдори он кам ва гоҳо як дона мебошад. Масалан, мошинаҳои кишоварзӣ, семент, нуриҳои маъданӣ ба ҳисоби 100% моддаи серғизо, конструксия ва маснуоти васлшавандаи оҳану бетонӣ, нахи пахта, шоҳиворӣ, пойафзол, қолин ва маснуоти қолинӣ, яхдон, равғани чорво, маҳсулоти ширӣ ва ғайра.

Ба истеҳсолоти сериявӣ тайёр кардани маҳсулоти якхела бо номгӯйи нисбатан кам, ки бо серияҳои ҷудогона бароварда мешавад, хос аст. Дар ин ҷо ҳаҷми истеҳсолот ба садҳо ва ҳазорҳо хели маснуот ҳисоб карда мешавад. Истеҳсолот вобаста ба андозаи ворид намудани серия калонсериявӣ, миёнасериявӣ ва хурдсериявӣ мешавад. Масалан, дар саноати мошинсозӣ ва коркарди филиз истеҳсоли сериявии дастгоҳҳо; дар саноати сабук истеҳсоли сериявии курта, пойафзол, ҷуробҳо; дар саноати хӯрокворӣ истеҳсоли сериявии консервҳои меваҷоту сабзавот ва ғайра бештар паҳн шудааст.

Истеҳсолоти оммавӣ он аст, ки маҳсулоти ҳамном ба микдори зиёд ва муддати дуру дароз тайёр карда мешавад. Масалан, истеҳсоли матоъ, ресмон ва ғайра. Он, асосан, бо дараҷаи баланди механиконию автоматикунонӣ, ташкили пайдарҳамии раванди технология фарқ мекунад.

## КОРИ АМАЛИИ №2

Таснифоти касбҳои истеҳсолоти дӯзандагӣ

**Рафти кор:**

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1 | Шарҳи касбҳои истеҳсолоти дӯзандагӣ аз тарафи омӯзгор |
| 2 | Тасвири ҷадвали дар поён овардашуда дар дафтари корӣ |
| 3 | Баёни вазифаи ҳар як кори дӯзанда-амсиласоз |
| 4 | Мувофиқи супориш пур намудани ҷойҳои холигии ҷадвал |
| 5 | Баёни вазифаи ҳар яке аз ихтисосҳои дӯзандагии дохили нақша |
| 6 | Худозмоӣ:<br>– дуруст тасниф намудани касб;<br>– санҷидани дуруст пур намудани ҷадвал. |

**Касби дӯзанда-амсиласоз**

| Ихтисос | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Амсиласоз тарроҳи маснуоти дӯзандагӣ | Амсиласоз – тарроҳи маснуоти пашмӣ | Технологияи маснуоти дӯзандагӣ | | | |

***Саволҳо барои санҷиш:***

*1. Соҳаҳои асосии хоҷагии халқи Тоҷикистон ва комплексҳои муҳимтарини хоҷагии халқро номбар кунед.*

*2. Дар шаҳру ноҳияи шумо кадом маҳсулотро истеҳсол мекунанд?*

*3. Падару модари шумо дар кадом соҳаҳои хоҷагии халқи Тоҷикистон кор мекунанд?*

*4. Оид ба касби муҳандис-сохтмончӣ маълумоти муфассал диҳед.*

*5. Мутахассиси муҳандис-сохтмончӣ бояд чӣ гуна сифатҳо дошта бошад?*

## §3. КОРХОНА ВА ТАШКИЛОТ – ЗВЕНОИ АСОСИИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ

Звеноҳои асосии хоҷагии халқи ҷумҳурии мо аз сохтори соҳавии истеҳсолоти саноат, корхонаҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ, ҷамъиятҳои саҳомӣ, дастаҷамъӣ (коллективӣ) ва корхонаҳои муштарак иборат мебошанд, ки дар асоси моликияти умумихалқӣ ба воситаҳои истеҳсолот амал мекунанд.

Вазифаи корхона бо сарфи камтарини меҳнату маблағ ва мувофиқи нақшаи давлатии хоҷагии халқ таъмин кардани истеҳсоли маҳсулоти баландсифати ба ҷамъият зарурӣ мебошад. Дар шароити пешрафти босуръати истеҳсолот ин вазифа дар иттиҳодияҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳое, ки муттафиқона (иттифоқона) ва бо доштани робитаҳои ҳамаҷонибаи мутақобилан судманд кор мекунанд, бо муваффақият ҳал карда мешавад.

Барпо кардани иттиҳодияҳои калон барои хеле зиёд кардани ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшавандаи баландсифат, тезонидани

раванди тайёр кардану фурӯши он, сарфаю сариштакорона харҷ кардани ашёи хом, сӯзишворӣ, зудтар ба истеҳсолот ҷорӣ кардани техникаи имрӯза, компютерҳои нав ва технологияи ҳозиразамон имкон медиҳад.

Иттиҳодияҳо нисбат ба корхонаҳои алоҳидаи ғайридавлатӣ барои такмил додани маҳорати касбии коргарон, беҳтар кардани шароити меҳнату маишат, ташкили истироҳат, баланд бардоштани дараҷаи маданияти онҳо имкониятҳои бештар доранд. Шумораи ин хел корхонаҳои ғайридавлатӣ зиёд шуда истодааст.

Шумораи корхонаҳои ғайридавлатӣ дар соҳаҳои мошинсозӣ ва коркарди филизот, саноати ҷангал ва коркарди чӯбу тахта, масолеҳи сохтмон, саноати шиша, саноати сабук, аз он ҷумла насҷӣ, дӯзандагӣ, чарму пойафзол; саноати хӯрокворӣ – хӯрокҳои лазиз, гӯшту шир, орду ярма меафзоянд.

Раванди асосии истеҳсолот бевосита дигаргун сохтани ашёи хом ва масолеҳро мутаносибан бо маснуот дар бар мегирад, ки истеҳсоли онҳо барои ҳар як корхона тибқи нақшаи давлатӣ муайян карда мешавад.

Таъмири таҷҳизот, тайёр кардани асбобу анҷоми технологӣ аз ҷумлаи равандҳои ёрирасон мебошанд. Равандҳои ёрирасон нигаҳдории масолеҳ (масолеҳи нимтайёр) ва ғайраро дар бар мегиранд.

Вазифаи асосии саноати дӯзандагӣ қонеъ кардани талаботи афзояндаи аҳолӣ бо либоси баландсифат ва навъҳои гуногун вобаста ба замони муосир мебошад. Ҳалли ин мушкилот дар соҳаи дӯзандагӣ дар асоси баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот, суръат бахшидан ба раванди илмӣ-техникӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва сифати кор, тавассути истифодаи таҷҳизоти автоматӣ ва нимавтоматӣ, такмил додани меҳнат ва истеҳсолот ва муҳимтар аз ҳама, истеҳсоли дӯзандагиро бо мутахассисони баландихтисос, донандаи касби худ, соҳиби дониш ва малакаҳои касбӣ, фаъолияти касбӣ дар соҳаи дӯзандагӣ ба ҳисоб рафта, мутахассис бояд эҷодкору нававар, зебоипарасту сарфакор ва посдори урфу одатҳои миллии ниёгони худ бошад.

Дар истеҳсолоти дӯзандагӣ касби дӯзанда нақши муҳим ва аввалиндараҷаро ишғол мекунад. Дӯзанда аз рӯйи якчанд ихтисос дар сехҳои гуногун фаъолият бурда метавонад.

Корхонаҳои саноати дӯзандагӣ аз сехҳо иборатанд.

Сех – қисмати асосии истеҳсолии корхона мебошад. Дар сехҳои асосӣ маҳсулоти маснуоти нимтайёр бевосита тайёр карда мешавад. Сехҳо аз коргоҳҳои алоҳидаи истеҳсолӣ иборатанд.

Коргарони коргоҳҳо, одатан, дар гурӯҳҳо (бригадаҳо) муттаҳид шудаанд. Дар конвейери дӯхтани куртаи миллӣ, мардона, бачагона ва либоси махсус ҳар як ҷузъро як дӯзанда иҷро мекунад ва ҳамин тавр то пурра дӯхтани маснуот раванди технологӣ сурат мегирад. Шуъбаи назорати сифат, шуъбаи санҷидани сифати техникии маснуот ва дигар ташкилотҳо дар сафарбар кардани коллективҳои корхона ба корнамоиҳои меҳнатӣ, дар тавъам кардани инкишоф ва шахсон, тарбияи онҳо роли калон мебозанд.

1. Сехи озмоиш, коркард ва тайёр кардани моделҳои нав.

Моделҳои навро шурои техникии корхона, ки ба он сармуҳандис, сардорони сехҳо, технологҳо дохил мешаванд, тасдиқ ва қабул менамояд. Номгӯй ва мазмуни ҳуҷҷати технологӣ мувофиқи системаи давлатӣ, системаи ягонаи ҳуҷҷатҳои технологӣ (СЯҲТ) муқаррар карда мешавад.

Бо иштироки коллективҳои меҳнатӣ амалан тамоми масъалаҳои нақшаи фаъолияти корхона ҳал карда мешавад. Ба ҳайати онҳо коргарон, мутахассисони пешқадам, намояндагони маъмурият, ташкилотҳои иттифоқи касаба ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ дохил мешаванд.

Дар истеҳсолоти корхонаи дӯзандагӣ ҳар як технологияи коркарди маснуоти иҷрошударо дар сехи алоҳида иҷро мекунанд, таҷҳизоту техникаи ба ҳар сех мувофиқро ҷойгир намуда, маснуоти дар нақшаи истеҳсолот бударо истеҳсол мекунанд. Аммо якчанд ателйеи шаҳрӣ ва ноҳиявӣ мавҷуданд, ки дар онҳо коркарди технологии маснуот як хел аст.

*Нақшаи 2*

Сохтори истеҳсолии корхонаи дӯзандагӣ



## КОРИ АМАЛИИ №3

**Сохтори истеҳсолии ателйеи дӯзандагӣ**

**Рафти кор:**

Вобаста ба мавзуи мазкур схемаи сохтори истеҳсолии ателйеи дӯзандагии дар маҳалли зисти худ бударо тартиб диҳед.

Барои таҳлил намудани сохтори истеҳсолии ателйеи дӯзандагӣ истеҳсолоти иловагӣ, истеҳсолоти асосӣ, хоҷагии хизматрасон, истеҳсолоти ёрирасон мусоидат мекунад.

Муайян кунед, ки дар ателйеи дӯзандагии маҳалли зисти шумо кадом сохторҳои дар боло номбаршуда фаъолият мебаранд.

*Савол ва санҷиш:*

*1. Вазифаи корхона аз чӣ иборат аст?*

*2. Дар корхонаҳои ноҳияи шумо кадом намуди истеҳсолот ҳаст?*

*3. Равандҳои технологӣ дар корхонаи дӯзандагӣ аз кадом сехҳо иборатанд?*

*4. Вазифаи асосии мутахассиси соҳаи дӯзандагӣ кадомҳоянд?*

## § 4. ХУСУСИЯТИ МАЗМУНИ МЕҲНАТ ВА КОРХОНАҲОИ ХОҶАГИИ ҲАЛҚ

Мазмуни меҳнатро як қатор омилҳо, аз он ҷумла хусусияти касб, муайян мекунад. Мазмуни меҳнати коргарро ихтисоси он ҳам муайян карда метавонад.

Ихтисос – дараҷаи тайёрии одам ба ин ё он намуди фаъолияти меҳнатӣ, маҷмуи дониш ва маҳоратест, ки барои иҷрои меҳнати душвориаш муайян муқаррар шудааст. Дараҷаи ихтисоси коргарони аксарияти касбҳо бо дараҷа муайян карда мешавад. Малакаи касбии мутахассис ҳар қадар баланд бошад, дараҷа ҳамон қадар баланд мегардад.

Шумо дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯйи яке аз ихтисосҳои коргарон дараҷаи (разряди) 1-2 ва дар омӯзишгоҳи касбҳои техникӣ дараҷаи 3-4 гирифта, баъд дар давраи кор дар корхона ихтисоси худро то дараҷаи 5-6 баланд бардошта метавонед. Вобаста ба таҷҳизоти техникӣ меҳнати дастӣ, механиконида ва автоматонида фарқ карда мешавад.

Пешрафти техникӣ – тараққӣ кардани илм, техника ва технологияи истеҳсолоти замонавӣ, иҷроиши пайдарҳами амалиётҳо дар вақти тайёр кардани маснуоти дӯзандагӣ мебошад. Асосҳои раванди пешрафти техникӣ-электрикониӣ, механикониӣ, автоматиконии истеҳсолот ва хоҷагии деҳот мебошад.

Электрикониии истеҳсолоти дӯзандагӣ гуфта, дар тули раванди технологӣ татбиқ кардани онро меноманд. Ҷараёни баркро дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, саноат ва рӯзгор истифода мебаранд.

Автоматиконии истеҳсолот як навъ истифодаи мошин ва механизмҳо дар раванди истеҳсолот аст, яъне таҳти роҳбарию назорати инсон мошинҳо барои тугмадӯзӣ, юрмадӯзӣ ва дигар амалиётҳои дӯхтани маснуот ба дӯзандагон ёрӣ мерасонанд.

Дар заминаи электрикониӣ, механикониӣ ва автоматикониӣ истеҳсолот тараққӣ карда, сифати маснуот беҳтар ва миқдори он зиёд мешавад. Дар сехҳо мутахассисони махсус ҳастанд, ки дар вақти зарурӣ нуқсонҳои мошинаи дарздӯзии механикӣ, нимавтоматӣ, автоматиро вобаста ба таҷҳизоти техникӣ бартараф мекунанд.

Механиконии истеҳсолоти сехи дӯзандагӣ, мошинҳо ва механизмҳо воситаҳои меҳнати дастиро иваз намуда, инсонро аз иҷрои амалиёти вазнину хастакунанда озод мекунанд, ҳосилнокии меҳнат ва сифати маҳсулотро баланд мебардоранд. Истифодаи мошин ва механизмҳо дар раванди истеҳсолот механиконии истеҳсолот номида мешавад.

Дар мошинаҳои дастӣ механизми ҳаракатгузарон бо соиши фриксиониӣ, дар мошинаи поякӣ ва баркӣ ҳаракатгузаронии тасмагинро истифода мебаранд. Мошинаҳои ҳамакора (универсалӣ) ва махсус низ мавҷуданд. Бо ёрии мошинаи ҳамакора якбора якчанд амалиёт иҷро карда мешавад, чунончи, рост медӯзанд, якбора ченаки муайян аз буриш мемонанд, гирди буришро бахия мезананд ё ягон шакли гулдӯзиро иҷро мекунанд, зич-зич медӯзанд. Ин мошинҳо унсурҳои автоматӣ доранд.

Мошинаҳои класси 142 ва дигар намудҳои мошинаҳои дарздӯзии муосир амалҳои зеринро иҷро мекунанд: бо дарзи яққатораи хаттӣ ба ҳамдигар часпонидан (дӯхтан)-и қисмҳои либос, мустаҳкам кардани дарзҳои ибтидо ва интиҳои чок, бо дарзҳои мувозӣ дӯхтани либос, дӯхтани зеҳи либос, часпонидани тӯр, дӯхтани канори маснуот бе дарзи зеридарзӣ, дар рӯйи маснуот дӯхтани ҳар гуна аппликатсия, гулдӯзии ришеле, кашидадӯзӣ,

дарбеҳ кардани либос. Бо мошинаҳои класси 142 илова бар амалҳои зикршуда корҳои зеринро иҷро кардан мумкин аст: сохтани банд ва ангула (сӯрохии тугма), шинондани тугма, ҳосил кардани гулдарз, дарзи релефӣ, дӯхтани банд бо дарзҳои пурпечутоб, часпонидани ҷузъҳои либос.




***Расми 3.*** *Мошинаи класси 142 ва намудҳои замонавии муосир*

Либосро бо шероза, пӯст, мӯйина, гулдӯзӣ ва ғайра оро додан мумкин аст. Ба воситаи матои асосӣ ё ороишӣ зеб додани либос низ бештар маъмул аст. Масалан, чин-чин, волан, мағзӣ, парпар, рулик, жабо, ҳошия, буф, дарзҳои ороишӣ ва ғайра аз ҳамин қабиланд.

Чин-чин. Чинҳои майдаеро мегӯянд, ки онҳоро бо дарзи мошинаии васегияш 0,1 см месозанд. Матоъро ҳар қадар камтар ба чин-чин дароранд, он ҳамон қадар базеб менамояд.

Чин-чинро вобаста ба дӯхти либос гурӯҳ-гурӯҳ, бо чинҳои васегияшон 0,5-1 см, барқад, уреб ҷойгир мекунанд. Чин-чинро ба дарозии матоъ то буридани он медӯзанд, сипас чинҳоро ба самти зарурӣ рост карда, қолабро мемонанд. Блузка, курта, доман ва ғайраро бо чин-чин оро медиҳанд.



Волан чандон васеъ набуда, он уреб, доирашакл ва нимдоира бурида мешавад. Васеии он ба тамоми дарозӣ як хел аст ё фақат нӯгҳояш камбартар шуда метавонанд.

Пар-пар тасмаи матоиест, ки нисбат ба ресмони асос ё ресмони уреб таҳти кунҷи 45° бурида шуда, мобайнаш бо чин-чин ҷамъ карда шудааст.

Тасмаро барои пар-пар нисбат ба ҳолати тайёраш 3 маротиба дарозтар мебуранд

Пар-пари тайёрро ба маснуот дастӣ кӯк карда, баъд бо мошина медӯзанд. Курта, блузка ва маснуоти дигарро бо пар- пар оро медиҳанд. Руликро аз тасмаи уреби матоъ мебуранд. Васегиаш 2,5-3 см мебошад (вобаста ба қобилияти ёзиши матоъ). Тасмаро ба тамоми дарозиаш қат карда, мошин мезананд.



Чин-чинҳоро ба канори маснуот медӯзанд. Тасмаҳоро барои чин-чин якуним маротиба калонтар тайёр мекунанд. Барои тайёр кардани тасмачаҳо ба сифати матои интихобшуда аҳаммият додан лозим аст. Агар матоъ тунук ва борик бошад, чин-чинҳо зич ҷойгир мешаванд ва барои ин тасмачаро дарозтар бояд гирифт. Чин-чинҳоро аз тасмаи тайёр ё аз тасмачаи матои уреб ё мудаввар ва барқади риштаи рост бурида тайёр мекунанд. Агар кӯтоҳ бошад, тасмачаҳоро байни ҳам пайваст мекунанд. Канори кушодааш бо якчанд намуд – дастӣ ё бо мошинаи дарздӯзӣ дӯхта мешавад.

Ин намуди ороишҳо бештар дар истеҳсолоти дӯзандагӣ ва артелҳои хурди дӯзандагӣ ба иҷро расонида мешаванд. Маснуотҳои коркардшаванда, ки ороиш дода мешаванд, асосан дар истеҳсолоти дӯзандагӣ бо мошинаҳои дарздӯзии замонавӣ иҷро карда мешаванд, ки бояд бо сифати баланд иҷро гарданд. Дар истеҳсолоти дӯзандагӣ ғайр аз касби дӯзанда, касбҳои дигаре, ки ба соҳаи дӯзандагӣ вобастаанд, фаъолият мебаранд.

Коргарони саноати дӯзандагӣ барои намудҳои гуногуни либосҳо нақшҳо месозанд, намудҳои матоъҳоро вобаста ба амсилаилибос интихоб мекунанд, нуқсони матоъро муайян мекунанд, дар мошинаҳои махсуси бурандагӣ мебуранд, дар мошинаҳои дарздӯзӣ медӯзанд ва вобаста ба ороиши маснуот бо истифода аз мошинаи дарздӯзии замонавӣ ороиш медиҳанд.

Касбҳои асосие, ки дар саноати дӯзандагӣ фаъолият мебаранд: амсиласоз, омода намудани матоъҳо дар сехи бурандагӣ, буранда, дӯзанда, ороишгар, оператори мошинаҳои дарздӯзӣ, назоратчии сифат, тамғагузор, бандубастчӣ ва инчунин дигар касбҳои ёрирасон мебошанд.



Мувофиқи талаботи Кодекси меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи мутахассисони соҳа, аз ҷумла соҳаи истеҳсолоти дӯзандагӣ бояд аз рӯйи ихтисос амал намоянд.

Талаботи асосӣ аз касби оператори мошинаи дарздӯзӣ: бо диққат, масъулияти баланд, аз буранда: сарфакорӣ, аз амсиласоз ва ороишгар: эҷодкорӣ, навоварӣ, зебоипарастӣ, эҳёи урфу одатҳои миллӣ, интихоби дурусти рангҳо ва матоъҳо, аз дӯзанда: пуртоқатӣ, покизакорӣ, эҳтиёткорӣ, аз назоратчии сифат: бодиққатӣ, масъулиятнокӣ, аз тамғагузор ва бандубастчӣ: бодиққатӣ, чолокӣ, масъулиятшиносӣ, пуртоқатӣ аст.

Инчунин аз ҳамаи касбҳо вобаста ба соҳаи истеҳсолоти дӯзандагӣ риояи қатъии қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва гигиению санитарӣ талаб карда мешавад.

## КОРИ АМАЛИИ №4

### Технологияи дӯхтани чин-чин (волан)

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** ресмон, матоъ, қайчӣ, мошинаи дарздӯзӣ, намунаи чокҳои чин-чин ва пар-пар.

**Рафти кор:**

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1. | Канори пораи буридаро ба андозаи 0,3 см қат мекунанд ва 0,1 - 0,2 см аз ҷойи қаткунии канори пораи буридашуда дарз ва мошин мезананд. |
| 2. | Ҳангоми буридан матои қаткардаро то дарзи мошин қайчӣ мекунанд. |
| 3. | Канори дӯхтаро қатъ карда, бори дуюм аз канори тарафи чаппааш 0,2 см монда мошин мезананд (аз рӯйи расми додашуда). |
| 4. | Худозмоӣ:<br>1. Ба зебоии дарзи дастӣ ва мошинагӣ аҳаммият диҳед.<br>2. Ба сифати дӯхти канори матоъ аҳаммият диҳед.<br>3. Дар вақти иҷрои кори амалӣ қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо қайчӣ, сӯзану мошинаи дарздӯзӣ ва дарзмолро риоя кунед. Дарзмолкуниро босифат анҷом диҳед. |

  

***Расми 4.*** *Тарзи буридани матоъ барои чин-чин*

***Савол ва супориш:***
*1. Кадом намуди мошинаҳои дарздӯзии нимавтоматӣ ва автоматиро медонед?*
*2. Мошинаҳои ороишдиҳандаи маснуот кадом амалҳоро иҷро мекунанд?*
*3. Бо хоҳиши худ ягон намуди ороиш (чин-чин, пар-пар ва ғайра)-ро амалан иҷро кунед.*
*4. Дар бораи ҳуҷҷатгузории сехи фабрика ва ателйеҳои маҳалли зиндагиятон маълумот диҳед.*
*5. Оид ба касбҳои соҳаи истеҳсолоти дӯзандагӣ маълумот диҳед.*
*6. Касбҳои ороишгару амсиласоз дар кадом истеҳсолот фаъолият мебаранд?*

***Инро дар хотир доред!***
*Истифодаи мошин ва механизмҳо дар раванди истеҳсолоти дӯзандагӣ механиконии истеҳсолот номида мешавад.*

## § 5. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ РАВАНДИ ТЕХНОЛОГӢ

Қисми асосии корро дар истеҳсолот раванди технологӣ ташкил медиҳад. Тахти мафҳуми технология маҷмуи усулҳои коркард, сохтан, тағйир додани ҳолат, шакли ашёи хом, масолеҳ ё маҳсулоти нимтайёр, ки дар раванди ҳосил кардани маҳсулот истифода мебаранд, фаҳмида мешавад. Одатан, технологияро бо истеҳсолоти мушаххас алоқаманд мекунанд. Масалан, технологияи тайёр кардан ва дӯхтани либос, пойафзол, пухтани нон, гудозиши пӯлод ва ғайра.

Равандҳои мухталифи технологии зиёде мавҷуданд, ки ҳар кадоми онҳо сохтор ва хусусияти худро доранд. Ин сохтору хусусиятҳо барои бисёре аз равандҳои технологӣ умумӣ мебошанд.

Онҳо усулҳои механикӣ, химиявӣ, биологӣ ва энергетикӣ буда, ба раванди технологӣ дохил мешаванд.

Усули механикӣ (физикӣ-механикӣ) – чунин равандҳои технологиеро дар бар мегирад, ки ба воситаи таъсири механикӣ (буридан, пора кардани масолеҳ, бо винт, парчинмех пайвастани ҷузъҳо, бо мошинаи дарздӯзӣ дӯхтану пайвастани матоъ ва ғайра) ба ашёи меҳнат таъсир мерасонанд.

**Усули химиявӣ** – раванди технологиест, ки ашёи меҳнатро аз ҳисоби реаксияҳои химиявӣ тағйир медиҳад. Ин усул дар саноати электротехникӣ ҳангоми ҳосил кардани баъзе масолеҳи электроизолятсионӣ ва ноқил, дар соҳаи кишоварзӣ барои мубориза бо зараррасонҳо, дар мошинсозӣ барои муҳофизати филизот аз зангзанӣ, дар саноати сабук, истеҳсоли матоъҳои химиявӣ ва ғай-ра истифода бурда мешавад.

**Усули биологӣ** – ашёи меҳнат таҳти таъсири равандҳои биохимиявие, ки дар организми зинда ба амал меоянд, тағйир меёбад. Масалан, дар саноати хӯрокворӣ, химия ва саноати сабук васеъ паҳн шудааст (дар раванди хамиркунӣ ҳамроҳ кардани хамиртуруш ва расидани хамир). Ин усул дар саноати металлургия ҳам дида мешавад. Масалан, аз маъдан ҳосил кардани баъзе филизот (мис, манган, хром ва ғайра).

Усули энергетикӣ равандҳои технологиеро дар бар мегирад, ки бо истифодаи бевоситаи энергияи барқ, ҳаставӣ ва намудҳои дигари энергия ба амал бароварда мешаванд. Масалан, ҳосил кардани мис ва алюминий, ки онро бо ҷараёни баланди басомад обутоб медиҳанд ва ғайра.

Раванди технологӣ аз амалиёти технологӣ иборат аст. Амалиёти технологӣ қисми такмилёфтаи раванди технологиест, ки коргар ё гурӯҳи коргарон муттасил дар як ҷойи кор барои як маснуот иҷро мекунанд. Шумо дар раванди меҳнат амалиёти ҷудогонаи технологии коркарди матоъ, сохтани тарҳи маснуот, буридан, дӯхтан ва ғайраро иҷро мекунед.

Тарҳсозӣ аз такмили супориши техникӣ, ҳуҷҷати аввала, ки дорои маълумоти асосноки техникию иқтисодӣ ва талаботи техникӣ нисбат ба маснуот мебошад, оғоз меёбад.

Натиҷаи ниҳоии ҳуҷҷати корӣ нақшаи кориест, ки тамоми маълумоти барои тайёр кардан ва назорат намудани маснуот заруриро доро мебошад: нақшаи васлкунӣ, нақшаи ҷузъҳо ва ғайра.

Тасвири умумии равандҳои технологӣ, ки дар соҳаҳои гуногуни истеҳсолоти Тоҷикистон мавҷуданд, хеле рангоранг аст. Дар саноати сабук дар мисоли корхонаи дӯзандагӣ бо тарҳсозӣ шинос мешавем.

Дар сехи тарҳсозӣ пеш аз сохтани тарҳи либоси нав андозаи андомро гирифта ё аз рӯйи ҷадвали андозаҳои намунавӣ нақша тартиб медиҳанд, ки ин вазифаи тарроҳ (конструктор) аст. Дар ҳар сех мувофиқи маснуоти дар корхона дӯхташаванда матоъ ва қолаб интихоб карда, аз рӯйи нақша қолаб сохта мешавад. Аз ин рӯ, калон ё хурд кардани ҷузъҳои либос ва интихоби намуди мувофиқи он имконпазир аст.

Нақшаи либос бо роҳи андозагирӣ ва партофтани ҳиссаи чок сохта мешавад. Амсиласозии либос ин идомаи такмили тарҳ ё намунаи аввалаи либос аст.

Амсиласозӣ техникаи сохтани тарҳи либос аз рӯйи ангора мебошад. Дар истеҳсолоти дӯзандагӣ дар вақти сохтани тарҳи либос андозаи андоми дурусту миёнаи одам ба асос гирифта мешавад. Ҳангоми сохтани тарҳи либос се нишондиҳандаро ба назар мегиранд: қад, андоза, ҳаҷми андом.

Дар сехи тарҳсозӣ сохтани нақшаро (аз рӯйи андозаи муайян ва андозаи намунавӣ) андозазиёдкунии техникӣ бо қолабмистар (хурд ё калон кардани қолаб) меноманд. Он ҷузъҳои маснуот, ки аз коғаз ё картон сохта мешаванд, қолаб (нусха)-и матоъбурӣ ном доранд. Воситаҳои меҳнат дар истеҳсолоти дӯзандагӣ инҳоанд: мошинаи дарздӯзӣ, таҷҳизоти сехҳои омодасозӣ ва чокбурӣ.

Ашёи меҳнат дар истеҳсолоти дӯзандагӣ аз маснуоти бофандагӣ, матоъҳои гуногун, матоъҳои нобофта иборат мебошад. Раванди техникии меҳнат дар истеҳсолоти дӯзандагӣ аз омодасозии техникӣ ва технологии маснуоти дӯзандагӣ оғоз меёбад. Раванди омодасозии техникӣ кашидани тарҳ, навиштаҷоти он, муайян намудани хусусиятҳои матоъ, такмили техникии қолабсозиро дар бар мегирад. Ба раванди омодасозию технологии истеҳсолоти дӯзандагӣ чунин аломатҳо дохил мешаванд: гузоштани қолаб ба рӯйи матоъ, буридани маснуот, тайёрӣ ба такмили либос, тайёр кардани либос бо назардошти харитаи технологӣ (аз раванди саршавии кор то пурра дӯхтани либосро дар бар мегирад) ва таҷҳизот.

Номгӯй ва мазмуни ҳуҷҷати технологӣ бо стандарти давлатии системаи ягонаи ҳуҷҷати технологӣ (СЯҲТ) муқаррар карда мешавад. Намудҳои асосии ҳуҷҷатҳои технологӣ харитаи амалиёти маршрутӣ, ангора, дастурамали технологӣ, рӯйхати асбобу анҷом мебошанд. Раванди технологӣ асосан се давраро дар бар мегирад: тайёр ва ҳосил кардани масолеҳ, буридан ва дӯхтани масолеҳ. Давраи тайёр кардани масолеҳ дар сеххои қолабгирӣ ба амал меояд. Дар ин ҷо аз масолеҳи аввала ва ашёи хом масолеҳи ҷузъҳои ояндаи маснуот тайёр карда мешавад. Сифати кори коргарони сеххои қолабгирӣ, таҷҳизоти техникӣ, истеҳсолоти масолеҳтайёркунӣ аз бисёр ҷиҳат ба сарфи ашёи хом дар корхона вобаста аст. Баъд ҷузъҳои тайёрро мувофиқи талаботи техникии такмили масолеҳ ё маснуот ба сеххои дахлдор равон мекунанд.

Касби тарҳсоз дар истеҳсолоти дӯзандагӣ танҳо як вазифаро бар ухда дорад, аммо дар ателйе ва коргоҳҳои хурди дӯзандагӣ тарҳсоз аз интихоби амсила то пурра тайёр шудани маснуот уҳдадор аст.

Ателйеҳои дӯзандагӣ маҳсулоти асосиро дар худ нигоҳ медоранд ва ҳама коркардҳои аввалу охири маснуотро иҷро мекунанд. Коркардҳои аввалияи маснуот дар дастгоҳҳои дастӣ идора карда мешавад, зеро он дақиқии баланди коркардро талаб намекунад. Коркарди охири маснуот дар таҷҳизоти дӯзандагии махсус бо дараҷаи баланди дақиқ иҷро карда мешавад. Дар натиҷа, як қисми маснуотҳои коркардшуда дар ателйеҳои дӯзандагӣ барои пайваст кардани ҷузъҳо омода карда мешавад. Дар ателйеҳои махсус қисмҳо барои истеҳсоли маснуот дар мошинаҳои силсилавии тамғаҳои гуногун коркард карда мешаванд. Қисмҳои зарурии таҷҳизоти дӯзандагиро устои мошинаи дарздӯзӣ таъмин ва инчунин мошинаҳои дарздӯзиро таъмир мекунад.

Дар ателйеҳои дӯзандагӣ тарҳсоз вазифаҳои дизайнер, технолог ва дӯзандагиро бар уҳда дорад. Ҳангоми аз тарафи мизоҷони алоҳида фармоишро қабул намудан, ӯ метавонад маснуотро худаш дӯзад

Хусусияти кор дар ателйеи дӯзандагӣ муошири хуб бо мизоҷон мебошад. Тарҳсоз тамоми хоҳишҳо ва талаботро гӯш мекунад, мекӯшад, ки ҳамаи онро ба назар гирад. Ҳангоми таҳияи нақшҳо тарҳсоз на танҳо хоҳишҳои инфиродии фармоишгар, балки хусусиятҳои физикӣ-механикии матоъро низ ба назар мегирад. Вобаста аз мураккабии маҳсулот, тарҳсоз метавонад аз матои нисбатан арзон барои намоиш амсила созад.

Агар тарҳсоз бо матои гаронбаҳо амсила созад, пас тавсия дода мешавад, ки амсилаи интихобшуда ба навъи матои асосӣ монандӣ дошта бошад, то ки амсилаи маснуоти дӯхташаванда вайрон нагардад.

Дар ателйе монанди талаботи истеҳсолот қолабҳои (лекала) андозаро истифода набурдан ҳам мумкин аст, зеро тарҳсоз метавонад, худаш қолабро омода созад ва ё якбора дар рӯйи матоъ нақшаи қолабро кашад.

## СОХТАН ВА ТАРТИБ ДОДАНИ НАҚШАИ ҲАМЁН ВА БОРХАЛТА

Ҳамён барои асбобҳои хурд: шонача, оинача, айнак ва ғайра зарур аст. Борхалта барои пойафзол ва дигар лавозимоти дарси тарбияи ҷисмонӣ истифода бурда мешавад.

Ҳамён ва борхалта ҷилд доранд, ки дар он кисачаи хурдро ҷойгир кардан мумкин аст. Бо мақсади шиносоӣ бо кор дар сехи тарҳсозӣ, чокбурӣ ва дӯзандагӣ шумо метавонед аз рӯйи имконият ва бо хохиши худ маснуоти дар боло зикршуда, ё ин ки маснуоти содаи мувофиқро интихоб кунед.

## КОРИ АМАЛИИ №5

Шиносоӣ бо кор дар сехи тарҳсозӣ. Тартиб додани нақшаи ҳамён ё борхалта.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: нақшаи ҳамён ва борхалта, коғаз, қаламҳои ТМ ё М, қайчӣ, ҷадвал. Шумо метавонед намудҳои гуногуни борхалта ва ҳамёнро интихоб карда, барои худ дӯзед.

**Рафти кор:**

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1. | Бодиққат муайян кардани ченакҳо дар маснуот. |
| 2. | Кашидани нақшаи маснуот. |
| 3. | Муайян кардани хатҳои асосӣ ва яклухт дар нақша. |
| 4. | **Худозмоӣ:**<br>Дуруст ва аниқ будани ченакҳоро санҷед. |

5. **Супориш:** Тасвири графикӣ

Аз рӯйи хатти яклухти нақша мустақилона қолаб тайёр кунед.




***Савол ва супориш:***

*1. Тахти мафҳуми раванди технологӣ чиро мефаҳмед?*

*2. Вазифаи сехи тарҳсозӣ аз чӣ иборат аст?*

*3. Оид ба касби тарҳсоз маълумот диҳед.*

*4. Раванди омодасозии техникии истеҳсолоти дӯзандагӣ чиҳоро дар бар мегирад?*

*5. Ба раванди омодасозии технологии истеҳсолоти дӯзандагӣ кадом амалиёт дохил мешавад.*

***Инро дар хотир доред!***

*1. Технолог мутахассис доир ба технологияи истеҳсолот аст.*

*2. Нақша – акси ҷузъҳо ва дигар маълумотест, ки ба сохтану санҷидан зарурат дорад.*

*3. Ангора – акси ҷузъҳои дастӣ иҷрошуда ва бе ченкунии саҳеҳ мебошад, ки таносуби байни қисмҳои ҷузъро муайян мекунад. Ангора қайди хомакӣ, лоиҳаи аввалин мебошад.*

**Оё шумо медонед?**

Технология аз калимаи юнонии techne гирифта шуда, маънояш санъат, маҳорат, дониш ва logos илм мебошад.



***Расми 5.*** *Намудҳои ҳамён ва борхалта*

## § 6. РАВАНДҲОИ ТЕХНОЛОГӢ ДАР СОҲАҲОИ ГУНОГУНИ ХОҶАГИИ ХАЛҚИ ТОҶИКИСТОН

Намудҳои асосии ҳуҷҷати технологӣ аз харитаи хатти сайр, харитаи ангораҳо, дастурамали технологӣ, ҳуҷҷати асбобу анҷом иборат мебошанд.

Харитаи хатти сайр тасвири раванди технологии тайёр кардани маснуот аз рӯйи тамоми амалиёт, маълумот доир ба таҷҳизот, асбобу анҷом, масолеҳи истифодашаванда, инчунин баъзе маълумотҳои меъёриро дар бар мегирад.

Дар харитаи амалиёт нисбат ба харитаи хатти сайр иҷрои амалиёти ҷудогона мувофиқи гузоришҳо тасвир гашта, тарзи кори таҷҳизот, асбобу абзори назоратию ченкунии истифодашаванда нишон дода мешавад. Риояи дақиқи пайдарҳамии корҳои дар ҳуҷҷатҳо муқарраршуда, қоидаҳои истифода ва тарзи кори техника, интизоми технологӣ шарти ҳатмии ба амал баровардани раванди технологӣ мебошад.

Раванди технологӣ ҳосил кардани масолеҳ, сохтани ҷузъҳо ва маснуоти тайёр, васл кардани маснуотро дар бар мегирад. Ин давраҳо, яъне ҳосил кардани масолеҳ, ба шакл даровардан ва васл кардани маснуот дар раванди технологии аксари корхонаҳои соҳаҳои хоҷагии халқ ҷой доранд.

Масалан, як бахши раванди технологӣ дар корхонаи дӯзандагӣ чокбурӣ мебошад.

### РАВАНДИ ТЕХНОЛОГИИ КОР ДАР СЕХИ ЧОКБУРӢ

*Дар сехи чокбурӣ чунин амалиёти техникӣ иҷро карда мешавад. Давраи тайёр кардани масолеҳ:*

*1. Гузоштани матоъ (фарши матоъ).*

*2. Буриши матои гузошташуда ба қисмҳо.*

*3. Чокбурии ҷузъҳо бо ёрии мошини тасмагӣ, барқӣ, нимавтоматӣ ва гайра.*

*4. Пуррагардонӣ ва таҳкунии ҷузъҳои буридашуда.*

1. Матоъ аз сехи омодасозӣ қабул гашта, мутобиқи харитаи буриш бӯркашӣ шуда, баъд ба рӯйи мизи матоъфаршкунӣ меафтад. Ин корро шахсони махсус – фаршкунандагони матоъ (порагарон) иҷро мекунанд. Онҳо дарозии матоъро чен карда, ченаки матоъро ба харитаи фаршкунӣ менависанд ва матоъро рӯ ба рӯ ё тарафи рости матоъро ба поён карда мегузоранд. Вақти гузош-

тан матоъро ба рӯйи мизи барқӣ дуруст, ҳамвор меандозанд ва як тарафи ҳар яке аз қабатҳои матоъро мебуранд. Агар дар раванди фарш кардани матоъ нуқсон кам бошад, нуқсонро дар мобайни қолаб ҷойгир мекунанд. Агар нуқсон калон бошад, дар матоъ нишона мегузоранд ва ба коғаз гузаронида, дар рӯйи матоъ мечаспонанд. Баъд назоратчӣ матоъро гирифта, нишонаро месанҷад ва барои аз ин матои нуқсондор буридани ҷузъҳои муайян иҷозат медиҳад. Ҳоло дар истеҳсолоти дӯзандагӣ қариб ҳамаи корҳои дастиро мошинҳо иҷро мекунанд – онҳо барои амалӣ гардондани раванди технологӣ заруранд.

2. Технологияи нав мутаносибан техникаи аз ҳар ҷиҳат навро талаб мекунад. Дар корхонаҳои дӯзандагӣ матоъро бо ёрии мошинаҳои махсуси барқӣ мебуранд. Матои гузошташударо бо ёрии мошинаҳои барқӣ, нимавтоматӣ бо корди махсус ё диски чархдор ба 3-4 ҳисса бурида, баъд ба мошинаи тасмагӣ медиҳанд. Дар сехи чокбурӣ низ чунин мошинаҳои матоъбурии барқӣ, автоматӣ ва нимавтоматӣ мавҷуданд.

Мошинаи матоъбурии барқии ЭЗМ-3 барои фарш кардани матоъ то баландии 100 мм истифода бурда мешавад. Мошинаро дар рӯйи мизи матоъфаршкунӣ бо чор чарх гузошта, баъд бо дастаки эбонитӣ онро ба ҳаракат медароранд.



***Расми 6.*** *Намудҳои дастгоҳ ва мошинаҳо барои буридани матоъ*

Дар қисми пеш корд ҷойгир шудааст. Белча барои муҳофизати даст аз буридан ва фишорорӣ ба қисми болои матои фаршшуда хизмат мекунад. Матои фаршшуда барқад бурида мешавад. Мошин дар такягоҳ мустаҳкам карда шудааст, муҳаррики барқӣ барои васл кардани тумблер хизмат мекунад. Ба платформа дастак мустаҳкам ва лапар (козирёк) пайваст карда шудааст.

Мошинаи матоъбурию барқии РЛ-6 тасмаи чоргоҳест, ки тасмаи чархгардон онро ба ҳаракат медарорад. Мошинаи мазкур матои фаршшударо мебурад ва корди он бо суръати 20 м/с ҳаракат мекунад.

Дар истеҳсолоти дӯзандагӣ ва коргоҳҳои хурди дӯзандагӣ амалиёти буридани маснуот ба касби буранда вогузор карда мешавад. Аз касби буранда масъулияти баланд талаб карда мешавад, зеро сифати маснуоти дӯхташуда аз кори буранда вобастагии калон дорад.

Буранда бояд шахси бодиққат, масъулиятшинос, дақиққор, тозакор, сарфакор бошад.



***Расми*** *7. Буранда дар сехи бузандагӣ*

Усули ратсионалӣ – мошинаи махсусе, ки барои зуд буридани шумораи зиёди қолабҳо пешбинӣ шудааст. Дар ин усул лӯлапечи матоъ аз байни ду наварди даврзанандае, ки корд ва фишордиҳак доранд, мегузарад. Кордро дар навард маҳкам мекунанд. Асбоби буранда аз пӯлод буда, ба мошине, ки дар он як қабат матои трикотажӣ ҷойгир аст, васл карда мешавад.

Усулҳои гуногуни буридани матоъ мавҷуданд: буридани матоъ бо мошинаи буриш (резак), бо ёрии усулҳои барқӣ, ултрасадоӣ, микроплазмагӣ ва нури лазерӣ.

3. Дар сехи омодасозӣ тавассути мошинаи матоъбурӣ дар як вақт якчанд қолабро ҳамроҳи матоъ мебуранд. Он аз мизи дарози матоъфаршкунӣ иборат аст. Дар сари миз оина гузошта шудааст. Ҳангоми аз рӯйи миз гузаштани матоъ нуқсонҳои он дар оина намудор мешаванд. Ҷойи нуқсондори матоъро нишона гузошта, онро дар қоғаз менависанд ва қоғазро ба матоъ медӯзанд. Дар давоми миз мошинаи матоъбурии нимавтоматӣ ҷойгир шудааст. Ба рӯйи миз якчанд қабат (40-250 қабат ва аз он ҳам зиёдтар) матоъро мегузоранд. Дар ин ҳолат навъи матоъ, сохт ва хусусияти он ба назар гирифта мешавад. Ҳангоми бо ин усул дар мизи махсуси дароз гузоштани матоъ бар ва дарозии матоъ ҳатман бояд як хел бошад. Агар матоъ нуқсон дошта бошад, баъзе ҷузъҳо нопурра бурида мешаванд. Дар вақти буридани ҷузъҳо якбора ҳиссаи чокро ба қолаб илова мекунанд. Дар сехи матоъбурӣ ҳар як амалиёт бояд муайян бошад. Матоъро нағз таҳ карда, ҳамроҳи қолаби ҷузъҳои либос ба мизи тайёрӣ медиҳанд. Баъд матоъро чен карда, нуқсони онро муайян намуда, сипас мебуранд. Қолабҳо миқдоран зиёд, вале ба намуди амалиёт бояд мувофиқ бошанд. Пораҳои нуқсондорро барои манжет, киса, гиребон ва ғайра истифода мебаранд.

4. Баъд дар рӯйи мизи махсус шумораи зиёди ҷузъҳои мувофиқро як ҷо ҷамъ ва таҳ карда, ба ҷузъдонҳои алоҳида меандозанд. Сипас ба масолеҳи таҳкарда харитаи хатти сайр тартиб дода, дар он рақами ҷузъдон, шумораи ҷузъҳо, номи маснуот, маъ-

лумоти андозаро менависанд ва ҷузъдони ҷузъҳои буридашударо ба сехи дӯзандагӣ месупоранд. Дӯзанда аз рӯйи он маснуотро пурра медӯзад. Дӯзанда барои дӯхтани паҳлуи маснуот, қат кардани бари доман, нӯги остин мошинаҳои махсусро истифода мебарад.

## БУРИДАНИ МАТОЪ БАРОИ ҲАМЁН Ё БОРХАЛТА

Пеш аз буридан бояд матоъро интихоб кард. Барои маснуоти интихобкарда матои яклухту пораҳои матои ҷинсӣ, матои плашворӣ ё дигар матои мустаҳкамро истифода мебаранд. Маснуотро бо селлофани полиэтиленӣ ё филюз (ба асос тавассути дарзмоли барқӣ часпонда мешавад) рӯйкаш кардан мумкин аст.

## КОРИ АМАЛИИ №6

Шиносоӣ бо кори сехи чокбурӣ. Буридани маснуоти ҳамён ё борхалта.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: қолаби ҳамён ва борхалта бо миқёси 1:1, ҷадвал, ченактасма, қалам, бӯр ё собуни дастшӯйӣ барои кашидани хатҳо, қайчӣ.

**Буридани ҳамён ё борхалта**

**Рафти кор:**

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1. | Аз назар гузаронидани қолаб. |
| 2. | Интихоб кардани матоъ ва аз назар гузаронидани матоъ ва ё пораҳо. |
| 3. | Ҷобаҷогузории қолаб ба рӯйи матоъ. |
| 4. | Гузаронидани хатҳои асосӣ ва суробӣ. |
| 5. | Буридани матоъ. |
| 6. | Дар вақти буридан қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо қайчӣ ва сӯзанакҳоро риоя кунед. |
| 7 | Худозмоӣ:<br>1. Ба дурустии хатҳои асосӣ ва фосиладор аҳаммият диҳед.<br>2. Ҷойи буридашудаи матоъ бояд рост ва зебо бошад.<br>Супориш: мустақилона, таҳти назорати омӯзгор қоидаҳои гузоштани қолаб ба рӯйи матоъро риоя карда, қолаби ҳамён ё борхалтаро ба рӯйи матоъ гузошта, ҳиссаи чокро ба эътибор гирифта, матоъро бо риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ буред. |



***Расми 8**. Намунаи матоъҳо барои дӯхтани борхалта ва ё ҳамён*

*Инро дар хотир доред!*
*Қолаб – нусхаест аз картон, қоғаз, клеёнка, ки ба рӯйи он нишона гузошта, ҷузъҳои маснуотро мебуранд.*
*Қолабсозӣ – касбест дар саноати сабук; қолабсоз – шахсест, ки қолаб месозад. Ӯ бояд тарзи андозагирии қолаб, техникаи сохтани нақшаи андозаҳои гуногун, қоидаҳои тарҳсозии маснуот, шароити техникӣ ва усулҳои тайёр кардани қолабҳоро хуб донад.*

***Савол ва супориш:***
*1. Дар сехи чокбурӣ кадом корро иҷро мекунанд?*
*2. Пеш аз буридани матоъ ба нуқсони он чӣ тавр аҳаммият додан лозим аст?*
*3. Тарзи ба рӯйи мизи матоъбурӣ гузоштани матоъро фаҳмонед.*
*4. Оид ба касби буранда маълумот диҳед.*
*5. Сифатҳои шахсии бурандаро баён созед*

## § 7. НАЗОРАТ БА СИФАТИ МАҲСУЛОТ

Вазифаи асосии истеҳсолоти имрӯза баланд бардоштани сифати маснуот мебошад. Истеҳсоли либосҳои хушсифат ҳамон вақт даст медиҳад, ки ба сифати маснуот дар ҳама марҳалаҳои истеҳсолоти дӯзандагӣ назорат бурда шавад. Маснуоти истеҳсолшуда бояд хушсифат, ба талаботи мӯдҳо ҷавобгӯ, бо намудҳои гуногун ва ороишоти ҳархела дӯхта шуда бошад.

Аз қабулу буридани матоъ то супоридани маснуоти тайёр ҳуҷҷатҳои техникие мавҷуданд, ки дар ателйе ва корхонаҳои дӯзандагӣ дар асоси онҳо сифати маснуотро назорат мекунанд. Дар ин ҳуҷҷатҳо ном, шумора, вазифа, намуди иҷроиши маснуот дода шудааст. Назорати пешакӣ санҷидану тафтиши сифати матоъ то замони такмили он мебошад. Ин намуди санҷиш дар сехи омодасозӣ ба амал бароварда мешавад. Лӯлапечи матоъро дар дастгоҳ чен карда месанҷанд, ки он чанд метр аст, васеии матоъ ва нуқсони онро муайян месозанд.

Дар байни ду амалиёти техникӣ назорати мобайнӣ иҷро мешавад. Маснуоти фабрикаи дӯзандагӣ ва ателйеҳо бояд ба стан-

дарт мувофиқ ва ба шартҳои техникӣ ҷавобгӯ бошад. Сифатнокии маснуоти дӯзандагӣ бо ченаки шартии балгузорӣ баҳо дода мешавад. Маснуот ҳамон вақт хушсифат ҳисобида мешавад, ки ба он 40 хол дода шавад. Барои баҳо додани маснуоти тайёр 3 гурӯҳи нишондиҳандаҳо интихоб карда шудааст:

*1. Нишондиҳандаи эстетикӣ (зебоӣ) – 20 хол.*

*2. Нишондиҳандаи конструктивӣ – 10 хол.*

*3. Нишондиҳандаи технологӣ – 10 хол.*

Нишондиҳандаи эстетикӣ аз мувофиқат кардани шаклу тарҳи маснуот ба шартҳои техникӣ, ба ранги матоъ, ришта, тугма, чангак ва дигар намудҳои масолеҳ иборат мебошад.

Нишондиҳандаи конструктивӣ – босифат сохтани нақшаи тарҳи либос, ба андоми одам мувофиқ будани он аст.

Асоси нишондиҳандаи технологиро дарзҳои бе ҳалқапартоӣ ташкил медиҳанд.

**Маълумот оид ба қабули давлатии маҳсулот**.Ба ҳар як маснуот хосиятҳои махсус хоссанд, ки сифати онро тавсиф мекунанд. Барои матоъ ғафсӣ, ғиҷимшавӣ, кашишхӯрӣ хос мебошад. Нишонаҳои сифатӣ барои тамоми маснуот аз мустаҳкамӣ, шинамӣ, зебоӣ иборат буда метавонанд. Назорати сифати маҳсулот қисми муҳимтарин ва ҳатмии раванди технологӣ дар соҳаи истеҳсолот аст. Қисми асосию таркибии раванди технологӣ чен кардани бузургиҳои гуногуни маснуот мебошад.

Дар раванди тайёр кардани ҷузъҳо бештар андозаҳои он, аз меъёр дур шудани шакл ва намуди он, сифат ва андозаҳои дигар таҳти назорат гирифта мешаванд. Ба системаи назорат, ки сақати (брак) технологии маҳсулотро истисно мекунад, на танҳо ченкунӣ, балки усулҳои дигари муқоиса ва озмоиш дохил мешаванд.

Дар системаи назорати сифати маснуот, ки марбути истеҳсолоти муосир аст, техникаи электронию ҳисобкунӣ ба таври васеъ истифода мешавад. Бо ҷорӣ шудани он раванди дарёфти норасоиҳо тезтар гашта, ғалатҳои андозагирӣ кам шудаанд. Дар шароити пешрафти илмию техникӣ баланд бардоштани сифати маҳсулот мавқеи махсусро ишғол мекунад. Мақомоти қабули давлатӣ на танҳо сифати маснуоти тайёрро тафтиш мекунанд, инчунин тамоми рафти раванди истеҳсолот (аз нигоҳ доштани ашёи хом то масолеҳи нимтайёру тайёр)-ро таҳти назорат мегиранд.

Кормандоне, ки қабули давлатии маҳсулотро ба амал мебароранд, якҷоя бо намояндагони шуъбаи тафтишоти сифати корхона сабаби сақат (брак)-ро таҳлил мекунанд, барои бартараф

кардани он кумак мерасонанд. Намояндагони қабули давлатӣ метавонанд дурустии иҷрои ҳар як амалиёти технологӣ, ҳифзу эҳтиёти тамоми таҷҳизоти технологӣ ва воситаҳои назорату ченкуниро тафтиш кунанд, дар сурати риоя накардани ягон шарту шароити техникӣ ё талаботи стандарти давлатӣ истеҳсоли маҳсулотро боздоранд.



***Расми 9.*** *Мошинаҳои дарздӯзӣ дар истеҳсолоти дӯзандагӣ*

Дар истеҳсолоти дӯзандагӣ маҳсулоти тайёршударо касби дӯзанда бар ухдаи худ дорад. Аммо барои сифати маҳсулоти дӯхташударо муайян намудан ва ба талаботи стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ будан касби нозири сифат нақши муҳимро дорад.

Нозири сифат мутахассисест, ки сифати маҳсулотро дар корхона арзёбӣ мекунад. Касб барои онҳое, ки ба фанҳои физика, химия, санъат ва меҳнат, нақшакашӣ, технология (таълими меҳнат), математика ва ғайра шавқ доранд, мувофиқ аст.

Фарқ надорад, ки истеҳсолот чӣ истеҳсол мекунад, маҳсулот бояд бо сифати баланд бошад. Талабот ба молҳои истеҳсолшуда ва обрӯйи истеҳсолот дар маҷмуъ ба ин вобаста аст. Барои санҷидани маҳсулот нозир аз асбобҳои гуногуни ченкунӣ истифода мекунад. Агар камбудие пайдо шавад, маҳсулот бояд барои бознигарӣ баргардонида вобаста ба дараҷаи сифат пурра рад карда шавад. Ин кори осон нест ва баъзан аз нозири сифати маҳсулот мустаҳкамӣ ва риояи принсипҳоро талаб мекунад. Агар нозир хаторо пай набарад, пас айб дар корхона бар дӯши ӯст, ки ин масъулияти молиявиро дар назар дорад. Баъзан нуқсонҳо натиҷаи хатоҳои худи раванди технологӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки танҳо бо тағйир додани раванди технологӣ бо истифодаи мошинаҳои замонавӣ ба сифати хуб ноил гардидан мумкин аст. Аз ин рӯ, нозири сифат бо амсиласозон ва технологон ҳамкории зич дошта бошад. Мутахассиси шуъбаи назорати сифат ба устувории хислат, хотирҷамъӣ, дақиқӣ, тамоюл ба кори заҳматталаб, таваҷҷуҳ ба ҷузъиёт ниёз дорад.



***Расми 10***. *Касби нозири сифат*

Барои нозири сифат донистани талаботҳои стандарт, донистани расмҳо ва нақшҳо дар истеҳсолоти саноати дӯзандагӣ ва дигар истеҳсолот зарур аст.

Касби нозири сифатро пас аз хатми коллеҷ ё донишгоҳҳо ба кор ё таҷрибаомӯзӣ шуруъ кардан мумкин аст. Касби мазкур барои мардон бештар мувофиқ аст, зеро он бо фаъолияти ҷисмонӣ алоқаманд аст ва ҳадди ақал маълумоти миёнаи касбиро талаб мекунад.

**Оё шумо медонед?**

Стандарт аз калимаи Standard гирифта шуда, маънояш намуна, нусха, қолаб ва андозаи маснуоти якхела мебошад.

## МАЪЛУМОТ ОИД БА ТАРЗҲОИ МУҲОФИЗАТИ ТАБИАТ АЗ ТАЪСИРИ ПАРТОВҲОИ ЗАРАРНОКИ ИСТЕҲСОЛОТ

Равандҳои технологӣ дар ҳар соҳаи истеҳсолоти моддӣ ба муҳити атроф таъсир мерасонанд. Агар таъсири технологӣ нодуруст бошад, пас оқибати он манфӣ хоҳад буд.

Миқёси таъсири манфии истеҳсолот ба муҳити атроф бевосита ба сифати технологияи истифодашаванда вобаста аст.

Дар ҷумҳурии мо ба муҳофизати обу ҳаво аҳаммияти махсус дода мешавад. Барои муҳофизати табиат аз партовҳои зарарнок дар корхонаҳои саноатӣ аз дастгоҳи махсуси газтозакунӣ ва чангтозакунӣ истифода мебаранд. Вазифаи муҳимми муҳофизати табиат беҳтар кардани ҳолати захираҳои оби ҷумҳурӣ мебошад. Обҳои ифлоси корхонаҳо моддаҳои барои табиат хатарнок дошта метавонанд.

Василаи муҳимми муҳофизати табиат такмили комплексии ашёи хом мебошад. Дар чунин тарзи коркард партовҳои истеҳсолот хеле кам карда мешаванд. Татбиқи ҳамаҷонибаи такмили комплексии ашёи хом имкон медиҳад, ки партовҳои як корхона дар корхонаи дигар ҳамчун ашёи хом истифода бурда шаванд.

Ҳамин тариқ, тамоми захираҳои табииро бо роҳи коркарди дубора ба маҳсулоти фоиданок табдил додан мумкин аст. Барои ҳосил кардани наххои химиявӣ, ки ба сунъӣ ва синтетикӣ ҷудо мешаванд, партовҳои чӯб, тахта, филиз, шишаро истифода мебаранд.

Саломатии инсон ба муҳити зист вобаста аст. Инсон дар муҳити хона ба талаботи гигиенӣ риоя мекунад. Аз шуши одам дар як шабонарӯз қариб 15-17 метри кубӣ ҳаво мегузарад ва ин ҳаво бояд тоза бошад. Бинобар ин, дар фасли зимистон пагоҳӣ ва

пеш аз хоб бодпарвои тиреза, дар фасли баҳор пурра дар давоми рӯз тирезаро кушода мондан лозим аст. Барои ба хона надаромадани магас ба он дока мезананд, ба бодпарвои тиреза коғазро борик-борик бурида мечаспонанд.

Ҳавои хонаро буғҳои дар вақти пухтани таом ҷудошуда ифлос мекунанд. Бинобар ин, сарпӯши дегро доим пӯшондан зарур аст, кӯшиш кардан лозим аст, ки таом насӯзад ва ба рӯйи плита наафтад. Тирезаи ошхона бояд доим кушода ва дари хонаи асосӣ пӯшида бошад, чунки аз газхона ҳар хел бӯй ба хона медарояд ва ба сару либос мешинад, алалхусус бӯйи моҳибирён. Ҳавои ифлос дар хона доим дар ҳаракат буда, аз фарш ба боло ҳаракат мекунад, ба гулу даромада, ба шуш мегузарад ва боиси сар задани бисёр касалиҳо мегардад. Бинобар ин, аз хона ҳавои ифлосро баровардан лозим аст .

Хона бояд тоза ва хушк бошад. Назорат кунед, ки кунҷҳои фаршу хона мағор накунанд ва бӯйи мағор наояд. Намнокӣ дар хона аз ҳисоби хушк кардани лавозимот, либос, ҷӯшондани либос дар зарфи бесарпӯш ба вуҷуд меояд.

Кам тоза кардани ҳавои хона ба саломатӣ зарар дорад. Ҳавои хона дар фасли зимистон бояд бисёр гарм набошад, чунки кас аз хонаи гарм ба берун баромада касал мешавад.

Дар фасли баҳор нурҳои офтоб фоидаоваранд. Барои он ки нури офтоб ба хона зиёдтар дохил шавад, шишаи тирезаҳо бояд доим тоза бошанд. Дар ифлосиҳои ба замин нишаста, дудҳои ҳархела, дуди аз мошинҳо ва техникаи кишоварзӣ хориҷшуда қариб 200 намуди моддаҳо мавҷуданд, ки аз ин миён фақат 5-тоаш безаҳранд. Аз ҳисоби партовҳои комплекси чорводорӣ ҳаво, замин ва об заҳролуд шуда, ба организми инсон таъсири манфӣ мерасонанд. Бинобар ин, дар назди экологҳои шаҳру ноҳияҳо, вилояту ҷумҳурӣ вазифа гузошта шудааст, ки об, ҳаво, заминро то тавонанд тоза нигоҳ доранд.

## КОРИ АМАЛИИ № 7

**Шиносоӣ бо кори сехи дӯзандагӣ.**

Дӯхтани борхалта ва ҳамён.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот**: матоъҳои буридашуда, сӯзан, ришта, қайчӣ, мошинаи дарздӯзӣ, дарзмол.

**1. Рафти кор: дӯхтани борхалта**

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1. | Чокҳои канорӣ, поёнӣ ва паҳлуиро аввал дастӣ дарз занед ва баъд бо мошин дӯзед. |
| 2. | Дар поёни борхалта ба рӯйи чокҳо 2 тасмаи бахмалӣ, чармин ё пашмин гузошта дӯзед. |
| 3. | Аз канори болои борхалта ба тули 8-10 см 6 тасмачаро дар масофаи якхела шинонед, ки аз он тасма ё камарбанди ресмонии аз ҳамин хел матоъ дӯхташуда хоҳад гузашт. |
| 4. | Барои ороиши иловагӣ тугмаҳои филизӣ ё пластмассиро истифода баред. |
| 5. | Супориш: мустақилона, таҳти назорати омӯзгор қисмҳои буридаи ин маснуотро, бо риояи талаботи техникӣ, ҳиссаи чокро гузошта, аввал дастӣ, баъд бо мошинаи дарздӯзӣ дӯзед. |

**2. Рафти кор: дӯхтани ҳамён**

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1. | Аввал бояд занҷирак (молния)-ро ба канори ҷузъ бо масофаи 1-2 мм аз ҷойи қатшуда пайваст кунед. |
| 2. | Бурриши канории ҷузъҳоро аз тарафи чап то 7-10 мм қат мекунед. |
| 3. | Чокҳои канориро аввал дарз зада, баъд бо мошин дӯзед. |
| 4. | **Худозмоӣ:**<br>а) Ба зебоии чокҳои канорӣ аҳаммият диҳед.<br>б) Ба сифати чокҳои пайвасти занҷирак аҳаммият диҳед. |

Шумо метавонед намудҳои гуногуни борхалта ва ҳамёнро интихоб карда, барои худ дӯзед.



***Расми 11****. Раванди омода намудани ҳамён*



***Расми 12.*** *Намудҳои ҳамён ва борхалта*

***Савол ва супориш:***
*1. Партовҳои боқимондаро дар истеҳсолот бо кадом роҳ барои истеҳсоли наххо кор мефармоянд?*
*2. Ба сехи дӯзандагӣ ҷузъҳои либосро дар кадом ҳолат месупоранд?*
*3. Барои муайян кардани сифати маснуот кадом нишондиҳандаҳо ҳатмӣ шуморида мешаванд?*
*4. Барои санҷидани сифати маснуоти дӯхтаатон кадом қоидаҳоро риоя кардед?*
*5. Оид ба касби нозири сифат маълумот диҳед.*
*6. Сифатҳои шахсии касби нозири сифатро муайян созед.*

## § 8.САЁҲАТИ ТАЪЛИМӢ БА СЕХИ ЯХМОСБАРОРӢ

Бо мақсади шиносоӣ пайдо намудани хонандагон бо истеҳсолоти соҳаи саноати хӯрокворӣ, раванди фаъолият дар коргоҳ, шиносоӣ бо касбҳои гуногуни коргоҳ, маҳсулоти тайёр ва ашёи хоми он, раванди кори таҷҳизоти муосир, ҳолати санитарию гигиенӣ нигоҳ доштани коргоҳ, таҷҳизот, маҳсулот саёҳати таълимӣ гузаронида мешавад.

Саёҳат яке аз шаклҳои шиносоии хонандагон бо ташкили истеҳсолот, техника, технология ва касбҳои гуногуни соҳаи хоҷагии халқ мебошад.

Вохӯрӣ бо мутахассисони намояндагони касбҳои гуногун яке аз шаклҳои пурмаҳсули ташвиқоти касбҳое, ки дар минтақаи додашуда зарурӣ мебошанд, ба ҳисоб меравад ва барои тарбияи хонандагон дар эҳтироми онҳо ба одамони меҳнатӣ имконият медиҳад.

Барои боз ҳам муфассалтар ва аниқтар шинос шудани хонандагон бо истеҳсолоти гуногун ва мазмуни кор, доир ба касбҳои гуногуни соҳа вобаста ба гузаронидани саёҳати таълимӣ ба корхонаҳо, сехҳои гуногун аҳаммияти калон дорад. Саёҳати таълимӣ бо банақшагирии пешакӣ ва бо мавзуъҳои аниқ гузаронидани пешакӣ, мешавад. Барномаи саёҳати таълимӣ аз якчанд ҷанбаҳо иборат аст: мақсад ва вазифаи саёҳати таълимӣ бояд аниқ карда шавад: пешакӣ ба он тайёрӣ дида шавад; рафти саёҳати таълимӣ, натиҷа ва хулосабарории раванди саёҳати таълимӣ ва ҷамъбасти сухбат гузаронида мешавад.

Яке аз соҳаҳои саноати хӯрокворӣ ин истеҳсоли яхмосбарорӣ мебошад.Яхмос маҳсулоти хӯрокворӣи калориянокиаш баланд мазаи гуворо ва ҳазмшавии хуб дошта, ҳам барои хурдсолон ва ҳам калонсолон тароват мебахшад. Талабот ба яхмос ҳамеша

зиёд аст, новобаста аз мавсими сол. Яхмос бо таъми худ дар ҷаҳон беҳтарин шинохта шудааст. Ҳамзамон дар баробари дигар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яхмоси ватанӣ истеҳсол карда мешавад.

Яхмосҳои муосир дар истеҳсолоти ба дараҷаи баланд механиконида омода карда, ба фурӯш бароварда мешавад. Равандҳои асосии технологӣ бо мошинаҳои махсус сурат мегиранд.

Дар истеҳсолоти яхмосбарорӣ аз сабаби он, ки таҷҳизоти худкор бештар истифода бурда мешавад, ҷалби мутахассисони зиёд зарурият надорад. Асосан дар истеҳсолоти яхмосбарорӣ мутахассиси яхмостайёркун, муҳандис-технолог, технологи хӯрокворӣ барои тайёр кардани яхмос, пазандаи нончаҳо (вафля), оператор, ороишгари намуди зоҳирии қоғази яхмос, чашанда (дегустатор), таблиғотчии маҳсулот, иқтисодчӣ, назоратчии сифат, бандубастчӣ ва ғайра фаъолият мекунанд.

Яхмос аз маҳсулот ва ашёи хом омода карда мешавад, ба монанди: маҳсулоти ширӣ, шакар, мева, буттамева, хушкмева, шоколад ва хокаҳои рангоранги хӯрока, моддаҳои хушкбӯйкунанда ва ғайра.

Мутахассиси яхмостайёркун кори дастгоҳҳоро танзим карда, ҷараёни бемайлони равандҳои технологиро назорат мекунад. Мувофиқи дастурҳои муайян, вобаста ба намуди яхмос омехтаҳои гуногун, аз тарафи мутахассисони ин соҳа омода карда мешавад: онҳоро бо тартиби муайян интихоб намуда, барои коркард тайёр мекунанд, ба омехта моддаҳои рангоранг ва хушбӯй ҳамроҳ карда мешавад; сипас омехтаи тайёрро дар таҷҳизоти махсус (фризҳо) лат медиҳанд, онро ба қолибҳо рехта, дар камераҳои яхдон барои яхкунӣ мефиристанд; омодагӣ ва сифати маҳсулотро муайян мекунанд; бастабандӣ карда ба фурӯш мебароранд. Дар раванди тайёр кардани яхмос вобаста ба ҳар як амалиёт мутахассис амал мекунад.

Мутахассиси яхмостайёркунӣ бояд хотираи хуб дошта бошад, зеро вай навъҳои гуногуни маҳсулот, дорухат (ресептҳо), технологияи тайёр кардани намудҳои гуногуни яхмос ва ғайраро донистанаш лозим аст.

Дар истеҳсолоти яхмосбарорӣ бештар занон фаъолият мекунанд. Мувофиқи талабот ҷавоҳирот манъ буда, бо либоси махсуси корӣ, яъне хилъати сафед ё кабуд ва кулоҳ ва ё сарбанд кор мекунанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор истеҳсолоти яхмосбарорӣ мавҷуд аст, ба монанди: “Яхмоси 33”, “Пуличуқур”, “Дӯсти Амирхон”, “Эскимо-М”, “Помир” ва ғайра.

Ба саёҳати таълимӣ рафта, хонандагон бо таърихи пайдоиши корхонаи яхмосбарорӣ шинос мешаванд ва бо чашмони худ мебинанд, ки чӣ гуна маҳсулоти ширӣ дар шароити истеҳсолӣ омода карда мешавад.

Ҳангоми гузаронидани саёҳати таълимӣ дар корхонаи яхмосбарорӣ хонандагон бо намудҳои гуногуни сехҳои яхмосбарорӣ шиносоӣ пайдо менамоянд:

Дар сехи вафелбарорӣ (вафлянони қандини тунуке, ки дар рӯяш нақши тӯр дорад) вафлиҳо истеҳсол карда мешаванд, ки баъдан бо яхмос пур карда мешаванд;



**Дар сехи пухтупазӣ** – аз ҷузъҳои гуногун массаи гарми ширинӣ омода мешавад, ки баъдтар ба яхмос табдил меёбад.

**Сехи асосӣ** – дар сехи мазкур якчанд амалиёт коркард мешавад, ба монанди баъди яхмос омода шудан, як қисмашро дар вафли ҷойгир намуда, дигарашро бо омехтаҳои шоколадӣ ва гуногун рӯйкаш мекунанд.

Барои коркарди яхмосҳо таҷҳизоти махсус, аз ҷумла яхдонҳои махсус ва конвейерҳо кумак мекунанд. Пас аз тайёр кардан, яхмосро ба камераҳои махсус мефиристанд, ки дар он ҷо ҳарорат -40° С муқаррар карда шудааст.

Ҷолиб он аст, ки тақрибан тамоми раванди омода намудани яхмос ба таври автоматӣ тайёр карда мешавад. Таҷҳизотҳои замонавии яхмосбарорӣ таҳти назорати доимии мутахассисон қарор дошта, яхмосҳои болаззаттаринро омода мекунанд.

Баъд аз гузаронидани саёҳати таълимӣ дар сехи яхмосбарорӣ хонандагон оид ба раванди омода намудани яхмосҳо, тарзи кори таҷҳизотҳои муосири яхмосбарорӣ, инчунин аз оғози тайёр намудани хамир барои вафлӣ то ба омода намудани маҳсулот ва ҷойгир намудани яхмос ба яхдонҳо маълумоти пурра мегиранд.



***Расми 13**. Мутахассисон дар истеҳсолоти яхмосбарорӣ*

## КОРИ АМАЛИИ №8

**Натиҷаи саёҳати таълимӣ ба истеҳсолоти яхмосбарорӣ**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Баъди ташриф ба истеҳсолоти яхмосбарории наздик ба маҳалли худ хулосабарорӣ намуда, ба тариқи эссе таассуроти худро пешниҳод намоед. Дар эссе оид ба раванди технологии истеҳсолот, маҳсулоти тайёршаванда, номгӯйи навъҳои маҳсулоти истеҳсолшаванда, таҷҳизоти муосири истеҳсолот, касбҳое, ки дар истеҳсолот фаъолият мебаранд, маълумоти мушаххас оред. Дар истеҳсолоти соҳаи хӯрокворӣ аз ҷиҳати эҷодкориву навоварӣ чиро мушоҳида намудед, дар эссе баён намоед.

**Савол ва супориш:**

*1. Оид ба истеҳсолоти соҳаи хӯрокворӣ, истеҳсолоти яхмосбарорӣ маълумот диҳед.*

*2. Оё дар назди маҳалли худ истеҳсолоти яхмосбарорӣ мавҷуд аст ва агар бошад, оид ба коргоҳи мазкур маълумот диҳед.*

*3. Оид ба касбҳое, ки дар истеҳсолоти яхмосбарорӣ фаъолият мебаранд, маълумот диҳед.*

*4. Оид ба ҳолати санитарию гигиении истеҳсолоти яхмосбарорӣ маълумот диҳед.*

# БОБИ 2. ИНТИХОБИ КАСБ

## § 9. КАСБҲОИ ХОҶАГИИ ХАЛҚ. ТАСНИФИ КАСБҲО

Касб як навъи фаъолияти меҳнатӣ буда, тайёрии махсусро талаб мекунад. Касб ҳосил кардани дониши мувофиқ ва малакаи амалии он мебошад. Дар ҳаёти ҳаррӯза бо бисёр касбҳое вомехӯред, ки шиносоӣ бо онҳо аз аҳаммият холӣ нест. Аз байни онҳо касберо, ки ибтидои фаъолияти меҳнатии шахс хоҳад гашт, чӣ тавр бояд интихоб кард? Дар ин кор ба шумо таснифоти касбҳо ёрӣ мерасонад.

Ҳангоми омӯзиши бештари фанҳо шумо бо чӣ хел тасниф шудани мавзуъҳо, далелҳо, ҳодисаҳои гуногуни содаю мураккаб ва монанди инҳо шинос мешавед. Олами набототу ҳайвонот ба намудҳо, синфҳо, оилаҳо тақсим мешавад.

Нишонаҳои гуногунро ҳамчун асоси таснифоти касбҳо қарор додан мумкин аст. Касбҳоро аз рӯйи ҳарфи аввали номашон тақсим кардан мумкин аст, аммо ин барои касбинтихобкунӣ мувофиқ намеояд, чунки наврасону ҷавонон номи касбро донистан мехоҳанд.

Касбҳоро аз рӯйи мансубияташон ба соҳаҳои хоҷагии халқ низ тақсим кардан мумкин аст. Ин тарзи таснифоти касбҳо барои роҳбарони корхонаю муассисаҳои таълимӣ мувофиқ буда, барои шахсони касбинтихобкунанда мувофиқ нест. Дар саноати дӯзандагӣ касбҳои гуногун мавҷуданд: тарҳсоз, конструктор, танзимгари таҷҳизоти технологӣ, муҳосиб, буранда, дӯзандазани моторист, челонгар, иқтисодчӣ ва ғайра.

Ҳама гуна меҳнат олот ва воситаҳои худро дорад. Ниҳоят, барои одам дар чӣ гуна шароит сурат гирифтани кор хеле аҳаммият дорад. Маҳз аз рӯйи ҳамин аломатҳо касбҳоро тасниф мекунанд, ки барои интихоб мувофиқ аст.



### ТАСНИФИ КАСБҲО

Вобаста ба меҳнат тамоми касбҳоро ба панҷ намуд тақсим кардан мумкин аст.

**1. «Одам-табиат».** Дар ин маврид табиати зинда предмети меҳнат ба шумор меравад. Ба он касбҳои тухмипарвар, меваю сабзавоткор, лаборанти нозирот (инспексия)-и давлатӣ, чорводор, лаборанти таҳлилгари химиявию бактерияшинос, зоотехник, агроном тааллуқ доранд.

Чунин тақсимот маънои онро надорад, ки меҳнати одам аз рӯйи намуди касби «одам - табиат» танҳо ба ашёи дар боло номбаршуда хос асту бас.

Масалан, рустанипарвар дар коллектив кор карда, аз техникаи гуногун истифода мебарад. Ба вай лозим меояд, ки ба масъалаи баҳисобгирӣ машғул шуда, ба меҳнати худ аз нуқтаи назари иқтисодӣ баҳо диҳад. Предмети асосии кори ӯ рустанӣ ва муҳити сабзиши он мебошад.

Дар вақти интихоби касби «Одам-табиат» як ҷиҳати дигарро ҳам ба назар гирифтан лозим аст. Хусусияти хосси объектҳои биологии меҳнат дар он аст, ки онҳо мураккаб ва тағйирёбанда буда (аз рӯйи қонунҳои дохилӣ), қолабӣ нестанд. Набототу ҳайвонот ва ҳам микроорганизмҳои зинда калон шуда, инкишоф меёбанд, инчунин ба касалиҳо гирифтор мешаванд, мемиранд. Шахсе, ки дар ин соҳа кор мекунад, бояд на танҳо доир ба табиати зинда маълумот дошта бошад, балки тағйиротҳои имконпазири онро, ки гоҳе такроршавандаанд, пешбинӣ карда тавонад.

**2. «Одам-техника».** Дар ин намуди касб предмети асосии меҳнат объектҳои техникӣ (мошинҳо, механизмҳо ва монанди инҳо) ва намудҳои энергия мебошанд.



Объектҳои табиати ғайризинда (сарватҳои замин, хок, об, маҳсулоти ҷангал ва кишоварзӣ) аз бисёр ҷиҳат ба онҳо монандӣ доранд.

Дар намуди касби «Одам-техника» фақат кор бо техника нест, монанди он ки ронандаи троллейбус ҳангоми рондан бо мусофирон ҳам сарукор дорад. Дар байни касбҳои «Одам-техника» касбҳои зерин мавҷуданд: касбҳои оид ба истеҳсолу шудгори замин, сохтану пардохтани ҷинсҳои кӯҳӣ, булдозерчӣ, дизелисти дастгоҳи пармагарии вобаста ба корҳои кӯҳӣ, муҳандис-геолог, муҳандис, бофанда, дӯзанда, мотористзан, технолог ва ғайра.

Касбҳои доир ба таҳияи маҳсулоти кишоварзӣ: ошпаз, нонпаз, муҳандис-технолог оид ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ва ғайра.

Махсусан дар соҳаи техника барои навоварӣ, тахайюлот ва эҷодкории техникӣ имкониятҳои калон мавҷуданд. Одам, бар

иловаи муносибати эҷодкорона доштанаш нисбат ба кор, дар соҳаи техника (чун дар тамоми соҳаҳо) бояд ба интизоми баланди эҷодкорӣ соҳиб бошад.

**3. «Одам - одам».** Дар ин соҳа предмети асосии меҳнат худи одам аст. Дар ин маврид касбҳои зерин-ро ҷудо кардан зарур аст: Касбҳое, ки бо таълиму тарбияи одамон, ташкил намудани коллективҳои бачагон алоқаманданд: мураббии муассисаҳои томактабӣ, устои таълими истеҳсолот, омӯзгор ва ғайра. Касбҳое, ки бо хизматрасонии маишӣ ва савдо алоқаманданд: фурӯшанда, сартарош, қабулкунандаи фармоишоти маркази қабули комплексӣ ва ғайраҳо. Касбҳое, ки бо хизматрасонии иттилоотӣ ва иттилоотию бадеии одамон ва роҳбарӣ ба коллективи бадеӣ алоқаманданд: алоқачии байнишаҳрӣ, корманди бахши маълумот, роҳбаладии саёҳат ва кормандони клуб, дирижёр ва ғайра. Касбҳое, ки бо хизматрасонии тиббӣ алоқаманданд: фелдшер, ҳамшираи шафқат, духтур ва ғайра.



Мазмуни асосии меҳнати касбҳои вобаста ба «Одам-одам» маънои ҳамкории байни одамонро дорад. Қисми муҳимми ин ҳамкориҳоро муносибати байниҳамдигарии одамон ташкил медиҳад, бо одамон кор кардан ҳаргиз осон нест. Масалан, фурӯшанда дар кори ҳаррӯза бо бисёр одамон муносибат мекунад. Харидорон гуногун мешаванд: боодоб, беодоб, сергап, дар интихоби мол бечуръат. Вазифаи фурӯшанда бо одамони гуногун забон ёфта, ҳамеша оромона, боназокат, боодобона муносибат карда тавонистан аст.

Ба муносибати байни одамон сарфаҳм рафта, донистани сифати шахсии онҳо зарур мебошад.



**4. «Одам-системаи аломат».** Дар ин намуди касбҳо предмети асосии меҳнат аломатҳои шартӣ, рекламаҳо, кодҳо, забонҳои табиӣ ва сунъӣ мебошанд. Одамони имрӯза дар олами аломатҳо ва системаи аломатҳо, матнҳо, нақшаҳо, харитаҳо, ҷадвалҳо, формулаҳо, аломатҳои роҳ зиндагӣ мекунанд.

Ба намуди касбҳои «Одам-системаи аломат» касбҳои зерин дохил мешаванд: алоқачӣ, муҳаррири техникӣ, муҳосиб, муҳандис, оператори мошинаи ҳисоббарор, нақшакаш ва ғайра. Ҳангоми такмили иттилоот дар шакли тафтиш, баҳисобгирӣ, таҳияи маълумотҳо, инчунин ба вуҷуд овардани аломатҳо системаи аломатҳо ба миён меояд.



**5. «Одам-образи бадеӣ».** Дар ин намуди касбҳо предмети асосии меҳнат образи бадеӣ ва усулҳои ба вуҷуд овардани он мебошад. Дар ин ҷо касбҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст: касбҳои вобаста ба фаъолияти тасвирӣ – устои мебелҳои хушнамуд, сангтарош, электротехники рӯшноӣ (дар театр), тарроҳ-моделсози пойафзол, либос, рассоми графикӣ ва ғайра.

Касбҳои вобаста ба фаъолияти мусиқӣ: пианинанавоз, роялнавоз, артисти оркестр, бастакор ва ғайра.

Касбҳои вобаста ба фаъолияти адабию бадеӣ: муҳаррири адабиёти бадеӣ, адиб, мусаҳҳеҳ ва ғайра.

Яке аз хусусиятҳои касби «Одам-образи бадеӣ» он аст, ки қисми зиёди меҳнати ӯ аз назари мардум пинҳон мемонад. Масалан, артист барои якчанд дақиқа ба саҳна баромадан ҳар рӯз соатҳои дароз меҳнат ва саъю кӯшиши махсус мекунад.

Ба ҳамин тариқ, мо панҷ намуди касбҳоро дида баромадем. Онҳо қабати якуми пирамидаро ташкил медиҳанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қариб 500 намуди касб мавҷуд аст, лекин касби аз ҳама зарурӣ касби коргар мебошад. Бо дасти коргар беҳтарин ва нозуктарин маҳсулот тайёр мешавад. Коргар дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон кор мекунад. Масалан, дар саноати сабук – дӯзанда, бофанда, ресанда, буранда; дар саноати хӯрокворӣ – ошпаз, қаннод, пешхизмат, нонвой; дар соҳаи хоҷагии деҳот – говҷӯш, мурғпарвар, пахтакор, муҳандис, сармуҳосиб, сохтмончӣ, ронанда, челонгар, дуредгар ва монанди инҳо. Зиёда аз 120 намуди касбҳоро дар техникумҳои махсуси ҷумҳурӣ тайёр мекунанд.

Шумораи зиёди коргарон дар комбинатҳои таълимии худи истеҳсолот ба тарзи фардӣ ё гурӯҳӣ таҳти роҳбарии мутахассиси

соҳибтаҷрибаи истеҳсолот тайёр карда мешаванд. Аз сабаби он ки илму техника тараққӣ карда истодааст дар ҳама ҷо компютеркунонӣ ҷараён дорад, коргар бояд маълумоти миёнаи пурра дошта бошад ва бо техника кор карда тавонад.

Масалан, шумо хуб расм мекашед, ин шуғл ба шумо маъқул аст, дар оянда мехоҳед дар ҷое кор кунед, ки қобилияти рассомии шумо ба кор равад. Оё шумо медонед, ки дар истеҳсоли газворҳо касби нусхабардорӣ аз расмҳо, дар нашриёт касбҳои колорист, ретушгар, дар корхонаҳои маснуоти бадеию заргарӣ касби рассом, дар истеҳсолоти дӯзандагӣ касби амсиласози либос мавҷуд аст.

Ё ин ки шумо қобилияти таомпазӣ доред, ном ва миқдори масолеҳро дуруст интихоб ва қоидаҳои таомпазиро бо маҳорат иҷро карда метавонед, бӯй ва таъми таомро дуруст ҳис мекунед. Барои ин ошхонаҳо, тарабхонаҳо, каҳвахонаҳо, барҳо, сеххои қаннодӣ ва ғайра мавҷуданд, ки дар онҳо ошпазҳо, қаннодон, чошнигирон, нархгузорон, пешхизматҳо кор мекунанд. Масалан, нархгузорӣ касбест, ки соҳиби он меню (рӯйхати таомҳо)-ро тартиб медиҳад.

Дар вақти иҷрои ин кор бояд номи таом, миқдори масолеҳ бо грамм ва нархи таом ба ҳисоб гирифта шавад. Нархгузор дар ошхонаҳо ҳар рӯз менюи якчанд намуди таомро тартиб медиҳад.

Таркиби масолеҳи мавриди истифода ва нархи онҳо ҳар хел мебошад. Бинобар ин, муайян кардани нархи маснуоте, ки ба фурӯш бароварда мешавад, кори зарурӣ мебошад.

Барои беҳтар қабул кардани мизоҷон дар ошхонаҳо якчанд намуди меню тартиб медиҳанд: барои интихоби озод, таоми пешин, якчанд намуди таом (комплексӣ), таом барои ба хона фиристодан ва ғайра.

Ҳисоби дуруст ҳаминро ҳам тақозо менамояд, ки аз аввал то охири рӯз чӣ қадар қабул кардани мизоҷон, чӣ миқдор истифода шудан ва боқӣ мондани масолеҳ ҳисоб карда шавад. Нархгузор бояд дар вақти ҳисобкунӣ фикрашро дар як ҷо ҷамъ карда тавонад ва мулоҳизакор бошад, якчанд намуди менюро бе калкулятор (асбоби ҳисобкунӣ) тартиб дода тавонад. Истифодаи калкулятор ҳисобкуниро метезонад ва кори нархгузорро осон мекунад.

Вазифаи нархгузор, чӣ хеле ки гуфтем, тартиб додани меню аст. Дар ошхонаҳо, мактабҳо, тарабхонаҳо ва ғайра талаботи организмро ба назар гирифта, меню тартиб медиҳанд. Нархи масолеҳ ва намуди таом нархнома ном дорад.

Илман асоснок кардани вояи хӯрок асоси баробарғизодиҳӣ мебошад. Вояи хӯрок мувофиқи талаботи физиологии организм ба модда, дар навбати аввал ба сафеда, равған ва карбогидрат муайян карда мешавад. Таомро тавре тайёр кардан ва ороиш додан лозим аст, ки иштиҳоро кушояд.

Бинобар ин, хӯрокҳо бояд ҳархела ва бо усулҳои гуногун тайёр карда шаванд. Тартиб додани вояи хӯроки якшабонарӯзии оила ба менюи ҳаррӯза дохил мешавад. Аз вояи хӯрок истифода бурда, барои оилаи худ меню тартиб диҳед.

**Касби таомномасоз (менюсоз).** Калимаи «меню» фаронсавӣ буда, маъноящ нозук, нафис, зебо, латиф ва нотакрор аст.

**Таърихи пайдоиши таомнома (меню).** Дар назди шоҳ Людовики XIV дар болои мизи хӯроккхӯриаш бо мақсади хотиррасон кардани он таомҳое, ки ба ошпазҳо фармоиш шуда буд, рӯйхати таомҳое, ки омода шудаанд, дар лавҳаи ороишшуда пешниҳод карда шуда буданд, ки онро "Рӯйхати таомҳои лазиз" номгузорӣ шуда буд.

Дар Русия бошад, ин калима дар асри XIX ба шарофати китобҳои ошпазӣ, ки дар он ба истилоҳ «менюҳои тавсиявӣ» нашр мешуданд, яъне интихоби хӯрокҳо барои як ҳафта ё як рӯз, барои қабули меҳмонони олиқадр оварда мешуд.

Рӯйхати хӯрокҳои тақсимшуда бо нархи инфиродӣ, ки худи меҳмонон метавонанд фармоиш диҳанд: ба монанди хӯришҳо, шириниҳо ва ғ. Баъди тановули хӯрок нархи умумии хӯрокҳои фармоишшуда муайян карда мешавад.

Намунаи маъмули таомнома ин ланҷи тиҷорӣ (ё хӯроки нисфирӯзӣ муқарраршуда) мебошад, ки 3-4 намуди хӯрокҳоро дар бар мегирад. Ё дигар намудаш ин таомномаи хӯрокҳои гуногун барои рӯзи муайян пешниҳод мекунад. Рӯйхати хӯрокҳое, ки ҳар рӯз дар муддати муайян тағйир меёбанд, пас ин давра такрор мешавад. Ин таомнома асосан барои конфронсҳо, анҷуманҳо ва ё чорабиниҳо истифода мешавад.

Асосҳои тартиб додани таомнома (меню). Таомҳо дар пай дар пай, аз таъми миёна то тунд, аз ҷӯшондашуда, буғпаз, дампаз то бирёншуда тартиб дода мешаванд. Ҳамаи хӯрокҳо бояд гуногун бошанд (ба такрори маҳсулот иҷозат дода намешавад), таомнома набояд аз ҳад серғизо бошад, беҳтар аст, ки давра ба давра хӯрокҳои нав ҷорӣ карда шавад ё пешниҳодҳои махсус зарур аст, масалан: таомномаи миллӣ, итолиёвӣ, шведӣ ва ғайра.

Намуди зоҳирии таомнома ин обрӯ ва нуфузи тарабхона ба ҳисоб меравад, вақте аз ҷиҳати зебоипарастӣ оро дода шуда, хондани таомнома мушкилиро эҷод нанамояд.

Рӯйхати таомнома бо тавсифи онҳо бояд дар саҳифаи аввал оварда шавад.

Ҳоло бошад, таомнома дар аксарияти тарабхонаву қаҳвахонаҳо вобаста ба шароити зисти маҳал ва фармоиши мизоҷон тартиб дода мешавад.

Касби нархгузор ба таоми омодашуда аз мутахассис бодиққатӣ, ҳушёрӣ, масъулиятнокӣ, дақиққорӣ, баназаргирии шароити иқтисодии зисти маҳал, урфу одатҳои миллиро талаб мекунад. Баъди омода намудани рӯйхати таомҳо бояд мутахассис арзиши аслии маҳсулот ва фоизи муайяни даромад, меҳнати кормандон, сарфаҳои техникӣ ва вақти сарфшударо ба назар гирифта, ҳисоби иқтисодии таоми омодашударо дуруст ҳисоб карда тавонад ва инчунин нархи арзиши таоми пешниҳодшударо муайян кунад.

Асосан дар тарабхонаву қаҳвахонаҳо нархгузор арзиши аслии таомро муайян мекунад, таом аз тарафи ошпаз омода карда мешавад.

**Касби ошпазӣ.** Дар синфхонаи технология (таълими меҳнат) барои омӯхтан, шинос шудан бо касби ошпазӣ ва иҷрои кор шароити зерин бояд муҳайё бошанд:

1. Синфхона ба талаботи касби ошпазӣ ҷавоб дода тавонад.

2. Он бояд бо асбобҳои барқӣ ё газӣ, хамиршӯрак, дегу дегчаҳо, гӯштқимакунак, тахтаву тирак, элак, сатил, табақу коса, қошуқ ва дигар асбобҳо пурра таҷҳизонида шуда бошад.

3. Барои ошпазӣ либоси махсус дошта бошад.

4. Таҷҳизоти барқӣ (плита, печка)-ро ба замин васл карда, бояд қоидаҳои техникаи бехатарӣ риоя шуда бошанд.

5. Дар сехи ошпазӣ бояд дастурамалҳои техникаи бехатарӣ оид ба кор бо асбобҳои истифодашаванда, риоя кардани қоидаҳои санитарию гигиенӣ дар синфхона ва вақти кор мавҷуд бошанд.

6. Ҳавои сех доим муътадил ва тоза, ҳавотозакунакҳо дар ҳолати корӣ бошанд.

Болаззатӣ, хушбӯйӣ ва зебоии таом ба донишу маҳорат ва малакаи ошпаз вобаста аст. Дар корхонаҳои хӯроки умумӣ бисёр корҳо механиконида ва автоматонида шудаанд, ки ин кори ошпазро осон мегардонад. Ошпаз таомро бояд дар асоси меню тайёр кунад.



***Расми 14.*** *Ошпазон дар тарабхона*

Ошпаз бояд дастурамал (дастур)-и таомҳои тайёр, технологияи тайёр кардани масолеҳи хом ва тайёр, миқдори истифодаи масолеҳ ва партовҳои ҳосилшуда аз таҳияи масолеҳ, ном ва вазифаи таҷҳизоту асбобҳо, муносибат бо техникаро донад.

Ошпаз бояд анвои гуногуни таомҳои 1-ум, 2-юм, ширинӣ, хунук, хӯришҳо, нӯшокиҳои гарм, масолеҳи нимтайёр аз гӯшт, сабзавот ва моҳиро омода карда тавонад; бӯй, ранг ва сифати маҳсулотро тавассути узвҳои босира ва зоиқа муайян кунад; дар вақти кор бо таҷҳизот қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва дар вақти тайёр кардани таом қоидаҳои гигиенаи шахсиро риоя кунад, боэҳтиёту сарфакор бошад, дар вақти истифодаи неруи барқ ва сӯзишвориҳо қоидаҳои бехатарӣ ва зидди сӯхторро риоя кунад.

Чанд намуди дастурамали тайёр кардани таомҳои миллиро мисол меорем. Санбӯса як навъ таоми хамирӣ буда, на танҳо гӯштӣ (варақӣ, хандон, фармуда ва ғайра), балки кадугӣ, алафӣ, карамӣ, нахӯдӣ, картошкагӣ ва чанд хели дигар мешавад.

## КОРИ АМАЛИИ №9

Доир ба касби нархгузор таомномаи (меню) дилхоҳро тартиб диҳед. Дар дафтари корӣ нависед ва таомномаи дилхоҳатонро интихоб намуда,онро амалан иҷро кунед.

## КОРИ АМАЛИИ №10

**Технологияи тайёр кардани санбӯсаи хандон (беляши).**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: плита, гӯштқимакунак, корд, тағорача, тахтача, клёнка барои хамир.

Миқдори масолеҳ: 1кг орд, шир, 100г равғани маска, 1 дона тухми хом, 2 қошуқча намак, 50г хамиртуруш.

Барои қима: 800г гӯшт, 500г пиёз ва мувофиқи табъ намак ва мурч.

**Рафти кор:**

Ба зарф ё тағорача шир андохта, дар он равғани маскаро об мекунанд, баъд тухми хом ва намак илова карда, хуб лат мезананд ва ба ҳамин зарф оби гарму ордро рехта, хамиртуруши тайёркардаро андохта хамир мекунанд. То расидани хамир гӯшти гов ё гӯсфанду пиёзро аз гӯштқимакунаки сӯрохиаш калон гузаронида, ба он мувофиқи табъ намаку мурч ё қаланфур мепошанд, ҳамаашро хуб омехта мекунанд. Барои он ки қима аз ҷойи холигӣ набарояд, ба он тухми хом андохта ҳамаашро омехта мекунанд. Ҳамин ки хамир расид, аз заволачаҳои 20 – 25-граммӣ ҷилдҳои мудаввар тайёр мекунанд. Сипас ба рӯйи ҳар кадом ҷилд қима гузошта, тарзе таҳ мекунанд, ки миёнаҷойи он холӣ монад. Санбӯсаи хандонро дар тоба (асосан дар равғани рустанӣ), дар оташи паст мепазанд. Онро ба дастархон дар рӯйи табақча ё табақ мениҳанд.



***Расми 15***. *Раванди пухтани санбӯсаи хандон (беляши)*

 

***Расми 16***. *Намудҳои гуногуни санбӯсаи хандон (беляши)-и пухташуда*

**Савол ва супориш:**

*1. Барои касби ошпазиро интихоб кардан кадом нозукиҳои касбро донистан лозим аст?*

*2. Мувофиқи хоҳиш ва интихоби хонандагон ягон хел таоми миллӣ пазед.*

*3. Касбҳоро аз рӯйи кадом аломаташон тасниф кардан мумкин аст?*

*4. Оид ба касби нархгузор маълумот диҳед.*

*5.Аз касби таомномасоз кадом маҳоратҳо талаб карда мешавад?*

## §10. МАФҲУМИ АСОСИИ КАСБНОМА, ХАТОҲОИ МАХСУС ҲАНГОМИ ИНТИХОБИ КАСБ

Интихоби дурусти касб аз шумо дар бораи мазмун, хусусияти меҳнат ва муносибат дар раванди фаъолияти минбаъдаи меҳнат дониши кофиро тақозо мекунад. Касбнома яке аз манбаъҳои муҳимми иттилоот дар бораи касб мебошад. Касбнома тавсифи касб буда, талаботи асосии касбро бо сифатҳои шахсии инсон: фикрӣ, психологӣ ва ҷисмонӣ дар бар мегирад.

Ҳамаи касбномаҳо тахминан аз рӯйи чунин нақша тартиб дода шудаанд:

1. Номи касб.

2. Аҳаммият ва мавқеи касб дар хоҷагии халқ.

Намуди меҳнат: дастӣ, механиконида, автоматонида.

3. Предмет ва маҳсули меҳнат, дониш ва маҳорати барои иҷрои кор зарурӣ; шартҳои кор, ҷойи кор.

4. Тартиботи меҳнат (басти рӯзона ва монанди инҳо ва истироҳат).

5. Таъсири касб ба шахсият, ба ташаккули дараҷаи маданияти умумӣ.

6. Инкишофи қобилиятҳои фикрӣ, хислат ва монанди инҳо.

7. Роҳҳои соҳиб шудан ба касб, тавсифи донишкадаҳои таълимӣ ва шартҳои дохил шудан ба онҳо.

Касбнома барои муайян кардани он сифатҳои муҳимми касбӣ, ки шумо дар худ бояд ташаккул ва инкишоф диҳед, ёрӣ мерасонад. Масалан, касби танзимгари дастгоҳҳо ва хатҳои автоматиро дида мебароем.

Касби танзимгарӣ яке аз касбҳои ҷавонтарин ва ояндадор аст. Он баробари дар саноат ҷорӣ шудани таҷҳизоти мураккаби автоматӣ ва нимавтоматӣ ба вуҷуд омадааст. Дар шароити истеҳсолоти автоматонидашуда аҳаммияти он пайваста меафзояд. Вазифаи асосию истеҳсолии танзимгар ба таҳияи намуди муайяни маҳсулот тайёр кардани хатҳои автоматӣ мебошад. Танзимгар такмили санҷиши ҷузъҳоро ба ҷо оварда, ба кори дастгоҳҳо назорат мекунад. Ӯ аз предмети муайяншуда ягон навъи инҳирофро ошкор карда, дар асоси дониш, маҳорат ва малакаю таҷрибаи ҳосилкардааш ҷойи вайроншудаи дастгоҳҳоро ёфта дуруст мекунад.

Танзимгари дастгоҳҳо ва хатҳои автоматӣ бояд дониши баланди техникӣ ва қувваи босираи хуб дошта бошад. Барои танзимгар сифатҳои пуртоқатӣ, вазифашиносӣ, маҳорати дар ҳолати мушкилӣ худро гум накардан хеле муҳимманд.

Танзимгарон дар корхонаҳои мошинсозӣ, коркарди филизот, корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, бофандагӣ ва монанди инҳо кор мекунанд. Таҳсилро дар техникуму донишкадаҳо оид ба ихтисоси мошинсозӣ давом додан мумкин аст. Касбҳои ба он наздик танзимгари мошину дастгоҳҳои идоракуниашон барномарезишуда, техник-механик мебошанд.

Хатоҳои махсус ва мушкилот ҳангоми итихоби касб. Интихоби дурусти касб чунин маъно дорад, ки шумо бояд касберо интихоб намоед, ки дар оянда аз он қаноатманд бошед ва ба ҷамъият нафъ расонед.

Якбора интихоб кардани касби дараҷаи баланд ё олӣ. Дар тамоми соҳаҳои фаъолият танҳо шахсе ба натиҷаи баланди меҳнатӣ ноил мегардад, ки зинаҳои аввали маҳоратро бо муваффақият гузашта бошад. Масалан, шахсе муҳандиси хуб шуда метавонад, ки сараввал коргар, бригадир шуда кор кардааст. Беҳтарин роҳбар шахсе шуда метавонад, ки дар вақташ иҷрокунандаи хуб буда, тамоми нозукиҳои корро аз бар карда бошад.

Тасаввуроти нодуруст дар бораи эътибороки ва беэътибории касбҳо. Дар мавриди баъзе касбу ҳунарҳо ақидаҳои нодуруст мавҷуданд. Онҳо як қатор намудҳои муҳимми фаъолияти меҳнатиро беэътибор ҳисоб мекунанд. Ин ақида хато ва беасос аст. Чӣ тавре ки ба шумо маълум аст, дар Тоҷикистони мо ҳама гуна меҳнат муҳим ва соҳибэҳтиром аст. Солҳои охир дар аксарияти коллективҳои омӯзгорӣ ба интихоби касби хатмкунандагон ва дар мактаб ташкил кардани системаи касбинтихобкунии мактаббачагон эътибори махсус медиҳанд.

Мақсади асосӣ аз он иборат аст, ки ҳар як хатмкунанда касби дилхоҳашро интихоб карда тавонад. Аз ин лиҳоз, дар ҳар як мактаб кабинетҳои махсуси касбинтихобкунӣ ташкил кардан лозим аст, то ин ки ба кори шурои касбинтихобкунии мактаб таконе бахшад. Роҳбари кабинет ва омӯзгорони соҳавӣ дар шаҳру ноҳияҳо хонандагонро бо ташкилотҳои базавии шаҳр, роҳбарон ва мутахассисони идораҳои сохтмон, нақлиёт, алоқа, истеҳсолоту фабрикаҳо, хоҷагиҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои деҳқонию фермерӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ, ҷамъиятҳои соҳавӣ, собиқадорону пешқадамони истеҳсолот шинос карда, вохӯриҳо ташкил менамоянд.

Дар мактабҳо барои интихоби касб синфхонаи махсус ташкил мекунанд ва ин синфхона бо асбобҳои аёнӣ, овезаҳо расми донишкадаҳои олӣ, ҷадвалҳое, ки дар онҳо равандҳои иқтисодӣ ва технологӣ дарҷ шудаанд, ҷиҳозонида мешаванд.

Маълумоти муфассал дар бораи касбҳо. Хатмкунандагон қобилияти худро ба ҳисоб гирифта, касбро интихоб мекунанд. Дар ин кор набояд ба саҳву хатоҳои бадфарҷом роҳ дод. Касбҳои зарурӣ барои тараққиёти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоянд:

1. Дар соҳаи саноат – муҳандис, муҳандис-технолог, бофанда, ресанда, дӯзанда, танзимгари дастгоҳҳо ва хатҳои автоматӣ, дуредгар, челонгар ва ғайра.

2. Дар соҳаи сохтмон – муҳандиси сохтмони истиқоматӣ, меъмор ва ғайра

3. Дар соҳаи нақлиёт – муҳандиси нақлиёт, муҳандиси истифодабарӣ ва таъмири роҳ, ронанда ва ғайра.

4. Дар соҳаи хоҷагии деҳот – агроном-технологи истеҳсолоти кишоварзӣ, муҳандиси механизмҳои кишоварзӣ, зоотехник, байтор, чӯпон, парандапарвар, говҷӯш, харгӯшпарвар ва ғайра.

5. Дар соҳаи органҳои маъмурӣ – прокурор, судяи халқӣ, мутахассиси ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандӣ.

6. Дар соҳаи тандурустӣ – духтури кӯдакон, ҷарроҳ, духтури бемориҳои асаб ва ғайра.

7. Дар соҳаи маориф – омӯзгор, мураббӣ ва ғайра.

8. Дар соҳаи хӯрокворӣ – ошпаз, қаннод, нонвой, пешхизмат ва ғайра.

9. Дар сохаи техникаи компютерӣ – оператори мошинаҳои ҳисоббарори электронӣ, оператори компютер ва бисёр касбҳои дигар.

Бисёр ҳолатҳое пеш меоянд, ки хатмкунандагони мактабҳои миёна касб, ҷойи таҳсил ва корро аз нуқтаи назари ёру ошнобозӣ интихоб мекунанд. Ин амал хуб аст ё бад?

Агар шавқу завқ, рағбат ва қобилияти дӯстон бо худи касб мувофиқ афтад, ин амал хуб аст, вале агар яке аз онҳо аз нуқтаи назари судҷӯйӣ амал кунад, дар он сурат ин кор бад аст. Дар ин маврид, одатан, ӯро ноумедӣ фаро гирифта, баъди ҷустуҷӯҳои тулонию баъзан пурмашаққат маҷбур мешавад, ки касби интихобнамудаашро тағйир диҳад.

Дар зиндагӣ ҳамроҳи рафиқон будан, албатта, хуб аст, аммо ҳангоми интихоби роҳи зиндагӣ, дар навбати аввал, фикр бояд кард, ки оё ин соҳаи фаъолият ба зарфияту имкониятҳои ман мувофиқ аст ё не? Оё дар сурати ба он рӯй оварданам ман ба кадом натиҷаҳо соҳиб мешавам?

Аз ин рӯ, муносибати ҷиддӣ ба интихоби касб аз шумо талаб мекунад, ки дар бораи он дониши мукаммал дошта бошед.

Донистани хусусияту қобилияти худ вазифаи басо мураккаб аст. Роҳи беҳтарини ҳалли он кадом аст? Аввал, барои фаҳмидани қобилияти худ бояд кӯшид, сипас онро бо талаботи касби оянда муқоиса кардан мувофиқи мақсад аст. Илова бар ин, на танҳо фаҳмидан, балки худро дар фаъолиятҳои гуногун санҷидан лозим аст.

Барои дар ин бобат хулоса баровардан шитоб накунед. Дар хотир бояд дошт, ки бе меҳнат ва саъю кӯшиши зиёд чизе ба даст намеояд. Ҳатто дар кори дӯстдоштаатон ҳам сабру тоқат, ҷидду ҷаҳд, ҷустуҷӯи роҳи аз вазъияти ғайричашмдошт баромадан лозим аст. Масалан, касби пешхизмат дар аввал касби одӣ менамояд, аммо ин касб сабру тоқат, ҷидду ҷаҳд, қобилияти корӣ доштанро тақозо менамояд.

Шиносоӣ бо касби пешхизмат. Дар вақти интихоби касби пешхизмат дар хотир бояд дошт, ки дар тарабхона, қаҳвахона ва ғайра ба ғайр аз дониши махсус, хизматрасонии бекамукост, боз бо одамон муносибати дуруст тавонистан лозим аст.

Либоси пешхизмат бояд ба намуди дохили (интерер)-и тарабхона ё қаҳвахона мувофиқ, ба талаботи эстетикии замон ҷавобгӯ, ба ҳамаи мавсимҳои сол мувофиқ ва зебо бошад.

Пешхизмат бояд хушгуфтор, дорои санъати баланди муошират бошад; дидадарой, сазовор гаштан ба боварии мардум, худро чун зебопараст, рӯҳшинос, корчаллон, чолоку ҳозирҷавоб ба мардум шиносондан, чеҳраи хандон ва одобу ахлоқи нек доштан ба мароми зиндагияш табдил ёбад. Пешхизмат баъд аз қабули меҳмон ӯро ба ҷойи муайян шинонда, менюро пешниҳод мекунад. Бисёр таомҳо мувофиқи хоҳиши мизоҷон алоҳида тайёр карда мешаванд.

Менюҳоро ба забони миллӣ, русӣ ва агар зарурат пайдо шавад, ба ягон забони хориҷӣ (масалан, англисӣ) тартиб дода, дар қоғази алоҳида ва махсус чоп мекунанд. Пешхизмат бояд дар бораи таомҳои дар меню ҷой додашуда тасаввуроти пурра дошта бошад ва дар вақти пурсидан дар бораи таом маълумот ва доир ба технологияи тайёр кардани таому нӯшокиҳо маслиҳатҳои муфид дода тавонад.

Пешхизмат дар вақти гирифтани супориш бояд ба талаботҳои мизоҷ аҳаммияти ҷиддӣ диҳад, номи таому нӯшокиҳоро навишта гирад. Шахсе, ки касби пешхизматро интихоб мекунад, бояд нисбат ба ин касб шавқу завқ, майлу рағбат ва қобилият дошта бошад, яъне техникаи хизматрасониро пурра донад. Агар ин қобилиятҳо дар шумо набошанд, касби дигарро интихоб кунед. Касби пешхизматиро ҳам духтарҳо ва ҳам писарҳо интихоб карда метавонанд. Духтарҳо бояд қоидаҳои рафтору кирдори пешхизматро донанд. Маданияти баланди ин касбро аз худ кунанд, ҳангоми қабули меҳмон дар хона ва дар оила, дар вақти оростани дастархони ҳаррӯза, идона ва тантанавӣ маҳорати худро истифода баранд.





***Расми 17.*** *Пешхизмат*

## КОРИ АМАЛИИ №11

### Пухтани манту

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот**: плитаи газӣ ё барқӣ, дег, кафгир, асбобҳои зарурӣ барои таҳияи маҳсулоти хом.

**Микдори масолеҳ**: 500г орд, 1 қошуқча намак, 1 пиёла об, 1 нӯги қошуқча мурч, барои 1кг гӯшт 500г пиёз, 100 г равғани дунба ва мувофиқи табъ ба рӯяш қаймоқ ё чакка ва кабудӣ.

**Рафти кор:**

Аз хамири сахт завола гирифта, 30 дақиқа дам медиҳанд. Пас тунук карда (ғафсиаш 1-2 мм), ба андозаи 10х10 см ё мувофиқи табъ мебуранд. Ба ҳар як порча як қошуқ гӯшти қима, камтар равгани дунба андохта, секунҷа, чоркунҷа, лӯнда ё дарозрӯя мепечонанд. Барои он ки мантуи хом шах нашавад, рӯяшро бо дастархон мепӯшанд.

Ба деги манту об андохта, рӯйи оташ мегузоранд. Ҳамин ки об ҷӯшид, ба лаъличаҳои сӯрохдори деги манту равған молида, мантуҳои хомро мечинанд. Сипас, ҳамаи лаъличаҳоро рӯйи якдигар монда, сарпӯши дегро маҳкам мекунанд ва тақрибан 35-40 дақиқа буғ медиҳанд. Мантуи тайёрро ба табақҳо мекашанд ва ҳар кас ба рӯйи он мувофиқи табъаш мурч, кабудӣ, қаймоқ, ҷурғот ё пиёздоғ рехта мехӯрад. Барои қима гӯшти беустухони гов ё гӯсфандро аз гӯштқимакунак мегузаронанд, пиёзро реза карда, мурч, кабудӣ, намак, зира ва равғани дунбаи майда буридаро бо он омехта мекунанд.



***Расми 18.*** *Раванди пухтани манту*



***Расми 19.*** *Намудҳои гуногуни бастани манту*

**Савол ва супориш***:*
*1. Дар вақти интихоби касб чиҳоро ба назар гирифтан лозим аст?*
*2. Пешхизмат бояд кадом хислатҳои неки инсониро дошта бошад?*
*3. Касби пешхизматро амалан дар синфхона иҷро кунед.*
*4. Сифатҳои шахсии касби пешхизматро номбар кунед.*

## §11. МАЙЛУ РАҒБАТ БА КАСБ

Зери мафҳумҳои майлу рағбат ва шавқу завқ хусусияти шинохту тамоюли инсон нисбат ба ин ё он касб фаҳмида мешавад. Шавқу завқ ба интихоби касб маънои муносибати хуб нисбат ба идрок ва фаъолият мебошад. Агар шавқу завқ бо формулаи «донистан мехоҳам» ифода карда шавад, дар он сурат майлу рағбат «амал кардан мехоҳам» мешавад.

Майлу рағбат на танҳо зоҳир мегардад, инчунин дар рафти фаъолият ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, интизор нашуда ба намудҳои гуногуни меҳнат фаъолона машғул шудан лозим аст. Ба ҳамин тариқ, касбро мувофиқи шавқу завқ ва рағбати тамом интихоб бояд кард. Қобилият бо шавқу завқ ва рағбат алоқаи зич дошта, қисми ҷудонашавандаи ин ё он касб, коршоям будани одам мебошад.

Қобилият чист? Ҳама гуна хусусиятҳои руҳии одамро, ки ба пешравии ягон кор ёрӣ расонида, ба донишу малака дохил мешаванд, қобилият номидан мумкин аст. Агар одам бӯй ва мазаро хуб фарқ карда, дар хотир нигоҳ дошта тавонад, ин қобилият барои дар оянда ошпаз, қаннод, чошнигир шудани ӯ хеле зарур хоҳад шуд.

Таъсири шавқу завқ. Ба интихоби касб шавқу завқ, рағбат ва қобилият таъсири калон мерасонад. Шавқу завқ, рағбат ва қобилияти худро дар фаъолияти муайян ташаккул ва инкишоф дода, ба касби интихобнамудаатон тайёр шудан лозим аст.

Фаъолияти хуби таълим дар мактаб ба ҳар кадоми шумо имкон медиҳад, ки қобилияти ақлӣ ва пеш аз ҳама возеҳбаёнӣ, мантиқӣ, мустақилият ва ҳақиқӣ будани тафаккурро дарк намуда, хушфаҳмӣ, чобукӣ ва хусусияти танқидӣ доштани ақлро инкишоф диҳед. Ирода, яъне қатъият, суботкорӣ, интизомнокӣ, боварӣ ба нафсу қувваи худ, худдорӣ ва тамкинро низ инкишоф додан зарур аст. Маҷмуи ин сифатҳо қобилияти меҳнатиро таъмин мекунад.

Касби қаннодиро мисол меорем. Ҷавонон ва духтароне, ки ба омӯзишгоҳи касбию техникӣ ва ошхонаю тарабхонаҳо меоянд, касби қаннодиро меомӯзанд. Онҳо дарҳол ба корҳои мураккаб, яъне тайёр кардани торт ва кулчақанд  сар намекунанд, санъати таббохиро оҳиста-оҳиста омӯхта, корро аз пухтани санбӯсаи одӣ сар мекунанд.

Касби қаннодӣ, асосан, шуғли занона аст. Ҷавононро аксар вақт аз ин шуғл таҷҳизоту асбобҳои истеҳсолкунандаи молҳои қаннодӣ (масалан, қуттиҳои гармидиҳанда ва қолабҳои гуногуни қаннодӣ) метарсонанд. Онҳо дар рафти кор фаҳмида мегиранд, ки аксар амалиётҳоро (хамир кардан, мушт кардан) мошинҳо иҷро мекунанд, ин кори осон ва фақат занона нест. Он аз қаннод қобилият, мушоҳидакорӣ, қувваи ҷисмонӣ ва эҷодкориро талаб мекунад.

Саломатии қаннод бояд хуб ва узвҳои ҳиссиёташ нағз инкишоф ёфта бошанд. Қаннодӣ соҳибтаҷриба тавассути бо даст ламс кардан навъ ва сифати ордро тез муайян карда метавонад. Дар баъзе маҳсулот сифати орд, яъне дараҷаи намнокӣ, хушкӣ, маҳинӣ ва гармшавии онро қаннод дуруст муайян мекунад.

Дарёфти касбҳое, ки якбора дониши химиявӣ, молшиносӣ, технологӣ, маҳорати эҷодкорӣ, хотираи мустаҳкам ва қобилияти баланди кориро талаб кунанд, душвор аст. Ин хусусиятҳо фақат хосси касби қаннодӣ мебошанд.

Ошпазу қаннодони соҳибтаҷриба хотираи мустаҳкам доранд. Онҳо ба китобу дастурамал нигоҳ накарда, технологияи тайёр кардани садҳо таом, усулҳои гуногуни ороиши маҳсулотро медонанд ва навъҳои нави онро эҷод мекунанд. Онҳо бояд пуртоқат ва поквиҷдон бошанд.

Шароити кори қаннод вазнин аст. Ба ӯ омилҳои гуногуни муҳит, аз қабили садои мошину асбобҳо, ҳарорати баланд, ҳавои рутубатнок ва ғайра таъсир мерасонанд.

Торт, коржик, нон, кулчаҳои қандин ва ғайраҳо бо осонӣ ба рӯйи мизи мо намеоянд. Бинобар ин, одамон ба ин касбу кор

ҳурмату эҳтироми хосса доранд. Ба ҳунар, дониш, эҷодкорӣ ва ҳунари пазандагии қаннодону ошпазон дараҷаҳои касбӣ дода мешаванд. Онро комиссияҳои махсуси истеҳсолоти хӯроки умумӣ муайян мекунанд.

Баъзан қобилият ва маҳорати қаннодро ба назар гирифта, новобаста аз собиқаи корӣ барояш дараҷаи баландтар медиҳанд. Ғайр аз ин, ба онҳо унвонҳои «устоди ошпаз», «устоди қаннод», унвони «корманди шоиста» дода мешавад.



***Расми 20.*** *Тарзи ороиши маҳсулоти қаннодӣ*

Якчанд намуди дастурамали маснуоти қаймоқ

1. Бисквити қаймоқ (бисквит як навъи нони ќандин аст)

Шакару зардии тухмро то сафед шуданаш кафк дода, сипас бо қаймоқ ва орд меомезанд. Баъд аз он сафедии тухми латзада-шударо кам-кам ба он ҳамроҳ карда меомезанд ва ба қолаб рехта, дар тафдони на чандон гарм 20-25 дақиқа мепазанд. Ба бисквити тайёр ванилин мепошанд. Бисквити тайёрро ба табақча гузошта, ба рӯяш шакар мепошанд.

Миқдори масолеҳ: 2 истакон орд, 6 дона тухм, 1,5 истакон қаймоқ 1 истакон шакар, ванилин – мувофиқи табъ.

2. Торти бисквитии хушк

Зардии тухму шакарро то сафед шуданаш лат зада, пӯсти 1 дона лиму ё афлесунро аз турбтароши майда гузаронида ҳамроҳ мекунем ва онро бо орд меомезем. Баъд сафедии тухмро то кафк

карданаш лат зада, ҳамроҳ мекунем. Масолеҳи ҳосилшударо ба қолаб рехта, дар тафдони тафсон 15-20 дақиқа мепазем.

Миқдори масолеҳ: 1,5 кг орд, 1 истакон шакар, 6-8 дона тухм.

## КОРИ АМАЛИИ №12

### Пироги лимӯгӣ

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Миқдори масолеҳ барои хамир: 2,5 истакон орд, 200 г маска ё маргарин, 1/2 қошуқча намак, 2 дона тухм, 1 қошуқча содаи нӯшокӣ, 1 истакон ҷурғот, 1 дона лимӯ, 1,5 истакон шакар.

Рафти кор:

Як дона тухмро бо намак ба тағорача андохта меомезанд, як пора равғанро андохта масолеҳро бо қошуқи чӯбин мекобанд ва ҷурғотро андохта меомезанд, сипас рост мекунанд. Ордро бехта, сода ҳамроҳ карда, ба тағорачаи масолеҳи тайёр андохта хамир мекунанд.

Хамири тайёрро ба 2 ҳиссаи нобаробар тақсим карда, як қисмашро дар лаганди тафдон баробар рост мекунанд, қисми зиёди хамирро ба лаганди тафташ гузашта андохта ба ғафсии 0,7-1 см рост мекунанд. Баъд ба лимӯ оби гарм рехта, пӯсташро ҷудо накарда, аз турбтароши майда мегузаронанд ва ба он шакар рехта, тез ба болои хамири таг як хел паҳн мекунанд. Сипас ба рӯйи он ҳиссаи дуюми хамирро гузошта, ба хамири таг мечаспонанд ва ба рӯйи он тухм молида, бо чангак чанд ҷояшро сӯрох карда, 20-25 дақиқа ба тафдони ҳарораташ 250°C мегузоранд.

Ба пирог чӯбчаи нӯгаш тезро халонда, пухтани онро месанҷанд. Агар дар нӯги чӯбча хамир набошад, дохили пирог пухтааст. Онро аз тафдон гирифта, ба табақи махсус мегузоранд.





***Расми 33.*** *Раванди пухтани пироги лимӯгӣ*



***Расми 21.*** *Намудҳои пирогҳои лимӯгини пухташуда*

Доир ба торт, кулчақанд, пирожнӣ ва ғайра дастурамалҳои нав тартиб диҳед ва ҳамсинфонатонро шинос кунед.

Агар дар синфхона шароит бошад, мувофиқи хоҳиш, табъ ва интихоби хонандагон ягон намуди маснуоти қаннодиро омода кунед.

***Саволҳо ва супориш:***

*1. Нақши шавқу завқ, майлу рағбат ва қобилият дар интихоби касб чӣ гуна аст?*

*2. Санҷида муайян кунед, ки шумо нисбат ба кадом касб бештар шавқу завқ доред.*

*3. Барои касби қаннодиро интихоб кардан кадом нозукиҳои ин пешаро донистан лозим аст?*

*4. Якчанд дастурамали маснуоти қаннодиро тартиб диҳед.*

*5. Қаннод дар кадом муассисаҳо фаъолият бурда метавонад?*

# БОБИ 3. БАРҚ ДАР РӮЗГОР

## §12. МАЪЛУМОТИ МУХТАСАР ДАР БОРАИ ИСТЕҲСОЛИ БАРҚ

То замони тараққиёти энергетика, ихтирои неруи барқ ва истифодаи он дар истеҳсолот ҳолатҳои табиии барқ ба одамон маълум буд. Олими машҳури рус М. Ломоносов ҳодисаи раъду барқро хуб омӯхта, назарияи барқи атмосфериро ихтироъ кард. Барқ дар ҳаёти одамон пурра татбиқ шудааст. Тасаввур кардан душвор аст, ки одамон чӣ будани барқро надонанд. Ҳамаи мо медонем, ки агар васлакро ба кор андозем, фурӯзонак зуд фурӯзон мешавад ё мошинаи ҷомашӯйи ба кор медарояд.

Асбобҳои ёрирасони барқӣ торафт зиёд шуда истодаанд, ки кори хонаро осон мекунанд. Барои бо онҳо кор кардан фақат донишу маҳорат лозим аст. Бинобар ин, шиносоӣ бо асбобҳои барқӣ, ба монанди гӯштқимакунак, сабзавотрезакунак, чангкашак, мошинаи ҷомашӯйи, яхдон, кондитсионер, дарзмол, бодкаш (вентилятор), телевизор, радио ва ғайра аз аҳаммият холӣ нест. Неруи барқро ба мо неругоҳҳои барқӣ медиҳанд.

Энергетика яке аз соҳаҳои калонтарини хоҷагии халқ буда, бо истеҳсол, интиқол ва истифода бурдани неруи барқ сару кор дорад. Якчанд намуди неругоҳҳои барқӣ мавҷуданд.

ТЭС (маркази барқии истеҳсоли гармӣ) – на танҳо неруи барқ, ин чунин буғ (барои гарм кардани хонаҳо) ва оби гарм медиҳад.





ДЭС (неругоҳи дизелӣ) аз як ё якчанд генератори муҳаррикаш дизелӣ иборат буда, онро дар ҳар гуна ҷой гузоштан мумкин аст.

ГТЭС (неругоҳи барқи газотурбинӣ) – неругоҳест, ки бо сӯзишвории моеъ (карасин, мазут) кор мекунад.



ГРЭС (неругоҳи барқи давлатии ноҳиявӣ) барои бо неруи барқ таъмин намудани ноҳияи муайян пешбинӣ шудааст. АЭС (неругоҳи барқи атомӣ) бо энергияи атом кор мекунад. НБО аз ҳисоби оби равон кор мекунад.



Аввалин НБО-ҳо солҳои 1876-1877 дар Олмон ва Англия сохта шудаанд. Дар Русия солҳои 1895-1896 дар дарёи Охта НБО-и иқтидораш 300 квт сохта шуд. Дар Тоҷикистон соли 1954 НБО-и

«Дӯстии халқҳо» (дар шаҳри Қайроққум, иқтидораш 200 000 кВт), НБО-и Норак (дар дарёи Вахш, иқтидораш 2,7 млн.кВт) сохта ба истифода дода шуданд. Ҳоло дар неругоҳҳои Роғун ва Сангтӯда корҳои сохтмонӣ идома доранд.

Ғайр аз ин, неругоҳҳои барқие мавҷуданд, ки бо қувваи шамол ваэнергияи офтоб кор мекунанд. Неругоҳҳои барқ ба таври доимӣ кор карда, ба хоҷагии деҳот, истеҳсолот, шаҳрҳо неруи барқ медиҳанд.









***Расми 22.*** *Манбаъҳои қувваи барқ*

Иқтидори онҳоро бо ченакҳои махсус – ватт ва киловатт ишора мекунанд, ки онро шиддат меноманд. Масалан, шиддати як неругоҳи барқӣ 100 кВт, дигараш 1 мкВт мебошад. Ҳар як киловатт мутаносибан ба 2 қувваи асп баробар аст.

Дастгоҳе, ки неруи механикиро ба неруи барқ табдил медиҳад, генератор ном дорад. Онҳо ҳар хел мешаванд. Генераторҳои пуриқтидор ва калон шаҳрҳои калонро бо неруи барқ таъмин мекунанд.

Неруи барқро бе генератор ҳам ҳосил кардан мумкин аст. Масалан, фонуси кисагӣ бо унсури галванӣ (батарея) кор мекунад. Олимон аккумуляторро ихтироъ карданд, то ин ки онро ҳамчун манбаи барқ истифода баранд. Агар аккумулятори заряддоштаро ба фурӯзонак пайваст кунед, фурӯзонак (лампочка) фурӯзон мешавад.

Неругоҳҳои барқ, унсурҳои галванӣ, аккумуляторҳо, генераторҳо – генератори велосипед ва генератори истеҳсолотиро манбаъҳои неруи барқ меноманд.

Дар хона истеъмолкунандагони неруи барқ фурӯзонак (барои равшан кардани хона), телевизор, яхдон, дарзмол ва ғайра мебошанд.

Истеъмолкунандагони асосии барқ истеҳсолоту корхонаҳо мебошанд.

## Аломатҳои шартии нақшаи барқ

**Ҷадвали 2**

| № б/т | Номгӯй | Намуди умумӣ | Аломатҳои шартӣ | Ифодаҳои ҳарфӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Элементҳои галванӣ + қутби мусбат - қутби манфӣ |  |  | G |
| 2 | Элементи галванӣ, аккумуляторҳо |  |  | GB |
| 3 | Патрон бо фурӯзонак |  |  | HL |
| 4 | Калиди яккутба |  |  | SA |
| 5 | Калиди васлкунанда Калиди ҷудокунанда |  |  | SB |
| 6 | Душоха (вилка)-и штепсел |  |  | XP |
| 7 | Васлаки штепсел |  |  | XS |
| 8 | Муҳофизи зудгузар |  |  | FV |
| 9 | Ноқилҳо |  |  | |
| 10 | Қуттии пайвасти ноқилҳо |  |  | E |
| 11 | Генератори барқӣ |  |   |   |

**Инро дар хотир доред!**

*1. Аккумулятор аз калимаи лотинии "accumulator" гирифта шуда, маъноаш ҷамъкунанда аст. Он воситаест, ки энергияро бо мақсади дар оянда истифода бурдан ҷамъ мекунад.*

*2. Генератор – аз калимаи лотинии "generator" гирифта шуда, маъноаш истеҳсолкунанда аст. Генератори барқӣ энергияи механикӣ, химиявӣ, гармӣ, рӯшноиро ба барқ табдил медиҳад.*

**Занҷири барқӣ**. Ноқилҳои манбаи неруи барқ ва истеъмолкунанда ба ҳам пайваст шуда, занҷири барқиро ба вуҷуд меоранд. Барои тасвири занҷири барқӣ дар коғаз расми фурӯзонак, аккумуллятор, батарея ва дигар қисмҳои занҷирро бо аломатҳои шартӣ нишон медиҳанд. Нақшаи барқӣ гуфта тавассути аломатҳои шартӣ ба таври графикӣ тасвир намудани занҷири барқиро меноманд.



***Расми 23.*** *Намудҳои ноқилҳои баркӣ*

**Супориш**: Агар фурӯзонак равшанӣ надиҳад, ҷойи пайвастшавии нӯги ноқилҳоро аз назар гузаронед. Неруи барқ аз манбаъ ба истифодабаранда бо ёрии симҳои шаклу таркибашон гуногун интиқол дода мешавад. Симҳои аз мис, алюминий ва нуқра сохташуда беҳтарин симҳои ноқил мебошанд. Маводде, ки неруи баркро намегузаронад, изолятор ном дорад.

Дар вақти шикастани иттисолҳо калид ё патронро иваз мекунанд. Айнан бо ҳамин тарз камбудии асбобҳои дигари барқиро ошкор мекунанд. Барои пайваст кардани ноқилҳо (симҳо) ба патрон, душоха (вилка) ё баданаи асбобҳои баркӣ нӯги симҳоро аввал тоза ва ҳалқа карда, дар ҳоли зарурат, тавассути мехпеч маҳкам мекунанд. Ҳангоми иҷрои кори амалӣ бояд ба қоидаҳои техникаи бехатарӣ риоя карда шавад.

Ноқилҳо изолятсиядор ва беизолятсия мешаванд. Ноқили изолятсиядор аз ҷилди рӯйкашшуда ва торҳои ҷараёнгузар иборат аст.




**а** **б**

***Расми24.*** *Таъмири ноқили кандашуда. Ҳалқакунӣ ва пайвасткунии пайдарҳами симҳо*

**Техникаи бехатарӣ:**
1. Бо дасти тар чароғҳоро даргирондан ё хомӯш кардан мумкин нест.
2. Агар ягон қисми чароғ вайрон бошад ё рӯйкаши ноқилҳо нобуд шуда бошад, чароғҳоро истифода бурдан мумкин нест.
3. Фурӯзонак танҳо дар вақти ба манбаи барқ пайваст набудан тоза ва иваз кунед.
4. Пеш аз таъмир кардани асбоби барқӣ онро аз барқ ҷудо кунед.
5. Танҳо бо асбобҳои дуруст ва фаъол кор кунед.
6. Асбобҳоро баъди таъмир танҳо омӯзгор ба манбаи барқ пайваст мекунад.

Бештар дар истеҳсолот ва хона вайроншавии асбобҳои барқӣ, фарсуда шудани ноқилҳои барқӣ дида мешавад. Бинобар ин, барои таъмир намудани дастгоҳҳо, таҷҳизотҳо, ноқилҳо ва асбобҳои барқӣ устои барқ даъват карда мешавад.

Вазифаи устои барқ мутахассиси насб, таъмир ва хизматрасонии таҷҳизот ва схемаҳои барқӣ мебошад. Касб барои онҳое, ки ба фанҳои физика, химия, математика ва технология (таълими меҳнат) майл доранд, мувофиқ аст.

**Хусусиятҳои касб.** Устои барқ метавонад бо ҳама гуна таҷҳизоти барқӣ сарукор дошта бошад: генераторҳо, муҳаррикҳои барқӣ, ноқилҳо, дастгоҳҳои барқӣ дар истеҳсолот ва ғайра.

Вазифаҳои мушаххаси ӯ – насб, нигоҳдорӣ, қисмсозӣ, таъмир мебошад. Масалан, устои барқи шаҳр метавонад хатҳои барқ кашад, ба сутунҳо чароғҳо насб кунад, онҳоро таъмир кунад. Инчунин вазифадор аст, ки дастгоҳ ва хусусиятҳои техникии онҳоро донад, ташхис ва таъмир карда тавонад. Устои барқ бояд қоидаҳои техникаи бехатариро донад ва дар ҳолати зарбаи барқ ва ҷароҳатҳои дигар ёрии аввалия расонида тавонад.

Дар истеҳсолот ва хона ӯ метавонад бо нигоҳубини шабакаи барқӣ, инчунин дастгоҳҳо, генераторҳо ва ғайра машғул шавад. Бо диаграммаҳои электрикӣ нуқсонҳои ноқилҳо ва таҷҳизоти барқиро санҷида, вайроншавиро муайян мекунад ва аз рӯйи нуқсон таъмирро ба анҷом мерасонад. Дар корхона ва истеҳсолоти калон устоҳои барқ дар бригадаҳои алоҳида ва дар се баст кор мекунанд.

## КОРИ АМАЛИИ №13

**Тартиб додани занҷири барқии нақшаи барқ.**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Рафти кор**

1. Унсури галванӣ гузоред (ба қутбҳояш пайваст кунед).

2. Ба яке аз онҳо (васлкунанда ё қатъкунанда) занҷири барқиро пайваст кунед.

3. Нӯги озоди ноқили якум ва сеюмро ба васлаки асбоби истифодакунандаи неруи барқ пайваст кунед.

4. Фурӯзонакро ба патрон гузошта, васлкунакро (қатъкунакро) пайваст кунед.

**Инро дар хотир доред!**
*Пластмасса, резин, чӯби хушк, асбест, абрак, қаҳрабо, абрешим, карасин, ҳаво ҷараёнро намегузаронанд.*

**Савол ва супориш:**
1. *Маводдеро номбар кунед, ки барқро мегузаронанд.*
2. *Маводдеро номбар кунед, ки дар рафти таҷриба аз худ ҷараёни барқро намегузаронанд.*
3. *Барои сохтани занҷири барқӣ кадом унсурҳо-ҷузъҳоро интихоб кардед?*

## §13. СОХТИ ФУРӮЗОНАК ВА ҚИСМҲОИ ОН

Рӯшноии хуб шароити меҳнатро беҳтар карда, қувваи босираро нигоҳ медорад. Барои равшан кардани бино ва кӯчаҳо як қатор асбобҳои техникӣ, аз қабили дастгоҳи филмнамоишдиҳӣ, филмоскоп ва ғайра неруи баркро бештар истифода мебаранд.

Сохти кандилҳо, лампаҳои рӯйимизӣ, фурӯзонакҳои муқаррарӣ ва чароғакҳо аз таъйиноти онҳо вобаста аст. Онҳоро аз филиз, пластмасса, шишаҳои ранга ва масолеҳи дигар месозанд.




***Расми 26**. Сохти фурӯзонаки рӯзгор:*
*1-шиша;*
*2-мӯяки тафсанда;*
*3-электродҳо;*
*4-печтоб;*
*5-иттисоли марказӣ.*




***Расми 25.*** *Намудҳои фурӯзонаки каммасраф*

**Ҷадвали 3 Арматураҳои электротехникӣ**

| Тасвир, сохт ва қисмҳои он | Таъйинот |
|---|---|
| Патрони овезаи фурӯузонак:  1-дила, 2-гиреҳҳои винтӣ, 3-иттисолҳои фанарӣ, 4-рахпеч, 5-бадан | Патрони фурӯзонак барои пайваст кардани фурӯзонаки ноқил ба занҷири баркӣ хизмат мекунад. Сохти он ба таъйиноташ вобаста аст. |
| **Вилкаи штепселиикушодашаванда:**  *1-тана, 2-пайвандаки иттисолӣ, 3-винти иттисолӣ, 4-забонаки фишордиҳанда, 5-мехпечи маҳкамкунанда.* | Душоха (вилкаи)-и штепселӣ барои ба манбаи барқ пайваст кардани таҷҳизоти баркӣ – телевизор, яхдон, мошинаҳои ҷомашӯйӣ ва ғайра хизмат мекунад. |
| **Сохти васлаки барқӣ:**  1-иттисоли муҳаррик, 2-иттисоли беҳаракат, 3-мехпечи фишориш, 4-бадана. | Васлаки баркӣ барои ба занҷири барқӣ пайваст ва аз он ҷудо кардани таҷҳизоти баркии рӯзгор хизмат мекунад. |

Фурӯзонаки муқаррариро, ки мӯяки волфрамӣ дорад, фурӯзонак тафсониш меноманд. Ҷараёни барқ ба воситаи мӯяки волфрам гузашта, онро то ҳадди 280-300°с метафсонад. Дар айни замон ҷараён қисман ба шуоъ табдил меёбад.

Равшании ҷойи кор аз иқтидори манбаи рӯшноӣ ва масофаи он то ҷойи кор вобаста аст. Иқтидори фурӯзонак ҳар қадар зиёд бошад, хона ё ҷойи корро ҳамон қадар беҳтар равшан мекунад.

Шиддат ва иқтидори фурӯзонакро аз навиштаҷоти рӯйи шиша ё ноқил (қисми филизии фурӯзонак) донистан мумкин аст. Масалан, дар рӯйи шишаи фурӯзонак чунин навишта шудааст: 200V, 40V, IV- 05 ё 220V, 40W. Ин навишта маънои онро дорад, ки фурӯзонак бо шиддати 220V моҳи апрели соли 2005 истеҳсол шудааст.

Ҷаҳони муосирро бидуни барқ тасаввур кардан мумкин нест. Нокомии як зеристгоҳи барқӣ барои ним рӯз метавонад ба маънои том шаҳрро фалаҷ кунад. Компютерҳо, телевизорҳо, плитаҳои барқӣ фавран аз кор мемонанд, лифтҳо дар хонаҳои баландошёна меистанд ва таъмини об қатъ мешавад.

Ҳамин тавр, устои барқ яке аз муҳимтарин касбҳои замонимо аст. Устои барқи баландихтисос дар бозори меҳнат доимо талабот дорад. Кор бо шиддати баланд хатарнок аст, аммо устои барқ на танҳо барои ҳаёти худ, балки барои бехатарии истифодабарандагони таҷҳизоте, ки ӯ насб мекунад ё таъмир мекунад, масъул аст. Устои барқ аксар вақт маҷбур аст дар баландиҳо кор кунад ва ин ҳам ғамхории махсусро талаб мекунад. Кори онҳо зиракӣ ва дониши зиёдеро талаб мекунад. Азбаски техникаву технология доимо таҷдид мешавад, ҳар як устои барқ мунтазам аз такмили ихтисоси техникӣ гузашта, савияи дониши техникии худро бояд баланд бардорад.

Устои барқчӣ метавонад дар истеҳсолот, дар ташкилоти сохтмонӣ, дар корхонаҳои нақлиётӣ, дар соҳаи манзил, марказҳои офисӣ, мағозаҳо, муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олӣ ва дар тамоми соҳаҳои саноати ҷумҳурӣ фаъолият кунад. Инчунин устоҳо ҳастанд, ки шабакаҳои дохилии барқро нигоҳ медоранд.

Сифатҳои муҳимми касби барқчӣ тафаккури мантиқӣ, тафаккури техникӣ, малакаҳои хуби муҳаррикӣ, чашми тез, бодиққатӣ, дақиқӣ, эҷодкорӣ ҳангоми пайвасти ноқилҳо ва дигар амалиёти барқӣ ва пурмасъулиятиро талаб мекунад. Ба шахсоне, ки бемориҳои системаи мушакӣ, чашмҳо, системаи асаброро доранд, тавсия дода намешавад.

## ОСЕББИНӢ АЗ ҶАРАЁНИ БАРҚ

Ноуҳдабароёна ё беэҳтиётона истифода бурдани асбобҳои барқии рӯзгор боиси осеббинӣ мегардад. Аз осеби сабук фақат ҷойҳои зарардида сурх шуда, ба дард медароянд, ранги рӯйи шахс парида, карахт мешавад, ба ҳарос меафтад. Аз осеби сахт дар ҷойи ба ҷараёни барқ расидаи бадан пӯсту бофтаҳо месӯзанд, шахс беҳуш шуда, рангаш меканад, нафасаш гум мешавад, дилаш аз кор мемонад.

Агар дасту пойафзол тар ва замин намнок бошад, ҷараёни барқ бештар таъсир мерасонад. Дар чунин ҳолатҳо ҳатто шахси аз таъсири ҷараёни тағйирёбандаи 36Вт осебдида, ҳалок шуда метавонад.



Дараҷаи аввали сӯхт — Дараҷаи дуюми сӯхт — Дараҷаи сеюми сӯхт

***Расми 27***. *Дараҷаҳои осеббинӣ*

Хонанда бояд донад, ки дар вақти осеб дидан аз асбоби барқӣ кадом амалиётҳоро иҷро намояд:

1. Ҷараёни барқро тавассути васлак, калиди барқ, рубилник қатъ намудан ё дар сурати дастпӯшаку мӯзаи резинӣ ва ғайра доштан осебдидаро аз манбаи барқ дур кардан лозим аст.
2. Агар дар ҷойи корӣ чӯб ё тахта набошад, он гоҳ бо дасти хушк аз ҷойи либоси осебдида, ки ба бадани одам часпида истода набошад, ҷудо намудан лозим аст.
3. Бояд ба ёрии таъҷилӣ занг занад;
4. Осебдидаро оҳиста ба ҷойи рост ё рӯйи фарш хобондан лозим аст;
5. Агар аз ҳуш рафта бошад, спирти навшодир барои бӯй кардан диҳад;
6. Рӯй ва гардани осебдидаро бо оби хунук шӯяд;
7. Ҷойи сӯхтаи пӯстро бо маҳлули спирт пок намояд;
8. Агар зарурат пайдо шавад, нафаскашии сунъиро ба амал оварда, дилашро масҳ намояд.
9. Докаи (бинт) ба маҳлули марганетс тар кардашударо ба ҷойи осебдида гузошта, бо дока печонед.



***Расми 28.*** *Раванди ёрӣ расонидан аз осеббинӣ*

## КОРИ АМАЛИИ №14

**Тарзи расонидани ёрии аввалин ҳангоми осеббинӣ аз ҷараёни барқ.**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Дар раванди кори амалӣ тарзи дуруст молидани маҳлулҳо ва печонидани даст бо истифода аз дока (бинт) машқ карда шавад.

**Инро дар хотир доред!**

*Фурӯзонаки тафсониши барқиро соли 1872 олими рус электротехник А.Н.Ладигин ихтироъ кардааст. Мӯяки тафсониши он аз ангиштсанг буд, ки ранги зард медод ва зуд месӯхт. Ба А.Н.Ладигин қариб 20 сол лозим шуд, ки ин фурӯзонакро такмил диҳад. Вай соли 1890 дар намоишгоҳи умумиҷаҳонии Париж фурӯзонаки мӯяки тафсонишаш волфрамиро бо муваффақият намоиш дод.*

**Фурӯзонак** *аз калимаи фаронсавии Lampe (манбаи аввалин) ва юнонии Lapas (люминессенсия) гирифта шуда, барои равшанидиҳии умумӣ истифода мешавад.*

**Патрон** *(калимаи фаронсавӣ – Patron) воситаест барои маҳкам доштан ва ба манбаи барқ пайваст кардани лампочка.*

**Штепсел** *(калимаи олмонӣ – Stepsel) пайвандаки иттисолии душоха (вилка) буда, барои ба манбаи барқ пайваст кардани асбобҳои барқӣ хизмат мекунад.*

***Савол ва супориш:***

*1. Ҳангоми аз неруи барқ осеб дидани шахс кадом ҳолатҳо рух медиҳанд?*

*2. Қоидаҳои аввалини расонидани ёрӣ ба шахси аз неруи барқ осебдидаро гуфта диҳед.*

*3. Қоидаҳои одитарини бехатарӣ ҳангоми кор бо симҳои барқ кадомҳоанд?*

*4. Намудҳои асосии чароғҳои барқиро номбар кунед.*

*5. Душохаи (вилка)-и штепселӣ аз кадом қисмҳо иборат аст? Патрон – чӣ?*

*6. Сифатҳои муҳимми касби устои барқро номбар кунед.*

## §14. ШИНОСОӢ БО СОХТ ВА ВАЗИФАИ ЧАНГКАШАК

Пеш аз он ки асбобҳои рӯзгор ба рафҳои мағоза ва сипас ба хонаи шумо расанд, онҳо тарроҳӣ, васл ва ҳамаҷониба санҷида шудаанд. Бисёре аз ширкатҳо ин корро дар мамлакати Чин мекунанд, аммо баъзе корхонаҳо дар Аврупо низ ҷойгиранд. Аввалин чангкашак дар ИМА соли 1899 пайдо шуд. Яке аз ширкатҳои бонуфуз ин ширкати Electrolux-и Шветсия ба ҳисоб меравад, ки дар ибтидои асри XX таъсис ёфт ва он бо истеҳсоли чангкашакҳо машғул буд. Соли 1908 дар Вена соҳибкор Аксел Веннер-Грен дар равзанаи дӯкон ашёи аҷиберо мушоҳида кард. Ин чангкашаки амрикоӣ буд, ки вазнаш 20 кг ва арзиши он 73 доллари амрикоӣ буд. Соҳибкор Веннер-Грен фикр мекард, ки агар вай арзиши чунин дастгоҳро арзонтар ва осонтар кунад, пас ҳама мехоҳанд, ки дар хона чунин чангкашакро дошта бошанд. Мутаассифона, Аксел Веннер-Грен муҳандис ё олим набуд, вай соҳибкор буд. Чунин мешуморанд, ки ӯ аввалин шуда, усули мустақими фурӯшро истифода кардааст: ӯ ба хонаҳои мардум рафта, чангкашакро таблиғот намуда, нишон медод, ки дар ҳолати писанд омадан, аз тарафи сокинон харидорӣ карда мешуданд.

Консепсияи асосии истеҳсол ва сохти чангкашак аз солҳои 70-ум инҷониб тағйир наёфтааст: чархҳо, муҳаррик, рӯдаи чангкашак, ҳавокашак ва ғайраҳо. Ҳоло бошад, сохтани чангкашакҳоро бидуни халтаҳо омӯхтаанд, ки аз он берун кардани партовҳои ҷамъшуда хеле осон аст.

Чангкашакҳо барои тоза кардани хона (аз чанг, партовҳои майда), либос, гилем, парда ва ғайра хизмат мекунанд. Чангкашакҳо барои иҷрои корҳои гуногун бо қисмҳои иловагӣ (рӯда, мулҳақаҳо, чӯткаи мӯйчин ва ғайра) таъмин мебошанд.

Дар асоси чангкашак амортизатсияҳои резинӣ, муҳаррики коллекторӣ ва дар ғалтаки агрегати ҳавокаш (вентилятор), ки аз турбиначаҳо иборат аст, шинонида шудааст. Турбинаҳои ҳавокашро ба намуди доирача месозанд.

Ҳавокашак аз 2 ё 3 турбинача иборат аст. Дар вақти ба шабакаи барқ пайваст кардани чангкашак муҳаррики барқии он дар як дақиқа 10000 - 18000 чарх зада, ҳаворо ба воситаи чӯткаи дарунхолӣ бо суръати 20-30 метр/сония мекашад. Ҳаво аз равзанаҳои баромад ба берун мебарояд. Дар вақти кор чӯткаро ба маснуот наздик доштан мумкин нест, чунки дар ин ҳолат ба чангкашак дохилшавии ҳаво қатъ мегардад.

Дар дохили рӯда аксар вақт чизҳои сахт дармемонанд. Бинобар ин, рӯдаро пеш аз истифода ба фланси равзанаи баромад пайваста, тоза кардан лозим аст. Чангғункунакро аз матои мӯякдори сӯрохиҳояш майда месозанд. Шакли он ба халта монанд буда, дар сараш ҳалқаи симӣ ё резинӣ дорад. Дар чангкашак муҳаррикҳои коллектории иқтидорашон аз 50 то 600 Вт кор фармуда мешаванд. Ҳангоми муддати дуру дароз кор фармудани чангкашак сари ҳар соат муддати 10 дақиқа дам додани он лозим, то ин ки муҳаррики барқӣ хунук шавад. Барои ин чангкашакро аз шабакаи барқ ҷудо кардан шарт нест. Қуттии чангкашак аз пластмасса ё филиз буда, сатҳи он бо нитроэмал ранг карда шудааст. Дар сурати дуруст истифода бурдан чангкашак муддати 10-15 сол ва аз он зиёдтар хизмат мекунад. Ҳоло намудҳои наву мукаммалтари чангкашак истеҳсол шудаанд. Онҳо бо системаи моеъ кор мекунанд ва барои истифода хеле мувофиқ мебошанд. Ба чангкашак об меандозанд. Он дар вақти рӯбучин чангро бо фавраки ҳавоӣ ба ҳавзаки майда тела медиҳад. Баъд аз тамом кардани кор оби ифлосро рехта, чангкашакро боз ба кор тайёр мекунанд.

Қисмҳои ёрирасони он аз 2 чӯткаи гилемтозакунак, чӯткаи мудаввари мӯякдор барои тоза кардани китоб, пардаовезак, чӯткаҳои барҷастаю байзашакл барои тоза кардани кунҷҳо, ҷойҳои дастнорас ва либос иборат мебошанд.

Қисми асосии кории чангкашак агрегати ҳавокаш (вентиляторест, ки бо ёрии муҳаррики барқии коллекторӣ кор мекунад) мебошад, ки ҳаворо аз даҳанаи чангкашак ба дарун мекашад. Чангкашак бо рӯдаи чиндори чандир ва маҷмуи мулҳақаҳо низ ҷиҳозонида шудааст.

Асосан чангкашакҳои рӯйи фаршӣ, дастӣ, автомобилӣ ва чӯткачангкашак (чӯткаҳои барқӣ) истеҳсол карда мешаванд. Маъмултарини онҳо чангкашакҳои рӯйифаршии ростҷараён ва гирдбоддиҳандаанд.

Дар чангкашакҳои ростҷараён (масалан, «Чайка», «Ракета») чангу ғубори омехта бо ҳаво тавассути чӯтка-мулҳақаю рӯдаи чандирӣ кашида шуда, дар ҳаворолои (филтрҳои) матоӣ дармемонад. Ҳавои тоза аз муҳаррики барқӣ гузашта (қисман хунукшуда), тавассути ҳавокашак аз баромадгоҳи ақиби чангкашак берун мебарояд. Сипас, аз ҳаворолои матоӣ гузашта, берун меравад. Чангкашакҳои дастӣ, одатан, ростҷараён мебошанд ва аз чангкашакҳои рӯйифаршӣ бештар аз рӯйи андоза, вазн, иқтидор ва шумораи мулҳақаҳо фарқ мекунанд.




***Расми 29.*** *Қисмҳои чангкашак: 1.Ҳавополо (филтр)-и тозакунии охирин; 2.Муҳаррик; 3. Ҳавополои муҳофизаткунандаи муҳаррик; 4. Халта барои чанггункунӣ*




***Расми 30.*** *Навъҳои муосири чангкашакҳои барқӣ*

Вобаста ба сохт дар чангкашак 1 ё 2 ҳавополои матоӣ мавҷуд буда метавонад. Аз рӯйи индикатори чангкашак пур шудан ҳавополоро фаҳмидан мумкин аст. Барои он ки чангу ғубор дар хона паҳн нашавад, охири рӯдаро ба равзанаи даромади чангкашак мепайванданд. Чангкашакҳои рӯйифаршӣ ва дастӣ ба воситаи шабакаи ҷараёни тағйирёбандаи шиддаташ 220 Вт кор мекунанд.

Иқтидори кориашон 140-160 Вт аст. Барои он ки чангкашак дар хона ҷойи камро ишғол кунад (хусусан дар хонаҳои хурд), ҷилди онро ба интерйери хона мувофиқ месозанд.

Ҳоло бошад, чангкашакҳои замонавие истеҳсол шудаанд, ки кори соҳибхоназанҳоро бисёр осон мекунанд: «Samsung», «Rowenta», «Supra», «Sonyo», «Dyson», «Philips», «Absolute» ва ғайра.

Барои истеҳсоли чангкашакҳои замонавӣ дар истеҳсолот раванди технологии тайёр кардани чангкашак якчанд амалиётро дар бар мегирад.

Дар раванди тайёр кардани чангкашак якчанд коргарон вобаста ба касб фаъолият мебаранд, ки ҳар як корманд дар хатти истеҳсолӣ вазифаи худро дорад. Кормандон дар баст кор мекунанд: аз субҳ то нисфирӯзӣ ва аз нисфирӯзӣ то шом. Дар мавсими пуршиддат (аз моҳи август то моҳи декабр) дар корхона кормандони иловагӣ қабул карда мешаванд ва як басти дигар илова карда мешавад.

Барои ҳар як хатти истеҳсолии корхона, нақша ва суръати тахминии омода намудани чангкашак муайян карда мешаванд.

Агар коргарон қисмҳои зарурии чангкашакро назар ба талабот сусттар васл кунанд, он гоҳ дар экран дар болои сатр чароғи зард фурӯзон мешавад ва корманди вобасташуда бояд каме суръати корро тағйир диҳад. Агар чароғи сурх фурӯзон бошад, пас хатти истеҳсол хеле қафо мондааст ва зарурати фаврии ҷуброни вақти аз дастрафта хуб аст. Нишондиҳандаи сабз маънои онро дорад, ки ҳама чиз ба тартиб дароварда шудааст ва кор дар вақташ ба итмом мерасад.

Ҳар як корманд дар хатти истеҳсолӣ дар ҷойи кории худ, дастурамалҳои мухтасари васлкунӣ дорад. Масалан, дар хатти истеҳсолӣ касби васлкунанда бояд аз ду то панҷ амалро иҷро кунад. Касби васлкунанда дар истеҳсолоти чангкашакбарорӣ бо насб кардани дастакҳо, печондани сим, тоб додан ба чархҳо инчунин дигар амалиётро иҷро менамояд. Дар раванди истеҳсоли чангкашак дар корхона ягон пайдарпайии мураккаб мавҷуд нест, аз ин рӯ ҳамаи корҳо зуд анҷом дода мешаванд, аммо худи марҳилаҳо вобаста ба тарҳи чангкашак аз 10 то 20 мебошанд. Баъзе хатҳои истеҳсолӣ, ки бо конвейер пайваст нестанд, танҳо ба омода намудани ҷузъҳои алоҳида машғуланд.

Масалан, барои чангкашакҳои амудӣ, қисмҳои алоҳида дастӣ пайваст карда мешаванд. Ҳама ҷойҳои корӣ бо техника ва технологияҳои муосир муҷаҳҳаз мебошанд, ки ба системаи SAP пайваст карда шудаанд. Ҳар як қисм штрих-рамз дорад, ки бояд бо истифода аз сканер ба система ворид карда шавад. Агар корманд дар бораи қисмати дигари эҳтиётӣ нодуруст маълумот нависад, система хато кор мекунад. Ҳамин тариқ, дар ҳар як марҳила назоратчии сифат мувофиқи талаботи стандарт аз санҷиши мувофиқатии ҷузъиёт бо амсилаи зарурӣ мегузаронад.

Ғайр аз ин, ҳар як коргар дар ҷойи худ бо нишони электронӣ ба қайд гирифта мешавад. Чунин системаи идоракунӣ имкон медиҳад, кадом корманд хатогӣ кардааст, онро ҷарима кунад. Системаи назорати сифат дар корхона ҳама нуқсонҳои дастгоҳҳои

барои фурӯш тасдиқшударо бо масъулияти баланд ва назорати ҷиддӣ пурра аз назар мегузаронад. Ҳамзамон дар охири ҳар як хатти истеҳсолӣ чангкашакҳои истеҳсолшударо аз санҷиши ҳатмӣ мегузаранд.

Баъди гузаронидани санҷиши маснуот то 5% чангкашакҳои истеҳсолшуда пеш аз бастабандӣ барои санҷиши иловагӣ ба бригадаҳои истеҳсолӣ барои бартараф намудани нуқсонҳои баамаломада баргардонида мешаванд.

Сипас, корманди масъул чангкашакро пурра кушода, нуқсони пайдошударо ташхис менамояд. Агар корманд ягон камбудӣ ёбад, пас чангкашак барои пурра ҷобаҷокунӣ ва бартараф кардани нуқсонҳо ба бригадаҳои истеҳсолии вобасташуда фиристода мешавад. Баъди бартараф намудани нуқсонҳо чангкашакро ба асосҳои чангкашак баргардонида мешавад. Якчанд нусха аз ҳар як силсилаи истеҳсолот намунаҳо барои намоиш ба намоишгоҳи корхона фиристода мешавад.

Марҳалаи ниҳоии васлкунӣ бастабандии чангкашак ба қуттӣ мебошад, ки масъули он касби бастубандчӣ ба ҳисоб меравад. Бастубандчӣ асос ва қисмҳои ёрирасони чангкашак, дастурамал оид ба  истифодаи он ва дигар ҳуҷҷатҳои заруририро  дар қуттии чангкашак ҷойгир менамояд. Баъдан ҳатман қуттӣ баркашида мешавад, бо мақсади чизи изофӣ гузошта шудааст ва ё баръакс.

Пас аз ҷамъоварӣ ва бастабандӣ, тамға ва рамзи корхона гузошта, ба анбор мефиристанд.

Бояд қайд кард, ки дар ҳар як истеҳсолот новобаста ба маснуоти истеҳсолшаванда касби тарроҳ-конструктор фаъолият мебарад, ки вазифаи вай омода намудани тарҳҳои маснуоти истеҳсолшуда мувофиқи талаботи замон бошад, камхарҷӣ, намуди зоҳирӣ, ҷиҳати экологӣ ва иқтисодиро ба назар гирад.

Қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми истифодаи чангкашак:

1. Чангкашакро баъди итмоми кор дар ҳолати пайваст  ба барқ гузоштан қатъиян манъ аст;

2. Чангкашак

3. Дар хона набояд кӯдакон бо чангкашак бозӣ кунанд;

4. Чангкашакро аз  симаш  кашола  карда,  истифода бурдан мумкин нест;

5. Сими чангкашакро  зери  дари хона  пахш кардан, баъдан кашола  кардан қатъиян манъ аст;

6. Ҳангоми пайваст будани чангкашак ба барқ бо  дасти  тар расидан қатъиян манъ аст;

7. Ҳангоми тозакунӣ бо чангкашак тамокуи оташдорро гирифтан қатъиян манъ аст;

8. Ҳангоми маҳкам шудани сӯрохиҳо дар қисмҳои ёрирасони чангкашак истифодаи он мумкин нест;

9. Ҳангоми пайваст будани чангкашак ба барқ онро тоза кардан қатъиян манъ аст.

10. Ҳангоми тоза кардани зинапояҳои хонаҳои бисёрошёна ҳушёр бошед, то ки чангкашак аз зинапоя налағжад.

11. Нагузоред, ки халтачаи чанггирак аз партов ва чангҳо пур шавад.

## КОРИ АМАЛИИ №15

**Шиносоӣ бо таъйинот ва кори чангкашак аз рӯйи дастурамал**

Таҷҳизот ва асбоб: чангкашак ва дастурамали он. Дастурамали истифодаи чангкашакро омӯзед;

Бо қисмҳои асосӣ ва сохти он шинос шавед;

Бо қоидаҳои техникаи бехатарӣ аз рӯйи дастурамали чангкашак шинос шавед;

Қоида ва тартиби дурусти гузоштани қисмҳои иловагии чангкашакро омӯзед.

***Савол ва супориш:***

*1. Вазифаи чангкашак аз чӣ иборат аст?*

*2. Тарзи ба кор тайёр кардани чангкашакро гуфта диҳед.*

*3. Кадом чангкашакҳои замонавиро медонед?*

## § 15. ШИНОСОӢ БО СОХТ ВА ВАЗИФАИ МӮЙХУШККУНАК (ФЕН)

Мӯйхушккунак як навъ асбоби барқиест барои хушконидани мӯй. Мӯйхушккунак аз танаи пластмассӣ, шамолдиҳаки барқӣ ва гармкунаки спиралдори барқӣ иборат аст.

Шамолдиҳак ҳаворо ба дарун мекашад ва он аз таъсири спирали гарм то 50-70° С тафсида, мавҷи ҳавои гармро бо суръат ба берун мебарорад. Барои ба кор андохтани мӯйхушккунак аввал муҳаррики барқӣ (дар ин ҳолат шамоли хунук медиҳад), баъд гармкунаки барқиро васл кардан лозим аст. Гармкунаки барқӣ 250-400 Вт, вале муҳаррики барқӣ 50-70 Вт қувваи барқро истифода мебаранд. Мӯйро вобаста ба зичӣ ва дарозиаш 10-20 дақиқа хушк мекунад.

Мӯйхушккунакро то 1 соат истифода бурдан мумкин аст, баъд онро барои хунук шудан 30 дақиқа аз кор мондан лозим меояд. Мӯйхушккунакҳо якчанд хел мешаванд: Локон, Сюрприз, Кудесник, инчунин намудҳои замонавии Rowenta, Vitesse, Moser, Vitek ва ғайра.

Барои тез хушк кардани мӯй баъзе мӯйхушккунакҳо, аз ҷумла «Сюрприз», сими мулоиме доранд, ки як нӯги онҳо ба худи асбоб ва нӯги дигараш ба «саркашак» пайваст аст. Мӯйхушккунакҳои «Микма», «Кудесник» барои ба тартиб овардани мӯй мулҳақаҳои гуногун низ доранд.

Ҳарорати мӯйхушккунак ба таври автоматӣ танзим мешавад; мӯйхушккунак инчунин ҳангоми бисёр тафсидан ё аз кор мондани муҳаррики барқӣ ба таври автоматӣ аз кор мемонад.



***Расми 31.*** *Намудҳои муосири мӯйхушккунак*

Баъзе навъҳои мӯйхушккунак пояча-илҳоқак доранд, ки он барои дар рӯйи миз гузоштан ё ба девор овехтан имконият медиҳад. Мӯйхушккунак тавре сохта шудааст, ки ба он мӯй дарнамемонад. Дар аснои кор карданаш сӯрохи ҳаводарои мӯйхушккунакро руст кардан ва ба фурӯ кашидани гарду чанг, мавҷуд будани инчунин чизҳои хурд роҳ додан лозим нест. Дар сурати кор накардани муҳаррик гармкунаки барқиро ба кор андохтан ҷойиз нест.

Мӯйхушккунаки барқӣ аз сабаби ҳарорати баланд доштанаш метавонад ба мӯйҳо зарари ҷиддӣ расонад. Аз ин рӯ, ҳарорати мӯйхушккунаки худро он қадар баланд накунед ва аз мӯйи худ дуртар нигоҳ доред.

Аз сабаби мавҷуд будани ҳавои кондитсионерӣ дар утоқҳои корӣ мӯйҳо хушку зудшикан мешаванд. Бинобар ин, пеш аз шустани мӯй истифодаи ниқобҳо хеле фоидабахш аст. Ниқоби хубтарин ҷурғоти беравған мебошад. Воситаҳои ороишӣ мӯйро ифлос мекунанд. Барои тоза кардани онҳо аз маҳсулоти зарурӣ истифода баред. Ним пиёла сиркои оширо бо 250 мл оби ҷӯшида омехта, каме хунук карда, ба мӯйҳои худ молед.

Мӯйҳои аз ҳад зиёд равғаниро бо оби ширгарм обгардон намоед.

Ороишдиҳии мӯй яке аз касбҳои беҳтарин ба ҳисоб меравад, зеро зоҳири инсонро зебо мегардонад.

Мӯйи духтарон ҳар қадар, ки оро дода шуда бошад, ҳуснашон ҳамон қадар зиёд мешавад. Оро додани мӯй ҳам кори осон нест ва на ҳар кас аз уҳдааш мебарояд. Духтарон ҳатто ба касалии мӯй нигоҳ накарда, онро оро медиҳанд. Ин кори онҳо хато мебошад.

Ороиши мӯйи духтарони синнусоли томактабӣ, мактабӣ ва калонсолтар аз ҳам фарқ дорад. Вақти оро додани мӯй аз пайи мӯд нарафта, намудҳои рӯй ва қаду қоматро ба эътибор гирифтан лозим аст.

Мӯйи зебо бояд ҳусн ва сифатҳои рӯйро тақвият дода, нуқсонҳои он (тарҳи нодурусти рӯй, пешонаи танг ё ниҳоят васеъ, манаҳи калон ва ғайраро) рӯйпӯш кунад. Занҳои синну солашон гуногун мӯйи худро мувофиқи табъи дил оро медиҳанд, аммо мӯйи занони куҳансол бояд одӣ бошад. Ороиши мӯй ба ҳунари машшота (парикмахер) вобаста аст.

Ороиши одии ҳаррӯзаро худи кас анҷом дода метавонад. Барои ин ҳар як зан бояд бигудӣ (мӯйтобак, 20-25 дона), ду шона (яке барои шона кардан, дувумӣ барои ҷудо ва тоб додани мӯй), чӯтка ва мӯйхушккунак дошта бошад. Пеш аз тоб додани мӯй мӯйсарро мешӯянд ва онро бо шарбати лимӯ ё моеи махсус андак тар мекунанд.

Мӯйтобаки пластмассӣ, ки онро «ёжик» низ меноманд, барои тоб додани мӯй хеле мувофиқ аст, инчунин аз бигудии барқӣ (мӯйтобаки барқӣ) ё термобигудӣ (мӯйтобаки гармигузарон) низ истифода мебаранд. Қутри мӯйтобак ба сифати ороиши мӯй ва зичии он вобаста аст. Баъзе занҳо мӯйҳои худро, одатан, шаб тоб медиҳанд, вале бо сари пур аз мӯйтобак хоб кардан нобоб аст, чунки гардиши хуни пӯсти сар ва ғизогирии мӯй вайрон мешавад. Агар рӯйи шахсе борик ва пешонааш баланду васеъ бошад, як қисми пешонаро бо мӯй пӯшонидан мумкин аст. Агар рӯй бисёр хурд бошад, ба сар мӯйро ҳалқавор мепечонанд, ки ин зеб мебахшад.

Пешонаи борик ва рухсори фарбеҳро бо мӯй пӯшонида, нуқси тарҳи рӯйро номаълум кардан мумкин аст. Гардани борикро мӯй аз ҳама беҳтар мепӯшонад. Агар гардан кӯтоҳ ва ғафс бошад, мӯйи пушти сар бояд дар шакли «секунҷа» оро дода шавад. Мӯйсари духтарчаҳои томактабиро ба шакли телпакча оро дода, дар пешона «зулф» мемонанд.

Барои бастани банд (бандина) аз пеш чанд тор мӯйи дарозро қайчӣ назада мемонанд. Агар мӯйи духтарчаҳои мактабхон ғуллӣ бошад, кӯтоҳ кардан ва агар дароз бошад, кокул сар додан беҳтар аст. Мӯйҳои дарозро ба ақиби сар шона карда, кокул бофтан ва нӯги кокулро бо бандина ба фарқи сар баста мондан мумкин аст. Агар тарҳи рӯй дароз бошад, кокулҳоро дар бари гӯш мегузоранд. Мӯйи пешонаи бачаҳои синни томактабӣ ва хонандагони синфҳои ибтидоиро қайчӣ задан беҳтар аст. Бачаҳои калонсол бошанд, мӯйҳояшонро яктарафа ё ба боло шона мекунанд.

Пеш аз оро додани мӯй бояд мӯйро шӯянд ва онро хушк кунанд. Истифодаи мӯйхушккунак низ кори занонро бисёр осон мекунад. Мӯйҳои хушккардаро аввал бо шона ё чӯтка шона зада, сипас ба шакли дилхоҳ оро медиҳанд.

Дар ду ҳафта як маротиба аз анбӯри мӯйҷингилакунӣ истифода мебаранд. Ҳангоми ҷингила кардани мӯй анбӯри мӯйҷингилакунӣ набояд аз ҳад зиёд гарм бошад. Мӯйҷингилакунаки барқӣ дар аввали асри XX ихтироъ карда шуда, дар Аврупо аз он бо муваффақият истифода мебаранд.



***Расми 32.*** *Намудҳои асбобҳои махсус барои ороиш додани мӯй*

Ҳоло қариб 40 намуди мӯйҷингилакунак ва шонаҳои барқӣ бароварда мешаванд, ки «Этюд», «Фея», «Локон-3», «Локон-6», инчунин мӯйҷингилакунакҳои замонавӣ: Dewal , Polaris, Supra, BaByliss PRO, Rowenta аз қабили онҳоанд. Нисбати ин асбобҳои барқӣ талабот ниҳоят калон аст.

Мӯйҷингилакунаки барқӣ аз унсури гармкунандае ташкил ёфтааст, ки дар дохили лӯлачаи филизӣ ҷойгир буда, дорои дастаи пластмассӣ мебошад. Ба лӯлача шона ё худ сиққонаки филизие барои мӯй шинонида шудааст. Талабот ба унсури гармкунанда ниҳоят калон аст. Изолятсияи он бояд мустаҳкам бошад ва ба шиддати 375 Вт тоб орад. Шиддат ба унсури гармкунанда тавассути сими васлкунанда, ки аз дохили даста гузаронида шудааст, расонида мешавад.

Моделҳои беҳтарин бо танзимгари ҳарорат ва буғдиҳак ҷиҳозонида мешаванд. Ҳарорати сатҳии корӣ 100-130°С-ро ташкил медиҳад.

Ҳамеша сахт тофтану бофтани мӯй боиси мӯрт шудану рехтани он мегардад.



***Расми 33.*** *Касби машотта*

Соли 1893 якумин бор мактаби машшота дар Чикаго ташкил карда шуд. Якумин бор касби машшота дар Шарқи қадим пайдо шуда, машшотаҳо дар байни рӯҳониён фаъолият мебурданд. Онҳо ба ороиши мӯй машғул буданд. Агар кас бемор шавад, мӯйи сарро мебуриданд ё кӯтоҳ мекарданд. Баъдтар ин касб дар Мисри қадим ва Юнони қадим тараққӣ кард. Ба касби машшота бештар табибон машғул мешуданд.

Машшота ин мутахассисе, ки дар соҳаи омода намудан ва ороиши мӯйи инсон вобаста аст. Калимаи машшота аз забони олмонӣ гирифта шуда, маънояш "устои улоқкунандаи мӯй" мебошад.

Мутахассиси машшота ба якчанд гурӯҳ тақсим мешавад: мутахассиси мардона номаш сартароши мардона, мутахассис оид ба ранг кардани мӯй–номаш машшота-колорист; мутахассиси ороищдиҳандаи мӯйи занҳо – оришгари мӯйи занҳо; мутахассис оид ба ороиши мӯйи мардона ва занона – ороишгари умумӣ.

Вазифаи машшота нигоҳубини мӯй ва саломатии инсонро уҳдадор аст: буридани мӯй, ороиши мӯй, бофтани кокул, рангкунии мӯй, ороиши мӯй барои рӯзҳои ид ва шабнишинӣ. Сифатҳои муҳимми касби машшота ин масъулиятшинос, нававар, эҷодкор, бодиққат, тозакор, хушмуомила будан аст.

Ҳар як инсон бояд тарзҳои ороиши мӯйро омӯзад. Ин асосан, ба духтарҳо ва занон зарур мебошад. Ҳар як духтар пеш аз ба мактаб ё ба меҳмонӣ рафтан, албатта, мӯйи худро оро медиҳад, чунки ҳусни инсонро на фақат либос, балки ороиши мӯй ҳам дигаргун мекунад.

**Техникаи бехатарии кор бо асбобҳои баркӣ**

1.Барои аз таъсири расиши чараёни барқ осеб надидан душоха (вилка)-и штепселиро бо дасти хушк бояд пайваст ва ҷудо кард.

2.Пеш аз таъмири ин ё он асбоби баркӣ ва бартараф кардани нуқсонҳои дахлдор ҳатман шиносномаи онро бо диққат аз назар гузаронед.

## КОРИ АМАЛИИ №16

**Тарзи ороиши мӯй бо асбоби мӯйҷингилакунак.**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: шонаҳои гуногун, оина, мӯйҷингилакунак.

Барои ҷингилакунии мӯй, аввал мӯйро гарм кунед, сипас мӯйҷингилакунакро гарм карда, як қабза мӯйро ба пахшкунак мустаҳкам намоед. Баъд аз 10-15 сония мӯйҷингилакунакро оҳиста аз мӯй гиред ва 5-7 сония нигоҳ доред. Сипас, пахшкунакҳоро кушода, боз ним гардиш давр занонида, пас онро гиред. Ҳамин тавр корро давом диҳед.

Баъди ба охир расонидани ҷингилакунии мӯй онро бо шонаҳои махсус оро медиҳанд



***Расми 34.*** *Намудҳои ороиши мӯй бо асбоби мӯйҷингилакунак*

**Савол ва супориш:**

*1. Мӯйхушккунак ва мӯйҷингилакунак аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?*
*2. Намудҳои мӯйхушккунаки замонавиро номбар кунед.*
*3. Магар ороиши мӯй ба синну сол вобаста аст? Агар вобаста бошад, онро маънидод кунед.*
*4. Оид ба касби машшота маълумот диҳед.*
*5. Вобаста ба эҷодкории худ мӯйи ҳамсинфатонро амалан ороиш диҳед.*

## § 16. ШИНОСОӢ БО СОХТ ВА ВАЗИФАИ ЯХДОН

Яхдон таҷҳизотест, ки барои бо роҳи хунуккунии сунъӣ дар шароити хона ба муҳлати муайян нигоҳ доштани маҳсулоти хӯрокворӣ истифода бурда мешавад.

Яхдон таҷҳизотест, ки дар даруни он ҳарорат нисбат ба берун паст ва ҳавои камераи сармодонаш беҳад сард аст. Дар саноат намудҳои гуногуни яхдон истеҳсол карда мешаванд, аммо яхдонҳои компрессорӣ бештар паҳн шудаанд. Ин навъ яхдонҳо ба намуди ҷевон сохта шуда, дохилашон бо фурӯзонак равшан карда мешавад (дар вақти пӯшидани дари яхдон хомӯш мешавад).

Агрегати хунуккунии яхдон аз компрессори поршендор, муҳаррики барқии асинхронии бо ҷараёни тағйирёбанда коркунанда, асбобҳои автоматии идоракунандаи ҳарорат (терморегулятор) иборат мебошад. Дар қисми поёни ҷевон компрессор ҷойгир шудааст, ки буғи аз моддаи хунуккунанда ҳосилшударо тахти фишор қарор медиҳад. Компрессор ва муҳаррик байни худ бо тири умумӣ пайваст буда, бо ҷилди ҳавоногузар рӯйпӯш карда шудаанд.

Барои бе овоз кор кардани рӯйпӯши компрессор онро ба фанари рама (панҷара) овезон мондаанд. Қасқон ба конденсатор часпонида шудааст, ки дар қисми паси девори ҷевон воқеъ аст. Конденсатор найчаи моршакл буда, рӯйпӯш дорад.

Конденсатори моршакл тавассути муҳаррики найчагӣ ба гармкунаки конденсатор ва ба воситаи поло (филтр)-и махсусу найчаи капиллярӣ ба сармодонак пайваст аст.

Сармодон аз филизи зангназананда ё алюминий сохта шуда, системаи каналҳо дорад. Моддаи хунуккунии яхдон фреон аст. Фреон моддаи моеи безарар ва бебӯй буда, филизро занг намезанонад. Фреон намесӯзад, зимни ҳарорати паст буғ мешавад, дар 29°С меҷӯшад, ҳангоми фишурдашавӣ муътадил аст. Фреон ях мекунад, вай бисёр моеъ аст, аз сӯрохиҳои хурди филиз мегузарад, резинаро об мекунад, дар ҳолати моеӣ барқро намегузаронад. Фреон ва равған дар тамоми давраи кори яхдон иваз карда намешаванд.

**Тарзи кори яхдон**. Компрессор, ки тавассути муҳаррики барқӣ ба кор дароварда мешавад, буғи фреонро меҷаббад, онро рӯйпӯши компрессор фишурда ба конденсатор медиҳад. Фреон ба конденсатор гармиро дода, конденсатсия мешавад, яъне ба моеъ табдил меёбад ва дар он ҷо васеъ ва хунук мешавад, гармиро аз деворҳои сармодон мегирад.

Фреони хунукшударо компрессор мечаббад ва он боз ба сармодонак меояд. Ин кор доим такрор мешавад. Компрессори поршендор тавассути муҳаррики барқии шиддаташ 220 В ба кор медарояд.

Муҳаррики барқии яхдон дар шароити муътадил ба таври сиклӣ (реле дорад) кор мекунад, яъне баъди вақти муайян аз кор мемонад ва боз ба кор медарояд. Ин сикл аз ҳисоби танзимгари ҳароратие, ки тартиби корро дар яхдон идора мекунад, нигоҳ дошта мешавад. Танзимгари ҳарорат ҳарорати заруриро дар камераи яхдон ба таври автоматӣ нигоҳ дошта метавонад. Агар яхдонро дуруст истифода баред, он муддати тулонӣ хизмат мекунад. Яхдонҳо хонагӣ ва истеҳсолӣ мешаванд.

Яхдонҳои рӯзгор компрессорӣ ва абсорбсионӣ мешаванд. Онҳо аз рӯйи тарзи кори агрегати яхдон (ҳосил кардани сардӣ) ва мутаносибан аз ҷиҳати сохту тавсифи техникиашон фарқ мекунанд. Агрегати яхдони компрессорӣ иборат аз компрес сорест, ки барқфиристанда, буғронак, конденсатор ва софкунак -хушккунак дорад. Моддаҳои хунуккунанда бо ёрии компрессор дар каналҳои бухоршаванда гардиш карда, камераи яхдонро сард менамоянд. Агрегатҳои ин яхдон ихчаманд, ҳангоми истифодаи яхдон қисмҳои муҳаррикашро иваз ё равған кардан шарт нест.

Ин асбоб як камбудӣ дорад: кори муҳаррик-компрессор пурғалоғула буда, яхдонро андаке меларзонад. Вале агар муҳаррик-компрессор бенуқс ва яхдон дуруст гузошта шуда бошад, овоз хеле паст мешавад ва ларзиш қариб пурра барҳам мехӯрад. Танзимгари сервазифа мунтазам бо агрегати яхдон пайваст ва аз он ҷудо шуда, дар камераи яхдон ҳарорати дилхоҳро нигоҳ медорад. Агрегати яхдони абсорбсионӣ иборат аз генераторест, ки гармкунак, конденсатор, буғронак ва абсорбер дорад. Хунукӣ дар натиҷаи абсорбсия, яъне буғҳои моддаҳои хунуккунанда (асосан аммиак)-ро фурӯ бурдани моддаи сахт ё моеъ ҳосил мегардад. Моддаҳои хунуккунандаро генератор гарм намуда, барои даврзаниашон мусоидат мекунад. Кори агрегати ин гуна яхдон (қисмҳои мутаҳаррики механикӣ надорад) бе ғалоғула аст.

Агрегати яхдони компрессорӣ назар ба абсорбсионӣ қувваи зиёди сардиҳосилкунӣ дорад. Сардгардонӣ ва ҳосилкунии ҳарорати аз 0°С паст дар яхдонҳои компрессорӣ назар ба яхдонҳои абсорбсионӣ хеле зуд ба амал меояд, вале ҳарорати ҳосилшуда хеле паст аст.

Яхдонҳои яккамерадор ва дукамерадор мавҷуданд. Камераи хунуккунии яхдони яккамерадор шуъбаи ҳарораташ паст (қисми сардгардонӣ ё сармодон) низ дорад, ки дар он ҳарорат аз-6°C то-12°C (дар баъзе яхдонҳо то-18°C) мешавад, вале дар худи камераи сардгардонӣ ҳарорат аз 0 то-6°C аст. Дараҷаи ҳарорати сармодон дар даричаи он бо «ситорачаҳо» ё «барфакҳо» ишора шудааст: як барфак 6°C, ду ва се барфак-12°C ва -18°C-ро нишон медиҳад. Барои бештари маводди хӯрокие, ки бояд дар ҳолати яхбаста нигоҳ дошта шавад, дараҷаи аз-12°C то-18°C мувофиқ аст.

Дар яхдонҳои дукамерадор қисмати ҳарораташ паст аз камераи сармодон ҷудост ва аслан он камераи мустақил буда, тарзи хосси ҳарорат дорад (аз ин ҷо дукамерадор ном дорад). Дар яхдонҳои дукамерадор мубодилаи гармӣ байни камераҳо батамом барҳам мехӯрад.



***Расми 35.*** *Яхдонҳо: ба намуди яхдони дукамерадори «Минск-22»; б- нақшаи тарзи ҷойгиршавии яхдони компрессорӣ; в - сохти компрессор*



***Расми 36.*** *Намудҳои яхдонҳои муосири дастӣ*

Имрӯз яхдонҳои замонавии сохти хориҷӣ, ба монанди «LG», «SAMSUNG», «INDESIT», «SHARP» «NOORWAY», «ATLANT» ва ғайра дастраси мо мегарданд, ки асосан яхдонҳои дукамерадор ва секамерадор мебошанд.

Азбаски камераи сармодон назар ба худи яхдон хеле кам истифода мешавад, кори сармодони яхдони дукамерадор назар ба сармодони яхдони яккамерадор устувортару бардавомтар мебошад. Ғайр аз ин, ҷудо будани камераҳо имкон медиҳад, ки бо қувваи ками барқ дар камераи сармодон ҳарорати хеле паст (то-18°с) ҳосил карда шавад. Дар натиҷа барои дер нигоҳ доштани озуқа шароити хеле мусоид фароҳам меояд, дар девораҳои буғронак қабати барфӣ он қадар ғафс намешавад ва қувваи барқе, ки барои дар камераи яхдон нигоҳ доштани ҳарорати зарурӣ лозим аст, кам сарф мешавад.

Барои як кас яхдони гунҷойишаш то 120дм3, барои оилаи секаса яхдони ғунҷойишаш 180дм3, барои оилаи 4-нафара яхдони ғунҷойишаш 260-300 дм3 кифоя аст.

Қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми кор бо яхдон: яхдонро бояд механики мағозаи дахлдор ба кор омода карда, ба шабакаи барқ пайваст кунад, вале шартҳои зеринро риоя намуда, ин корро мустақилона ба ҷо овардан низ мумкин аст. Яхдонро дар наздикии плитаҳо, батареяи гармибахш, ҷойҳои офтобӣ набояд гузошт, онро қатъиян амудӣ ё андаке ба ақиб майл дода (ҳаво бояд аз қабати яхдон озод гузарад) мегузоранд.

Пеш аз ба шабакаи барқ васл кардани яхдон бояд шиддати шабака ба шиддати дар ҷадвал (дар ақиби яхдон) сабтшуда мувофиқ бошад. Яхдонро дар бинои намии ҳавояш аз 80% зиёд, деворҳо, фарш, шифт ва ҷиҳози дохилаш намнок, ба рӯйи фарши филизӣ, оҳанубетонӣ, хиштӣ, ки қувваи барқро ба осонӣ мегузаронанд, гузоштан мумкин нест. Яхдони хонагӣ (рӯзгор)-ро дар ҷойи хушк, бинои ҳавои атрофаш 16-32°С гарм бояд гузошт, дар ҷойи ҳарораташ аз 40°С зиёд яхдонро истифода бурдан мувофиқи мақсад нест.

Истифодаи яхдон ва нигоҳубини он. Яхдонро пеш аз истифода бо оби гарм (беҳтараш якҷоя бо собун) шуста, то хушк шуданаш пок карда, шамол додан лозим аст. Дастаки танзимгари ҳароратро ба ҳолати зарурӣ тоб дода, дар камераи хунуккунӣ ва сармодон ҳарорати зарурирo ба вуҷуд овардан мумкин аст. Баъд ба шабакаи барқ васл карда, яхдонро ба кор медароранд. Озуқаро дар рафҳо ғарам кардан ва ба рафҳо ҳар чиз (фолга ё плёнка) гузоштан лозим нест, чунки дар камера ҳаво давр намезанад. Ба яхдон хӯроки гарм гузоштан низ мувофиқи мақсад нест. Муҳимтарин шарти кори хуби яхдон мунтазам (ҳафтае камаш як бор) об кардани яхи буғронак аст; дар ин вақт агар қабати ях зиёду ғафсии барф бештар аз 5-6 мм бошад, кори яхдон бад ва сарфи неруи барқ зиёд мегардад.

Агрегати яхдонро аз неруи барқ ҷудо кунем, барфаш об мешавад; яхро (барфро) бо асбоби тез ё сахт тарошида партофтан норавост, зеро деворaҳои буғронак харош хӯрда, агрегат аз кор баромаданаш мумкин аст. Дар сурати риояи қоидаҳои истифода ва нигоҳубин (мувофиқи дастурамал) яхдон 15 сол ва аз он зиёдтар хуб кор мекунад. Муҳлати кафолат аз рӯзи фурӯши яхдон се сол аст (дар ин давра носозиҳои бо айби корхона бавуҷудомадаро худи ҳамон корхона бартараф мекунад). Барои таъмири яхдон устохонаи махсус мавҷуд аст.

Агар баъзе хӯроквориро дар яхдон аз ҳад зиёд хунук кунанд, мазааш меравад. Бинобар ин, ҳасибро дар ҳарорати 2-4°С, тухм, шир, майонезро дар ҳарорати 3-6°С, сабзавотро дар ҳарорати аз 3 то 7°С, афшураи меваҷот ва оби маъданиро дар ҳарорати 4-8°С нигоҳ доштан беҳтар аст. Чунончи, гӯшти тоза, мурғ ва моҳиро дар рафи боло гузоштан (ба муҳлати кӯтоҳ) хубтар аст. Панир, маска ва дигар равғанҳо дар рафҳои болоии камераи яхдон тару тоза меистанд.

Меваҷоту сабзавотро дар рафи поёнии камера нигоҳ доштан лозим аст: агар шишаашро нагирем, маҳсулот тару тоза боқӣ мемонад. Онҳоро одатан, дар рафи поён нигоҳ медоранд.

Дар танаи дари яхдон аз дарун рафҳои тухм, равған, панир, шир ва шишаи нӯшокиҳо мавҷуданд. Хӯроквории бӯяш тез (панир, моҳӣ, хӯрданиҳои дуддодашуда, дорувор ва ғайра) ва зуд вайроншаванда (маска, творог, қаймоқ ва ғайра)-ро дар зарфи пӯшида, халтачаю қуттичаҳо (масалан, плёнка, полиэтилен, селлофан, фолгаи алюминӣ) ба яхдон гузоштан лозим аст.



***Расми 37.*** *Таъмиргари яхдон*

Мазаи хӯрокворӣ вобаста ба каму зиёд нигоҳ доштани он дар яхдон дигар мешавад. Чунончи, дар яхдон моҳии наву тоза, гӯшти ҷӯшонда, ҳасиб, қазиҳоро 3 шабонарӯз, ширу қаймоқи навро 2 рӯз, творогро 2-3 шабонарӯз, тухм, маска ва маргаринро 15-20 шабонарӯз нигоҳ доштан мумкин аст; буттамеваҳоро бо ягон чизи намногузар печонда, то 8 шабонарӯз нигоҳ доштан имконпазир мебошад. Барои нигоҳдории сифати маҳсулоти хӯрока бояд яхдонҳои дар истеҳсолоти хӯрока мавҷудбуда ва инчунин дар хона доим дар ҳолати корӣ бошад, дар ҳолати аз кор баромадани яхдон соҳибхона ва ё масъул аз корхона бояд устои таъмиргари яхдонро даъват намояд.

Таъмиргари яхдон мутахассисест, ки нигоҳдорӣ, насб, таъмири таҷҳизотҳоро анҷом медиҳад. Касб бо меҳнати вазнини ҷисмонӣ алоқаманд аст, бинобар ин аксар вақт мардон онро интихоб мекунанд. Касби мазкур ба навъи «одам-техника» тааллуқ дорад.

Мутахассиси таъмиргари яхдон метавонад боз дигар намудҳои асбобҳои рӯзгорро таъмир кунад, масалан, таҷҳизоти хунуккунӣ дар қаҳвахонаву тарабхонаҳо ва ғайра, ки аз сатҳи дониши касбӣ ва тайёрии ибтидоии мутахассис вобаста аст. Таъмиргари яхдон бо асбобҳои рӯзгор сарукор дорад, инчунин метавонад он яхдонҳои тиҷоратӣ, ки дар қаҳвахонаҳо, тарабхонаҳо, ошхонаҳои саноатӣ истифода мешаванд, барои нигоҳубини техникӣ масъул бошад. Вазифаҳои асосии касби таъмиргари яхдон:

- қабули дархостҳо ва додани маслиҳат ба мизоҷон;
- ёрӣ расонидан ба мизоҷон дар интихоби яхдон;
- ташхиси яхдонҳо;
- таҳияи харитаи таъмир;
- фармоиш додани қисмҳои нав ё истифодашудаи яхдон, ивазкунии минбаъдаи онҳо;
- хизматрасонии техникӣ.

Таъмиргари яхдон сметаҳо тартиб медиҳад, бо таъминкунандагони қисмҳои яхдон ҳамкорӣ мекунад. Аксар вақт ӯ дар хонаи мизоҷон кор мекунад, ба ҳисоби миёна дар давоми рӯз 3-4 яхдонро таъмир мекунад. Касби мазкур дониши амиқи фанҳои химия, физика, нақшакашӣ, математика, технология (таълими меҳнат), инчунин донишҳои техникиро талаб мекунад.

Таъмиргари яхдон бояд биниши хуб, устувории ҷисмонӣ, бидуни бемориҳои буғумҳои дасту пой буда, ростқавл, ҳалолкор, тозакор, хушмуомила ва инчунин донандаи касби худ бошад.

**Ҷиҳатҳои мусбат ва манфии касб:**

Ҷиҳати мусбат:

1. Ҳаҷми зиёди фармоиш;
2. Мустақилона ба нақша гирифтани рӯз ва соати корӣ;
3. Мутахассиси соҳа даромади устувор дорад;

**Ҷиҳати манфӣ:**

1. Кор бо меҳнати ҷисмонӣ алоқаманд аст, дар сурати риоя накардани қоидаҳои бехатарӣ, захмдор шудан мумкин аст;
2. Таъмиргари яхдон бо моддаҳои зараровари химиявӣ кор мекунад.

## КОРИ АМАЛИИ №17

Қоидаҳои тозакунӣ ва нигоҳубинии яхдон

Қоидаҳои тозакунӣ ва нигоҳубини яхдони дар синфхона бударо машқ кунед.

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: яхдон, содаи нӯшокӣ, сатилча, дока.

Агар дар синфхона яхдон набошад, яхдони дар ошхонаи муассисаи таълимӣ бударо аз назар гузаронед.

**Инро дар хотир доред!**

*Аввалин яхдонҳо бо хунуккунии сунъӣ (компрессионӣ) соли 1910 дар ИМА пайдо шудаанд. Дар Русия яхдонҳои компрессорӣ соли 1939 (ХТЗ) ва абсорбсионӣ соли 1945 (намудҳои намунавӣ) ихтироъ шудаанд. Истеҳсоли оммавии яхдони навъи компрессорӣ аз соли 1951 (ЗИЛ) ба роҳ монда шуд, ки то ҳол онро истифода мебаранд*

**Савол ва супориш:**

1. *Яхдонҳо ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд ва фарқияти онҳо дар чист?*
2. *Тарзи истифода ва нигоҳубини яхдонро фаҳмонед.*
3. *Қоидаҳои техникаи бехатарӣ ҳангоми истифодаи яхдонро гӯед.*
4. *Касби таъмиргари яхдонро шарҳ диҳед.*

## §17. МОШИНАИ ҶОМАШӮЙИ БАРҚӢ

Мошинаи ҷомашӯйи барқӣ барои дар шароити хона шустан, обгардон кардан, афшурдани либос ва ғайра таъйин шудааст. Давр занондани либос ва ба ҳаракат овардани маҳлули ҷомашӯйӣ, одатан, тавассути диски белчадор (активатор) ё табл амалӣ мегардад. Чандин навъи мошинаҳои либосшӯйӣ мавҷуданд:

1. Мошинаҳое, ки механизми либосафшурӣ надоранд (навъи СМ).

2. Мошинаҳое, ки дар онҳо либос бо ёрии навардчаҳо дастӣ афшурда мешавад (навъи СМР).

3. Мошинаҳои нимавтоматию дузарфаи активаторашон дискӣ, ки барои либосафшурӣ сентрифуга доранд ё якзарфаи навъи устувонагӣ (таблакӣ) (навъи СМП).

4. Мошинаҳои автоматии идоракуниашон барномавӣ, ки одатан, якзарфаи устувонагӣ (навъи СМА) мешаванд.

Дар баъзе мошинаҳои навъи СМР нишонаи вақт ва насос барои гирифтани об вуҷуд дорад. Мошинаи ҷомашӯйӣ аз қуттӣ, тағорачаи ҷомашӯйӣ бо лаъличаи (диск) қабурғадори пешбаромада, омехтагар ё доира, олоти фишордиҳанда, муҳаррики барқ, доираи зери муҳаррик иборат аст. Мошинаи ҷомашӯӣ, одатан, аз муҳаррики якфазагии барқӣ, душоха (вилка), сардиҳак ва релеи вақт иборат мебошад.

Дар занҷири муҳаррик релеи гармкунак шинонида шудааст, ки вай печидаи муҳаррикро аз вайрон шудан нигоҳ медорад. Муҳаррик бо калид таъмин аст, ки печидаи сардиҳиро баъди ба кор даровардани муҳаррик хомӯш мекунад. Дар ҳамаи мошинаҳои ҷомашӯйӣ релеи вақт мавҷуд аст, ки барои 6 ё 10 дақиқа ҳисоб карда шудааст.

Махзан (бак)-и мошинаҳои ҷомашӯйии навъи СМ, СМР ва мошинаҳои дузарфаи нимавтоматӣ амудӣ ҷойгир шуда, таги онҳо нишеб, ҳамвор ё мавҷмонанд аст. Қисми кории мошинаи ҷомашӯйӣ активатори дискиест, ки дар таги зарф ё девори он шинонда мешавад ва тавассути муҳаррики барқӣ чарх мезанад (600-700 гард./дақ). Муҳаррики барқӣ ба қисми поёнии танаи мошин шинонда мешавад. Мошинаро бо ёрии васлак ё таймер ба кор меандозанд. Дастаки таймерро тоб дода, фосилаи вақтеро муқаррар мекунанд, ки дар муддати он мошин бояд амали навбатиро иҷро кунад. Баъди иҷрои амал ва гузаштани вақти таъйиншуда мошина худ ба худ аз кор мемонад. Оби ҷомашӯйиро аз зарфи мошина ба воситаи шланг мерезанд ё бо ёрии насос мепартоянд.

Мошинаҳои ҷомашӯйии навъи СМР навардчаҳои дастие доранд, ки афшурдани либосро осон мегардонанд, вале барои чарх занонидани навардчаҳо қувваи ҷисмонии зиёде сарф мешавад. Барои афшурдани либос истифодаи сентрифуга басо муносиб аст: он либоси шусташударо нисбат ба навардчаҳо ду баробар сахттар меафшурад, 4-5 баробар зудтар (чизҳои тунукро хушк накарда,

баъди шустан якбора дарзмол кардан мумкин) ин корро анҷом медиҳад ва тугмаҳои либосро намешиканад.

Дар мошинаҳои якзарфаи навъи устувонагӣ (таблакӣ) шустан, обгардон кардан ва афшурдани либосҳоро дар як устувонаи сӯрохдор аз рӯйи барномаи таъйиншуда ба амал бароварда, миқдори муайяни корҳоеро, ки иҷрояшон дастӣ муқаррар шудааст, анҷом медиҳанд. Устувонаи сӯрохдор дар зарфи ҷомашӯйӣ ҷойгир шудааст, ки онро баъди андохтани либосҳо бо об пур мекунанд. Ҳангоми  шустан ва гиреҳ набастани либос чархзании давриреверсии устувона пешбинӣ шудааст. Либосҳои шусташуда бо роҳи зиёд намудани суръати чархзании устувона афшурда мешаванд.

Автомати либосшӯйӣ мошинаи нисбатан мукаммалест,  ки он тамоми рафти ҷомашӯйиро ба таври автоматӣ ва тартиби муайян, мувофиқи барномаи таъйиншуда, бе иштироки инсон иҷро мекунад. Дар автоматҳои либосшӯйӣ либосро синка задан, сафед кардан, оҳар додан ва ғайра низ мумкин аст. Муддати аз ҳама дарозтарини либосшӯйӣ дар оби хунук 170 дақиқа, дар оби гарм 130 дақиқа аст. Мошинаҳои ҷомашӯйӣ вобаста ба сохташон барои дар як дафъа шустану афшурдани 1-4 кг либос пешбинӣ шудаанд.

Иқтидори кории онҳо маъмулан аз 200 то 650 В аст. Иқтидори мошинаҳое, ки худашон обро гарм мекунанд, ба 2400 Вт мерасад. Аксари мошинаҳо ба ду тарз: «муқаррарӣ» (4-5 дақиқа) – барои шустани либосҳои пахтагину катонӣ, бисёр чиркин ва «эҳтиёткорона» (1-2 дақиқа) – барои шустани либосҳои тунуку сафед, абрешимӣ ва пашмин кор мекунанд.

Навъҳои «LG», «RISIENS», «WE STPONT», «ELECTROLUX», «ZANUSSI», «GORENJE», «EURO-SOBA», «HANSA», «BRANDT», «ARISTON», «INDESIT» ва ғайра ба қатори мошинаҳои ҷомашӯйии барқии замонавӣ медароянд.

**Шустани либосҳо**

Сарпӯшҳои болоӣ ва дохилии зарфи либосшӯйиро кушода, аз дохили мошина ашёҳои эҳтиётӣ, аз қабили либосгирак ва шланги иловагиро ба як сӯ гирифта мондан лозим аст. Зарфро то сатҳи нишона бо оби гарм пур мекунанд (дараҷаи гармии об ба навъи матоъ ва устувории ранги он вобаста аст).

Собуни либосшӯйиро бо корд ё турбтароши сӯрохаш калон тарошида, онро муддате тар карда мемонанд, баъд ба зарф (90-100 г) меандозанд. Агар хокаи либосшӯйӣ бошад, онро мувофиқи тавсияи дар рӯйи қуттиаш зикршуда истифода мебаранд. Сарпӯши дохили-

ро пӯшида, мошинаро 2-3 дақиқа ба кор меандозанд, дар ин муддат собун ё хокаи либосшӯӣ дар об пурра ҳал мешавад. Ба навъҳо ҷудо кардани чизҳоро ҳангоми либосшӯӣ низ риоя кардан лозим аст. Аввал либосҳои сафеди на чандон чиркин, баъд гуногунрангу бадошт ва аз ҳама охир чизҳои рангашон равандаро мешӯянд.

Якбора якчанд чизи калонҳаҷм ва якчанд чизи ҳаҷмаш миёнаро шустан беҳтар аст. Либосҳоро бояд маҳлул пурра рӯйпӯш кунад. Баъди ба зарф андохтани либос сарпӯши мошинаро мепӯшанд. Муддати шустанро мувофиқи намуди либосҳо муайян мекунанд.

Ҳангоми шустан либосҳо бояд ҳамеша дар ҳаракат бошанд. Агар дар дохили зарф онҳо беҳаракат монанд, аз зарф як-ду чизро гирифтан лозим аст. Баъди шустан оби либосҳоро ба воситаи навардчаҳо (дастӣ) ё сентрифуга хушк мекунанд.



***Расми 38**. Намудҳои мошинаҳои ҷомашӯйи барқӣ*

Либосҳоро дар махзан (бак)-и либосшӯӣ обгардон мекунанд. Барои ин зарфро бо оби тоза (ба ҳамон тартибе, ки барои ҷомашӯӣ зикр шуда буд) пур мекунанд. Дар аснои обгардон кардан ба махзан (бак) нисбат ба мавриди либосшӯӣ 3-0,5 кг камтар либос партофтан лозим аст, то ки осори собун боқӣ намонад.

Либосҳои шустаро камаш ду бор – аввал дар оби гарм (40-50°С), сонӣ дар оби хунук (18-30°С) обгардон мекунанд ва баъд онҳоро меафшуранд.

Қоидаҳои бехатарии кор бо мошинаи ҷомашӯӣ:

1. Пеш аз ба шабакаи барқ пайваст кардани мошинаи ҷомашӯӣ дурустии изолятсияи симҳои барқгузарон ва ба танаи мошина нарасидани онҳоро санҷед.

2. Дар вақти аз об пур будани мошина ҷунбонидан ё дигар кардани ҷойи он манъ аст.

3. Қисмҳои ҷараёнгузаронро тафтиш бояд кард.

4. Мошинаро бе назорат мондан манъ аст.

5. Ҳангоми истифодаи мошинаҳои ҷомашӯйӣ ба танаи мошина, қисмҳои бо замин васлшуда, ба симҳо, ҷумаки об ва ғайра даст расонидан мумкин нест.

6. Бо дасти тар мошинаро ба шабакаи барқ пайвастан, релеи вақт (таймер)-ро аз кор боздоштан, мошинаро аз як тарзи кор ба дигараш гузаронидан, онро ҷунбонидан ё ҳаму рост кардан қатъиян манъ аст.

7. Бо гармкунак дар даруни мошина обро гарм кардан манъ аст. Баъди итмоми либосшӯйӣ оби мошинаро пурра рехтан, симтӯри дохили зарфро тоза кардан, рӯдаи чиндор ва насосро бо оби гарм шустан лозим аст. Барои оби зери активаторро рехтан мошинаро (бе об) 20-30 сония ба кор андохтан зарур аст. Сипас зарф, навардчаҳои афшориш, сентрифуга ва худи мошинаро бо латтаи хушк пок кунед.

Сими барқгузарони мошинаро ба ҷойи худаш гузоштан, навардчаҳои афшоришро ба ҳолати ғайрикорӣ овардан, шланг ва либосгиракро ба даруни зарф мондан ва сарпӯши мошинаро пӯшидан лозим аст. Мошинаро дар ҷойи хушки ҳарораташ на пасттар аз 5°С нигоҳ медоранд.

Агар мошинаи ҷомашӯйӣ 2-3 моҳ пайи ҳам истифода бурда нашавад, сарпӯшаки кулбачаи зери обпартои қисми поёни мошинаро кушода, оби боқимондаи гидросистемаро партофтан лозим аст. Агар қоидаҳои истифодабарӣ ва нигоҳдории мошинаҳои либосшӯйӣ пурра риоя шаванд, онҳоро солҳои дурудароз кор фармудану истифода бурдан мумкин аст.

Барои дуруст нигоҳдории раванди кори мошинаи ҷомашӯйӣ дар корхонаҳои тозакунии кимиёвӣ ва хона бояд қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ ва ҳолати дурусти нигоҳубини он риоя карда шавад. Дар ҳолати аз кор баромадани мошинаи ҷомашӯӣ соҳибхона ва ё масъул аз корхона бояд устои таъмиргари мошинаи ҷомашӯйиро даъват намояд.

Таъмиргари мошинаҳои ҷомашӯйӣ бо таҷҳизоти гуногун вобаста ба шустушӯйи либос кор мекунад. Мошинаҳои ҷомашӯйӣ автоматӣ, нимавтоматӣ, барабанӣ ва ултрасадоӣ мебошанд, ки боркунии амудӣ ва уфуқӣ доранд. Инчунин мошинаҳои ҷомашӯйӣ аз ҷиҳати тарроҳӣ ва тамғаҳои гуногун мавҷуданд. Муҳлати миёнаи

истифодаи мошинаи ҷомашӯйӣ аз 10-15 сол зиёд аст,аммо ба нигоҳубини мунтазам, иваз кардани ҷузъҳо ва сари вақт тоза кардан ниёз дорад, ки барои ин ҳама амалиёт таъмиргари мошинаҳои ҷомашӯйӣ масъул аст.

Вазифаҳои касби мазкур: муоширати хуб бо мизоҷон, додани маслиҳатҳои муфид ба мизоҷон; бастани шартнома, тартиб додани смета оид ба иваз ва таъмин намудани қисмҳои мошинаҳои ҷомашӯйӣ, муайян намудани арзиши ҳаққи хидмат, ҳисобу китоби масрафҳо ҳангоми таъмири қисмҳо; гузаронидани ташхиси техникии мошинаҳои ҷомашӯйӣ дар хонаи мизоҷон; расонидани кумаки ҳамаҷониба ҳангоми харидории мошинаи ҷомашӯйӣ; насб ва ба кор даровардани мошинаи ҷомашӯйӣ; додани маслиҳат оид ба нигоҳдории дурусти мошинаҳои ҷомашӯйӣ, додани тавсияҳо оид ба интихоби маҳлулҳои кимиёвӣ: хокаи ҷомашӯӣ, маводди шустушӯй ва ғайра.

Таъмиргари мошинаи ҷомашӯйӣ вобаста ба хусусиятҳои тарроҳии ҳар як мошинаҳои ҷомашӯйӣ: ҷузъҳо, қисмати электронӣ, муҳаррик ва ғайраро бояд донад.

**Ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфии касб:**

Ҷиҳатҳои мусбат:

1. Таъмиргари мошинаи ҷомашӯйӣ даромади хеле хуб ба даст меорад;

2. Мустақилона ба нақша гирифтани рӯз ва соати корӣ;

3. Таъмиргари мошинаи ҷомашӯйӣ бештар дар ширкатҳои хусусӣ фаъолият мебарад.



***Расми 39.*** *Таъмиргари мошинаи ҷомашӯйӣ*

Ҷиҳатҳои манфӣ:

1. Кор бо меҳнати ҷисмонӣ алоқаманд аст, дар сурати риоя накардани қоидаҳои бехатарӣ захмдор шудан мумкин аст;

2. Таъмиргари мошинаи ҷомашӯйӣ бо моддаҳои зараровари химиявӣ кор мекунад.

3.Таъмиргари мошинаи ҷомашӯйӣ аз ҳолатҳои ғайричашмдошт ва даъвоҳои мизоҷон эмин нест;

4. Рӯз ва соати корӣ метавонад номунтазам бошад;

5. Шароити номусоиди кор, ҷойи кори асосӣ надорад.

## КОРИ АМАЛИИ №18

Шиносоӣ бо таъйинот ва кори мошинаи ҷомашӯйӣ аз рӯйи дастурамал. Таҷҳизот ва асбоб: мошинаи ҷомашӯйӣ ва дастурамали он.

1. Дастурамали истифодаи мошинаи ҷомашӯйиро омӯзед;

2. Бо қисмҳои асосӣ ва сохти он шинос шавед;

3. Фарқи байни мошинаи ҷомашӯйии автомат ва нимавтоматро аз рӯйи дастурамал муайян кунед;

4. Бо қоидаҳои техникаи бехатарӣ аз рӯйи дастурамали мошинаи ҷомашӯйӣ шинос шавед;

5. Қоида ва тартиби дуруст гузоштани қисмҳои иловагии мошинаи ҷомашӯйиро омӯзед.

**Савол ва супориш:**

*1. Навъҳои мошинаҳои ҷомашӯйиро номбар кунед.*

*2. Қоидаҳои нигоҳубини мошинаи ҷомашӯйиро гӯед.*

*3. Қоидаҳо ва тартиби шустани либосҳоро бо ёрии мошинаи ҷомашӯйӣ гуфта диҳед.*

*4. Оид ба касби таъмиргари мошинаи ҷомашӯйӣ маълумот диҳед.*

## §18. ШИНОСОӢ БО ДАРЗМОЛ ВА ВАЗИФАИ ОН

Одамон аз қадимулайём ҳаракат мекарданд, ки либоси одии худро, ки он сохти сода дошт, баъд аз шустан аз ғиҷимшавӣ нигоҳ доранд. Онҳо ба ин максад намудҳои гуногуни дарзмолро ихтироъ карданд. То имрӯз чунин навъҳои дарзмол ба мо маълуманд: тахтадарзмол, дарзмоли филизии ба обгирак монанд, дарзмоли плитагӣ, ангиштдарзмол, дарзмоли барқӣ, дарзмоли барқӣ бо танзими ҳарорат, дарзмоли барқӣ бо танзими ҳарорату буғдиҳакдор, прессдарзмоли автоматӣ.

Тахтадарзмолро дар замонҳои қадим истифода мебурданд: ба тахтаи поёнӣ маснуоти нимхушкро гузошта, ҷойи қатъ ё ғиҷимшударо бо тахтаи болоии дастадор соиш дода, ҳамвор мекарданд.

Дарзмоли филизӣ, ки намуди пештарааш ба обгирак монанд аст, бо ёрии лахчаи ҳезуми ба дохилаш гузошташуда омодаи кор мегашт. Барои насӯхтани маснуот ба рӯяш дока ё ягон намуди матои пахтагини сафедро монда дарзмол мекарданд.



***Расми 40**. Намудҳои дарзмолҳои қадима*

Дарзмоли плитагӣ. Ин дарзмолро, асосан, дар рӯйи печка ё оташдон (дар рӯйи лахчаи ҳезум ё ангиштсанг) гузошта гарм ва дарзмол мекарданд. Ҳангоми дарзмолкунӣ ба рӯйи маснуот ягон матоъро мегузоштанд ва он маснуотро аз ифлосшавӣ нигоҳ медошт.

Ангиштдарзмолро аз қадимулайём истифода мебаранд. Ба он лахчаи ҳезум ё ангиштсангро андохта, бод медиҳанд, то ки дуд ва бӯйи ангиштсанг равад. Баъд ба рӯйи маснуот матоъ ё дока гузошта, дарзмол мекарданд. Ин дарзмол хатарнок мебошад, чунки аз сӯрохиҳояш ногоҳ лахча рехта, маснуотро месӯзонад. Бинобар ин, дарзмолро эҳтиёткорона истифода мебурданд.

**Дарзмоли барқӣ.** Якумин дарзмоли барқиро соли 1887 ихтироъ кардаанд. Дарзмолҳои модели аввал асоси чӯянӣ доштанд, ки дар он унсури гармкунанда ҷойгир буд. Унсури гармидиҳандаи он сими ба шакли спирал печонидашудаи нихром, константан, фехрал мебошад, ки рӯяш бо хамираи сафол пӯшонида шудааст.

Баъд ин дарзмолҳоро такмил дода, танзимаи ҳарорат шинонданд.

Акнун дар рӯзгор дарзмолҳои барқии бо танзимаи ҳарорат ва дарзмолҳои барқии бо танзимаи ҳарорату буғдиҳакдорро васеъ истифода мебаранд.

Прессдарзмоли автоматиро дар истеҳсолот истифода мебаранд, ки дар зери он якчанд маснуотро гузошта, дарзмол мекунанд. Он ба таври автоматӣ ба кор медарояду аз кор бозмеистад.




***Расми 41**. Дарзмоли барқӣ ва қисмҳои он: 1 – асос; 2- поя; 3 - танзимаи ҳарорат; 4- танзимаи буғдиҳӣ; 5-дастак,6-ноқили барқӣ.*

Мувофиқи ГОСТ 307-81 корхонаҳо дарзмолҳои тамғаи УТ, УТП, УТПР, УТУ мебароранд. Ҳарфҳо чунин маънӣ доранд: У (утюг)-дарзмол, Т (терморегулятор) – танзимаи гармӣ, П (пароувлажнителъ) – намноккунандаи буғӣ, Р(разбрызгиватель) – обпошак, У (утяжеленный) – вазнинтаршуда, ки вазнашон аз 0,8 то 2,5 кг шуда метавонад.

Дарзмолкунӣ бо дарзмоли барқии дорои танзимаи ҳарорат ва буғдиҳак мувофиқ аст. Азбаски дараҷаи ба гармӣ тобоварии матоъҳо (пахтагӣ, катонӣ, пашмӣ, абрешимӣ ва нахашон химиявӣ) як хел нест, дарзмолро бо дараҷаҳои гуногун тафсондан лозим аст (барои ин кор дар дарзмол танзимаи ҳарорат мавҷуд аст). Матоъҳои нахашон химиявӣ дар ҳарорати паст, матоъҳои абрешимӣ ва пашмӣ дар ҳарорати муътадил, матоъҳои пахтагӣ ва катонӣ дар ҳарорати баланд дарзмол карда мешаванд. Агар сатҳи дарзмол шахшӯл шавад, онро бо пахтаи дар спирти навшодир ё намакоб тар кардашуда тоза намуда, ягон матои тарро дарзмол мекунанд.

Матоъҳои оҳардодашударо, бар хилофи латтаҳои беоҳар, бо дарзмоли нисбатан гармтар дарзмол мекунанд. Чизҳои дарзмолкардаро дарҳол ба ҷевон намегузоранд, чунки онҳо зуд ғиҷим шуда, таҳашонро гум мекунанд: онҳоро баъд аз хунук шудан таҳ кардан лозим аст. Матоъҳои пашмиро аз болои суфи тар бо дарзмоли гармиаш муқаррарӣ дарзмол мекунанд. Матои тар аз гармӣ мулоим мешавад, онро кашида ба шаклу андозаи пешинааш овардан осон мегардад.

Суфи тарро бо дарзмол нағз хушк кардан лозим меояд, то ки вай минбаъд нашинад. Крепдешин ва матоъҳои гулашон барҷастаро хушк, нимхушк, аз тарафи чаппаашон ё аз болои

суф дарзмол мекунанд. Барои нест кардани ҷойҳои ҷилодор матоъро тар ва ғиҷим карда, каме дар болои буғ медоранд, сипас хушконида, аз болояш суф гузошта, аз тарафи чаппааш дарзмол мекунанд. Матоъҳои астарӣ (чит, лас ва ғайра)-ро, одатан, ба сурати хушк дарзмол мекунанд, то ки ҷилояшон наравад. Дар рӯйи баъзе матоъҳо ҳангоми об пошидан доғ пайдо мешавад. Ин хел матоъҳоро аз тарафи чаппаашон ба сурати хушк дарзмол кардан лозим аст.

Ҷойҳои дурахшандаи матои пашминро аз болояш бо матои катонии намнок дарзмол карда меравонанд. Чизҳои аз бахмал, велюр ё пилтабахмал дӯхташударо дар ҳолати овезон аз тарафи чаппаашон об пошида, оҳиста дарзмол кардан лозим аст, то ки буғ пати онҳоро рост кунад.

Дарзмолҳо аз рӯйи сохт ва усули гармкунияшон рӯйиплитагӣ ва баркӣ мешаванд. Дарзмолҳои рӯйиплитагии дастаашон ҷудошаванда ва доимиро дар рӯйи плитаи газ, плитаҳои баркӣ ва дигар асбобҳои гармкунанда метафсонанд. Дарзмолҳои баркӣ тавассути унсурҳои гармкунандаи баркӣ, ки дар дохили дарзмол ҷойгиранд, тафсонда мешаванд.

Дарзмолҳои баркӣ бо танзимаи ҳарорат (ки ҳарорати заруриро ба таври автоматӣ нигоҳ медорад), инчунин бо танзимаи ҳарорату буғдиҳакдор истеҳсол карда мешаванд. Агар нишондиҳандаи танзимаи ҳарорат дар рӯйи абрешим (шёлк) истода бошад, он гоҳ ҳарорати дарзмол аз 115°С то 140°С, пашм (шерсть) – аз 140°С то 165°С ва дар рӯйи матоъҳои катонӣ (лняные ткани) аз 190°С то 230°С (дар дарзмолкунӣ ҳарорати баландтарин аст) тағйир меёбад. Дарзмолҳое, ки танзимаи ҳарорату буғдиҳак доранд, бо зарфи об (ғунҷойишаш одатан 180-200 см2) ҷиҳозонида шудаанд.



***Расми 42.*** *Дарзмолҳои замонавие, ки дар истеҳсолот истифода мешаванд*

Як зарф об барои 20 дақиқа дарзмолкунӣ мерасад. Барои дар зарф ва сӯрохчаҳои буғбаро пайдо нашудани таҳшин ба дарзмол оби ҷӯшондашуда мерезанд. Баъд аз дарзмолкунӣ оби зиёдатиро аз зарф ба берун рехтан лозим аст. Иқтидори кории дарзмолҳои танзимадор 1000 Вт буда, вазнашон аз 1,2 то 1,8 кг ва аз он ҳам зиёдтар аст. Дарзмолҳои хурди сафарии барқӣ – «Малыш», «Дорожный», «Rowenta», «Polaris», «Scarlett» ва ғайра низ истеҳсол карда мешаванд. Баъзе дарзмолҳои барқӣ фурӯзонаки сигналдиҳӣ доранд.



***Расми 43.*** *Намудҳои дарзмолҳои хурди сафарӣ*

Дарзмолгар намуд ва хосияти матоъҳои гуногун, низом ва шартҳои техникию пайдарҳамии иҷрои амалҳо, гузаронидани амалиётҳои гармию намӣ, тарзи танзимкунии дараҷаи гармию намии маснуот, қоидаҳои таҳкунии маснуоти тайёрро бояд донад. Дар истеҳсолоти дӯзандагӣ дарзмолҳои УПТ-2ЭП, С-394 (ВНР), манекени буғҳавои МТВУ ва ғайра истифода бурда мешаванд.

Дарзмоли УТП-2ЭН барои истифода мизи истеҳсолии бо буғи технологӣ коркунанда дорад, ки бо ёрии он ҳамаи матоъҳои маснуоти нимтайёр ва тайёрро дарзмол мекунанд.



***Расми 44.*** *Ҷойи кории замонавӣ барои дарзмолкунӣ*

Дарзмоли С-394 (ВНР) – мизи дарзмолкуниест, ки сатҳи кории бисёр паҳн ва одисохти он бо буғ гарм карда мешавад. Онро барои дарзмолкунии чокҳо, гузаронидани амалиётҳои намӣ-гармии маснуот ва иҷрои амалиётҳои дигар истифода мебаранд.

Манекени буғҳавои МПВУ барои иҷрои амалиётҳои махсуси намӣ-гармии маснуоти китфдори трикотажӣ пешбинӣ шудааст.

Он амалиётҳои буғпошӣ, ҳамворкунӣ, хушккунии маснуотро мувофиқи барномаи пешакӣ пурра ба таври автоматӣ иҷро мекунад.

Дар ҳамаи дарзмолҳо дар интиҳои дастак шнури васлкунанда, фурӯзонаки сигналдиҳӣ ва унсурҳои дигари дохилӣ насб карда шудаанд. Дарзмоли буғдиҳанда бо зарфи махсуси клапандор ҷиҳозонида шудааст.

Дар вақти кушодани клапан об аз зарфи махсус ба воситаи қатрарез бо ҷӯякҳои морпеч ба таги асос мефарояд ва дар он ҷо гарм шуда, ба буғ мубаддал мегардад, сипас тавассути сӯрохиҳои асос ба матоъ фиристода мешавад.

Дарзмолҳо аз ҷиҳати вазн, иқтидор ва вақти тафсиш аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳоло дар рӯзгор дарзмолҳои замонавии «Akira», «Tefal», «Simens», «Nokia», Bosch, Braun, Rowenta, Vitek, Polaris, Scarlett ва ғайраро истифода мебаранд.

Дар истеҳсолот барои омода ва пурра дӯхтани маснуот касбҳои зиёд хизмат мерасонанд. Баъди пурра дӯхтани маснуот мувофиқи талабот коркарди гармию намӣ гузаронида мешавад, ки барои гузаронидани ин амалиёт касби дарзмолгар нақши асосиро мебозад.

Вазифаҳои дарзмолгар ҳангоми гузаронидани коркарди амалиёти гармию намӣ дар истеҳсолот: барои дарзмол кардани маснуот бояд аввал маснуот нам карда шавад, ки он бо воситаҳои лавозимоти махсуси обпошакҳо истифода бурда мешавад. Бояд пеш аз оғози кор таҷҳизоти махсуси намкунанда дар ҳолати корӣ қарор дорад ё не, санҷида мешавад. Ҳолати санитарӣ ва гигиении ҷойи кори дарзмолгар ва рафҳои махсус барои нигоҳ доштани маснуоти дарзмолшуда санҷида мешавад. Оид ба мавҷудияти роҳхатти сафар барои фиристодан ба сехи оянда тафтиш карда мешавад.

Дарзмолгар бояд донад: қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ ҳангоми иҷрои кор ва тайёр кардани маснуотҳо мувофиқи талабот барои дарзмолкунӣ; ҳуҷҷатҳои истеҳсолӣ барои гузаронидани амалиётҳои минбаъдаи маснуотҳо дар сех; истифодаи таҷҳизоти зарурӣ ва қоидаҳои дурусти обпошакҳо ҳангоми дарзмолкунӣ; донистани талаботи фоизи намӣ барои намудҳои гуногуни маснуотҳои дарзмолшаванда

вобаста ба намуди матоъ; қоидаҳои дурусти бандубаст барои маснуотҳои дарзмолшуда ва ҷудокунии маснуот вобаста ба ранг.

Сифатҳои муҳимми касби дарзмолгар: дарзмолгар бояд инсони ботаҷриба, бодиққат, масъулиятнок, қобилиятнок, пуртоқат ва ғайра бошад.



***Расми 45.*** *Намуди дарзмолҳои замонавӣ*

**Қоидаҳои техникаи бехатарӣ:**

1. Бо дарзмоли барқӣ эҳтиёткорона муносибат кардан лозим аст;
2. Пеш аз кор изолятсияи симҳоро аз назар гузаронед;
3. Дарзмолро бо дасти хушк, аз танаи душоха (вилка) дошта, ба шабакаи барқ пайваст ва аз он ҷудо кунед;

Дар вақти кор:

1. Назорат кунед, ки дарзмол ба сим начаспида истад;
2. Ба гармшавии дарзмол аҳаммият диҳед, дар вақти танаффус онро аз барқ ҷудо кунед;
3. Дарзмолро фақат аз дастакаш доред;
4. Дарзмолро ба рӯйи тагмонакаш гузоред;
5. Дар вақти дарзмолкунӣ ба таги пой гилемчаи махсуси резинӣ ё тахтачаи чӯбӣ гузоред.

Усулҳои гузаронидани амалиётҳои гармию намии маснуот:

1. Дараҷаи гармшавии дарзмол ва ба матоъ таъсир кардани онро пешакӣ дар латтапораи маснуоти истифодашаванда санҷед.
2. Барои гузаронидани амалиётҳои намию гармӣ дока ё матои махсусу мулоими пахтагиро истифода баред.
3. Пеш аз дарзмол кардан маснуотро бо обпошак намнок кунед. Агар дар рӯйи матоъ доғи об монда бошад, онро бе намзанӣ дарзмол кунед.

4. Ҳамаи амалиётҳои намию гармиро то пурра хушк шудани маснуот гузаронед.

5. Чокҳои маснуотро кушода, аз ду тараф дарзмол кунед.

6. Чокҳои канори ҷузъҳои маснуот, ҷойҳои чиндор ва матоъҳои бахмалию духобаро дар рӯйи мизу қолабе, ки бо матои пахтагии сафед рӯйкаш шудааст, дарзмол мекунанд.

7. Амалиётҳои намию гармии ҷузъҳо ва маснуот бо тартиби муайян барои ҳар як матоъ алоҳида гузаронида мешаванд.

8. Амалиётҳои намию гармии маснуот аз тарафи чаппааш бе истифодаи матои дарзмолкунӣ гузаронида мешаванд.

9. Амалиётҳои ниҳоии намию гармии маснуоти дӯзандагиро дар истеҳсолот тавассути манекени буғҳавоӣ, дар сурати набудани он, тавассути прессдарзмол пешакӣ нам зада иҷро мекунанд.

10. Баъд аз иҷрои амалиётҳои намию гармӣ маснуотро дар ҳолати овезон хушк кардан лозим аст. Барои матоъҳои пашмӣ-20-25 дақиқа, барои матоъҳои пахтагӣ ва абрешимӣ-10-15 дақиқа сарф хоҳад шуд. Барои ба маснуот ва ҷузъҳои он намуди дуруст ва зебо додан амалиётҳои намию гармӣ мегузаронанд. Сифати маснуот ва намуди берунии он аз гузаронидани амалиётҳои намию гармӣ дар раванди тайёр кардани маснуот ва татбиқи ороиши он вобаста аст.

Барои гузаронидани амалиёти намию гармӣ аз якчанд намуди таҷҳизот ва воситаҳои ёрирасон: тахтаи дарзмолкунак, воситаи ёрирасон (погина), миз, дарзмол, прессҳо, манекенҳои буғҳавоӣ истифода мебаранд.



***Расми 46.*** *Манекенҳои буғҳавои замонавӣ*

## КОРИ АМАЛИИ №19

Ёфтани нуқсони дарзмоли барқии рӯзгор

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: сихасбоб барои ошкор кардани ҷараёни барқ, фурӯзонаки тафсониш (барои санҷидан), ноқилҳо, васлак (розетка), дарзмоли барқӣ.

Ҳангоми иҷрои кор дар хотир доред:

Фурӯзонаки санҷишӣ вақте истифода бурда мешавад, ки асбоби ченкунанда мавҷуд набошад. Агар фурӯзонак (лампочка) дар вақти санҷиш равшан шавад, ин гувоҳи он аст, ки асбоби мазкур дуруст кор мекунад. Ин усули санҷишро бо эҳтиёт ва фақат таҳти назорати омӯзгор иҷро кунед, чунки дарзмол санҷишӣ ба шабакаи барқ пайваст мебошад.

***Инро дар хотир доред!***
*Барои дарзмолкунӣ дар истеҳсолот дарзмолҳои вазнашон 1,5-2кг ва аз он зиёд, ҳарорати гармиашон аз 100°C то 200°C ва прессдарзмолҳои калони авто матиро истифода мебаранд.*

***Савол ва супориш:***
1. *Кадом намуди дарзмолҳоро медонед? Онҳоро номбар кунед.*
2. *Чаро маснуотро аз болои дока, суф ё ягон матои дигар дарзмол мекунанд?*
3. *Вазифаи манекени бугҳавои МПВУ-ро гуфта диҳед.*
4. *Қоидаҳои дарзмолкунии матоъҳои пахтагӣ ва нахашон химиявиро шарҳ диҳед.*
5. *Оид ба касби дарзмолкун маълумот диҳед.*
6. *Сифатҳои муҳимми касби дарзмолкунро шарҳ диҳед.*
7. *Қоидаҳои техникаи бехатариро ҳангоми иҷрои амалиёти коркарди гармию намӣ баён намоед.*

## §19. ШИНОСОӢ БО СОХТ ВА ВАЗИФАИ МОШИНАИ ДАРЗДӮЗӢ

Мошинаҳои дарздӯзӣ дар раванди тайёр кардани маҳсулоти дӯзандагӣ таҷҳизоти асосии технологӣ ҳисоб меёбанд. Онҳо якчанд намуд мешаванд – мошинаҳои таъйиноташон умумӣ ва махсус мавҷуданд. Дар вақти истифодаи мошинаҳои махсус ва нимавтоматӣ сифати маснуоти тайёр баланд гашта, сарфи вақт

якчанд маротиба коҳиш меёбад. Мошинаҳои дарздӯзӣ аз рӯйи таъйинот, сохт ва намуди берунаашон фарқ мекунанд. Вобаста ба намуди бофиши ресмонҳо чокҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд:

1 – чокҳои рости бофти аз моку беруномада; 2– чокҳои рости якресмонаи бофти занҷирӣ;

3 – чокҳои рости бисёрресмонаи бофти занҷирӣ;

4 – чокҳои пурпечутоби бофти аз моку беруномада;

5 – чокҳои як ва дуресмона барои дӯхтани тугма, ангула (сӯрохии тугма), чинҳо ва пайваст кардани ҷузъҳои маснуот.

Мошинаҳои дарздӯзии мокудор дастак (2) доранд, ки дар дохили он наварди асосӣ чарх мезанад. Дар интиҳои наварди асосӣ сарчарха (3) ҷойгир аст, ки онро муҳаррики барқӣ ба ҳаракат медарорад. Муҳаррики барқӣ дар таги мизи истеҳсолӣ ҷойгир аст. Дастак бо поя (4)якҷоя сохта шуда, ба платформа (5) маҳкам карда шудааст. Дар таги платформа моку ва забона (рейка)-и дандонадор ҷойгиранд, ки онҳоро наварди асосӣ ба ҳаракат медарорад. Наварди асосӣ дар поя (4) ва таги платформа (5) ҷойгир аст. Аз тарафи чапи дастак (2) қисми пеш (1) ҷой гирифтааст, ки ба он сӯзан, ресмонкашак ва фишордеҳак (чангак) насб шудаанд.

Чокҳои бофти аз моку беруномада нисбат ба дигар намуди чокҳо мустаҳкаму душворкушо буда, дар ин маврид миқдори ками ресмон сарф мешавад, онҳоро дар истеҳсолоти дӯзандагӣ бисёртар истифода мебаранд.




***Расми 47.*** *Мошинаи дарздӯзии истеҳсолии тамғаи Jack JK-F4-7 ва қисмҳои он:*

*1– қисми пеш; 2– дастак бо поя; 3 – сарчарха; 4 – поя; 5– платформа.*

Бартариҳои муҳаррики мошинаи дӯзандагии истеҳсолотӣ дар раванди кор овози начандон баланд дошта, инчунин масрафи ками қувваи барқ дошта, қобилияти танзими суръати дӯзандагиро таъмин мекунад. Инчунин мошинаи дарздӯзии мазкур барои истеҳсолоти дӯзандагӣ афзалияти бисёр дорад, ба монанди: новобаста ба шумораи қабати матоъ сифати дарз тағйир намеёбад, ба узвҳои шунавоӣ ва асаби коргар таъсири манфӣ намерасонад.

Барои иҷрои намуди чокҳо дар мошинаҳои дарздӯзӣ якчанд қисми асосии корӣ мавҷуд аст.

Сӯзан барои мустаҳкам кардани чокҳо, сӯрох кардани матоъ, аз сӯрохияш гузаронидани ресмони боло ва аз он ресмон ба вуҷуд овардани ҳалқа хизмат мекунад.

Моку ҳалқаро аз сӯзан кашида гирифта, васеъ карда, дар гирди найча ҷойивазкунии ресмони боло ва поёнро иҷро менамояд. Ресмонкашак ресмонро ба сӯзан ва моку медиҳад, чокро кашиш дода, ресмонро аз ғалтак ё бабина барои ҳосил кардани чоки оянда кашида мегирад. Забона (рейка)-и дандонадор барои ҳаракати матоъ ба дарозии чок ва муайян кардани масофаи байни чоку сӯрохии сӯзан хизмат мекунад. Фишордеҳак (чангак) матоъро ба пластинкаи сӯзан зер карда меистад ва ба ҳаракати забона (рейка)-и дандонадор дар ҷиҳати дарозии чок ёрӣ мерасонад.

Талаботҳои асосӣ дар вақти ташкили ҷойи кор:

Барои дуруст нишастан дар назди мошинаи дарздӯзӣ чунин талаботро бояд иҷро кард:

1. Қадди хонанда 155... 164; 165... 174 см бошад;

2. Масофаи байни хонанда аз миз то курсии нишаст 28; 29; 30; 31 см бошад;

3. Дуруст нишастан дар назди мошинаи дарздӯзӣ барои саломатӣ ва осон гардидани кор мадад мерасонад;

4. Нодуруст нишастан дар назди мошинаи дарздӯзӣ боиси хасташавӣ ва паст шудани сифати кор мегардад;

5. Ангуштони даст дар рӯйи платформаи мошина (пурра) ва оринҷ дар рӯйи миз бояд бошанд;

6. Дар вақти кор бо мошинаи дарздӯзӣ дуруст интихоб намудан ва тарзи гузаронидани ресмон аз сӯзан аҳаммияти калон дорад, чунки аксар вақт носозиҳо ба ин амалиёт вобастагӣ доранд.

Қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар вақти кор бо мошинаи дарздӯзӣ:

1. Пеш аз саршавии кор мизи кориро аз назар гузаронидан лозим аст, то ки асбобҳои нолозими мошина халал нарасонанд.

2. Ҳангоми кор дар назди тасмаи сарчарха гузоштани қайчию ресмонҳо дуруст нест.

3. Дар вақти кор бо мошинаи дарздӯзӣ либоси махсус пӯшидан лозим аст.

4. Ҳангоми кор бо мошинаи дарздӯзӣ иҷрои чунин амалҳо манъ аст:

а) спирал (шит)-и муҳофизаткунандаро аз ҷояш беҷо кардан;

б) тоза ва равған кардани мошинаи дарздӯзӣ;

в) фурӯзонакҳои дарзмоли барқиро иваз кардан.

5. Муҳаррики барқиро дар вақти танаффус аз кор боздоштан лозим аст.

6. Агар дар кори мошина нософзиҳоро ҳис кунед, мошинаро хомӯш карда, ба омӯзгор хабар диҳед.

Тавсифи асосии касби технологи дӯзандагӣ

Технологи дӯзандагӣ шахсест, ки дар сехи дӯзандагии либосҳо лавозимоти барои хоб ва дигар маснуотҳои дӯзандагиро назорат мекунад.

Дар саноати дӯзандагӣ талабот ба ин касб хеле зиёд аст, зеро ягон корхонаи дӯзандагӣ бидуни технолог кор карда наметавонад. Технологҳо дар корхонаҳои дӯзандагӣ, ателйеҳои дӯзандагӣ, дар сехҳои таъмири либоси фарсуда заруранд.

Технологи дӯзандагӣ ба раванди истеҳсолот назорат мекунад, барои натиҷаи ниҳоии он, алалхусус, барои сифати аз маҳсулоти сехи дӯзандагӣ ба фурӯш рафтани маҳсулот масъул аст.

Вазифаҳои асосии технологи дӯзандагӣ тавсифи равандҳои технологӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои техникӣ, назорат аз болои истифодаи таҷҳизоти дӯзандагӣ ва риояи сифати корӣ аз тарафи кормандон мебошад. Нақш ва роҳнамои технолог дар тамоми равандҳо, аз интихоби тарҳи маснуот то ба охир расонидани маҳсулоти истеҳсолшуда бо назардошти сифат ва ороиши маснуот ниҳоят муҳим аст.

Талабот барои дарзҳои мошинагӣ:

1. Ҳамаи дарзҳои дарунӣ бо ресмонҳои ҳамранги матоъ дӯхта мешаванд.

2. Ҳамаи дарзҳои ороишӣ бо ресмонҳои абрешимии ҳамранги матоъ иҷро карда мешаванд.

3. Бештар дарозии чок ба ғафсии матоъ вобаста аст, ҳангоми кор ба ин чиз аҳаммият бояд дод.

4. Охири дарзҳои даруниро ба равиши акси дарзҳо бо ёрии дастаке, ки дарозии чокаш 0,7-1 см аст, маҳкам мекунанд.

5. Буриши чокҳоро бо мошинаю воситаҳои махсуси дандонадор ё бо қайчии дандонадор иҷро мекунанд.

6. Ҳангоми иҷрои дарзҳои мошинагӣ бояд хонанда эҷодкор, нававар ва бодиққату масъулиятнок буда, нисбат ба ҳолати санитарию гигиенӣ ва риояҳои қоидаҳои техникаи бехатарӣ беаҳаммият набошад.

## КОРИ АМАЛИИ №20

**Намунаи дарзҳои мошинагӣ: дарзи ҷудо-ҷудо ва барҷаста.**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот**: қуттии корӣ, матоъ барои дарзи намунавӣ, қайчӣ.

### Дарзи ҷудо-ҷудо. Рафти кор

| №1 | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1 | Барои дӯхтани маснуоти матояш ғафсу дурушт, инчунин барои зеб додани маснуот таъйин шудааст. |
| 2 | Порчаҳоро бо дарзи одӣ тавассути мошина медӯзанд, сипас дарзро ба ду тараф ҷудо карда, дастӣ кӯк мезананд ва бо мошина медӯзанд. |
| 3 | Масофаи байни дарзҳои одӣ ва дастӣ гуногун шуда метавонад. |
| 4 | Назорат ва худозмоӣ:<br>а) порчаҳо бояд ба ҳам баробар бошанд. б) ба сифати чок аҳаммият диҳед.<br>в) амалиётҳои намӣ ва гармиро босифат ба ҷой оред, техникаи бехатариро риоя кунед. |
| 5 | Тасвири графикӣ   |

## Дарзи барҷаста. Рафти кор.

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1 | Дарзи барҷастаро барои ороиши маснуот истифода мебаранд. |
| 2 | Дарзи барҷаста росту гуногуншакл мешавад ва матоъро аз тарафи чаппааш дуқат мекунанд. Сипас дастӣ кӯк зада, баъд аз ҷойи қатъшуда тавассути мошина медӯзанд. |
| 3 | Васеии дарз аз рӯйи зичии дӯхт (фасон) муайян карда мешавад. |
| 4 | Назорат ва худозмоӣ:<br>а) андозаи порчаҳо дуруст ва баробар бошад. б)чок босифат дӯхта шуда бошад.<br>в) дарзмолкунӣ аз рӯйи қоида иҷро шавад ва техникаи бехатарии кор бо дарзмолро риоя кунед. |
| 5 | Тасвири графикӣ |




***Саволҳо барои санҷиш:***

*1. Дарозии интихоби чок ба чӣ вобаста аст?*
*2. Дарозии чок барои матоъҳои борик ва ғафс чӣ гуна аст?*
*3. Фарқи дарозии чоки матои ғафс ва борик дар чист?*
*4. Оид ба касби технологияи дӯзандагӣ маълумот диҳед.*
*5. Доир ба талаботи асосӣ барои дарзҳои мошинагӣ шарҳ диҳед.*

# БОБИ 4. КУРТАИ МИЛЛИИ ЗАНОНА

## §20. КОНСТРУКСИЯ ВА АМСИЛАСОЗИИ БАДЕИИ МАСНУОТИ КИТФДОР

Аз рӯйи матоъ, шакли бурииш ва намуди либос ба хусусиятҳои миллӣ, маданият ва дар кадом шароити иқлим зиндагӣ кардани инсон ва ғайра баҳо додан мумкин аст. Либосҳо ба навъҳои гуногун ҷудо мешаванд: китфдор, камарбанддор, либоси таг ва ғайра.

Ҳар кадоми ин гурӯҳҳо аз якчанд маснуот иборат буда метавонад. Шумо ба маснуоти камарбанддор шиносед. Курта, хилъат, блузка, камзӯлчаҳои беостин, палто ба маснуоти китфдор дохил мешаванд. Ба ҳар як либос талаботи муайян хос аст.

Либос бояд озод, ба андом мувофиқ, шустан ва дарзмолу тоза карданаш осон, мустаҳкам ва зебо, ороишаш замонавӣ, ба синну сол мувофиқ бошад, дақиқан бо намуди берунӣ ва сохти бадани инсон мутобиқат кунад.



***Расми 48.*** *Намудҳои куртаи миллӣ*

Имсол Шумо тарзи буридану дӯхтани куртаи бегиребон, гиребондор, беостин ва остиндорро меомӯзед. Курта бо камзӯлчаҳои гуногун дӯхта мешавад: бо гиребон, бе гиребон, бо остин ва бе остин. Дар вақти интихоби матоъ вазифаи либос (хонагӣ, ҳаррӯза, корӣ ва меҳмонравӣ ва ғайра)-ро ба назар гирифтан лозим аст. Куртаи миллӣ буришҳои гуногун дорад. Он ба тарҳи озод дохилшуда, бо гиребон, бе гиребон ва бо остинҳои гуногун дӯхта мешавад. Аз рӯйи нақшаи куртаи миллии бе гиребон бо роҳҳои амсиласозӣ гиребон ва остини гуногун дӯхтан мумкин аст.

Шумо барои кашидани нақшаи курта дар синфи 7-ум номгӯйи пурраи ченакҳо ва ченакгирӣ ба андозаи 48-ро гузашта будед.

Нақшаи дастурии куртаи миллии занона ва ҳисоби формулаи куртаи миллиро истифода бурда, нақшаҳои куртаро кашидед ва бо роҳи амсиласозӣ камзӯлчаи пешро ба намуди гуногун овардед. Акнун бо роҳи амсиласозӣ камзӯлчаи ақиб, тана, гиребон ва остинро ба намуди гуногун меорем.

Тарроҳ шахсест, ки бо сохтани тарҳи либосҳо машғул аст. Андозаи шахсро гирифта, аз рӯйи ҷадвали андозаҳои намунавӣ нақшаҳои навро тартиб дода, аз рӯйи он ангора месозад. Либосҳои амсилаи гуногунро тартиб дода метавонад.

Тарроҳ бояд шахси эҷодкору нававвар, ботаҷриба, бодиққату пуркор, масъулиятшинос буда, мувофиқи табъ ва завқи мизоҷон вобаста ба урфу одатҳои миллӣ бояд либосҳоро таҳия намояд.



***Расми 49***. *Касби тарроҳ*

**Нақшаи дастурӣ. Куртаи миллии занона**

Барои маснуоти интихобкардаатон лоиҳаи эҷодӣ тартиб диҳед, мувофиқи завқи худ аз моделҳои нишондодаи омӯзгор истифода баред ё модели худро ҳамчун асос гиред. Барои ченкунӣ, кашидани нақша, сохтани қолаб, буридани матоъ, дӯхтани он мувофиқи андозаи худ харитаҳои технологӣ тартиб диҳед ва дар вақти пурра дӯхтани маснуот ба дифои лоиҳаи эҷодии худ тайёр шавед.

Барои татбиқи ин амалиёт дастури куртаи миллию андозаи намунавии 48-ро ба хотир меорем.

Намуди андозагирӣ пайи ҳам дар нақшаи дастурии куртаи миллӣ навишта шудааст (доир ба дурустии ченакгирӣ нигаред ба § 25-и китоби дарсии технология (таълими меҳнат, синфи 7).

## НАҚШАИ ДАСТУРӢ

**Куртаи миллии занона**

| №Б/т Аломати ченакҳо | | Номи ченакҳо | Ченкунӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | | | Ба андозаи умумӣ | Ба худ |
| 1 | НЧГ | Нимченаки гардан | 18 | |
| 2 | ЧСС1 | Нимченаки сандуқ синаи 1-ум | 45 | |
| 3 | НЧСС2 | Нимченаки сандуқи синаи 2-юм | 48 | |
| 4 | НЧМ | Нимченаки миён | 38 | |
| 5 | НЧР | Нимченаки рон | 50 | |
| 6 | Дкам.П | Дарозии камзӯлчаи пеш | 29 | |
| 7 | БКП | Баландии камзӯлчаи пеш | 15 | |
| 8 | ВСЕ | Васеии сандуқи сина | 19,6 | |
| 9 | МСС | Маркази сандуқи сина | 10,2 | |
| 10 | ДТ | Дарозии тана | 95 | |
| 11 | БКА | Баландии камзӯлчаи ақиб | 14 | |
| 12 | Д кам.А | Дарозии камзӯлчаи ақиб | 22 | |
| 13 | ВТП | Васеии тахтапушт | 20,7 | |
| 14 | ДЛ | Дарозии либос | 117 | |
| 15 | ДК | Дарозии китф | 14 | |
| 16 | ДО | Дарозии остин | 25 | |
| 17 | ГВД | Гирди ҷойи аз ҳама васеи даст | 30,3 | |
| 18 | ГБД | Гирди банди даст | 16 | |
| 19 | МНГКП | Моилии назди гулӯи камзӯлчаи пеш | Аз рӯйи ченаки дилхоҳ | |

**Иловаҳои доимӣ ба ченакҳо (бо см)**

| | | | |
|---|---|---|---|
| 1 | ИНЧСС | Илова ба НЧСС | 8............10 |
| 2 | ИВО | Илова ба васеии остин | 5.............7 |
| 3 | ИДО | Илова ба дарозии остин | 6 |
| 4 | ИВП | Илова ба васеии поён | 10...........12 |




***Расми 50.*** *Тарзи андозагирӣ*

**Эзоҳ:** Дар баъзе адабиёт:

1. Ченаки хатти сандуқи сина ҳамчун нимченаки хатти сандуқи сина (НЧСС) навишта шудааст. Минбаъд ченаки сандуқи сина чунин бояд хонда ва навишта шавад: НЧСС.

2. Ченаки хатти рон – нимченаки кос НЧК навишта шудааст, минбаъд чунин бояд хонду навишт – нимченаки рон – НЧР

3. Ченаки моилии назди гулӯи камзӯлчаро аз рӯйи формула меёбанд, нимченаки гардан чунин аст: НЧГ: 3+0,5=6,5 ~ 7

4. Барои ёфтани моилии назди гулӯи камзӯлчаи пеш якчанд роҳ мавҷуд аст, аммо аз хамии гардан (гулӯ) – саршавии китф то моилии назди гулӯ ченаки дилхоҳ гирифтан беҳтар аст.

Конструксияи маснуоти китфдор – куртаи миллии занона 1.Нақшаи остин ва ҳисоби формула

Дарозии остин – ДО-25

Васеии остин – ВО=НЧСС:3х2+10=48:3+2+10=42 42:4=10,5

БКО= 48:4+3=15

Эзоҳ: адади моилии поёни камзӯлчаи пеши 2-юмро шумо бо майли дили худ зиёд ё кам карда метавонед.

## Конструксияи маснуоти китфдор – куртаи миллӣ




1. Нақшаи остин ва ҳисоби формула
Дарозии остин - ДО - 25
Васеии остин -
ВО=НЧСС:3х2+10
48:3х2+10=42
42:4=10,5
Баландии қуллаи остин - БҚО
БҚО=48:4+3=15
БКП:2+1,5=15:2+1,5=9
БКА:3=15:3=54










2. Адади доимӣ ҷиҳати буриши моилии болои тана барои қафо 2 ё 3 см, барои пеш5 см.
3. Формулаи васеии тана ВТ НЧР+2...(4, 6, 8, 10, 12...24), адади иловагии интихобӣ. Мувофиқи завқамон адади 24-ро мегирем, яъне1 Р+2+24=50+2+24=76см, аз сабаби он, ки тана 4-қабата аст, бинобар он 76:2=38:ВТ=38см мешавад. Нимченаки сандуқи сина НЧСС=(НЧСС:4):2=(48:4):2=12:2=6см: ба хатти уфуқӣ 6 см, ба хатти амудӣ 6+1=7см

*Расми 51 Кашидани нақшаи куртаи миллӣ*




1. Камзӯлчаи назди гулӯяш моили пешаш маҳкам




2. Камзӯлчаи назди гулӯяш моили чоркунҷаи пешаш кушода.




3. Камзӯлчаи назди гулӯяш дилшакли пешаш маҳкам




4. Камзӯлчаи назди гулӯяш дилшакли пешаш маҳкам




5. Камзӯлчаи назди гулӯяш рости пешаш кушода




6. Камзӯлчаи назди гулӯяш чоркунҷаи пешаш маҳкам

Эзоҳ: Ба ченакҳои васеии сандуқи сина ва тахтапушт ададҳои иловагии 3...5...7 -ро вобаста ба лоғарӣ ва фарбеҳии андом, ё ин ки аз рӯйи ченакгирии намунавӣ зам намуда, андоза гирифтан мумкин аст.

Бузургиҳои иловагӣ барои ба бадан часпидани камзӯлчаи пеш ва ақиб

| Дараҷаи часпиш | Бузургии иловагӣ (см) | |
|---|---|---|
| | Камзӯлчаи ақиб | Камзӯлчаи пеш |
| Беҳад часпида | 0,5 | 0 |
| Часпида | 0,8-1 | 0,5 |
| Миёна | 1,5 | 0,5-1 |
| Озод | 1,5-2 | 1,5 |
| Беҳад озод | Аз 2 зиёд | Аз 1,5 зиёд |

Агар андозаро бо см гирифта бошед, ҳиссаи чокро бо см ва агар шартҳои техникии дарзҳоро ба назар гиред, ҳиссаи чокро бо мм гузоред. Агар қолаб бо дарназардошти ҳиссаи чок сохта шуда бошад, он гоҳ бояд ин ҳисса ҳангоми дар рӯйи матоъ ғунҷондани чок ба назар гирифта шавад.

Иловаҳои вобаста ба дарз:

1)бари пушт ва бари пеш мувофиқи ҳиссаи дарзи гардана – 0,7 см. (7... 10 мм);

2) мувофиқи буриши ҷойи остин – 1,5 см (15 мм); 3) мувофиқи буриши паҳлу ва китфҳо – 2 см (15...20 мм);

4) мувофиқи хатти канори доман – 0,7 см , барои хатти якум – 1 ва умуман, барои қатъи бари доман – 3-5 см;

5) барои остин мувофиқи хатти нишеб – 1,5 см (15 мм).

Мувофиқи хатҳои паҳлуӣ ва сари китф – 2 см, барои дӯхтани канори дарз – 0,7 см, барои ҷузъҳои хурд, гиребон ва манжет мувофиқи ҳамаи хатҳои буриш – 0,7 см. Барои он ки дасти одам ба буридани қолаб одат кунад, чевар бояд қолабро на дар рӯйи коғаз, балки дар рӯйи матоъ гузошта, онро гирддавон карда, ҳиссаи чокро боқӣ нагузошта бурад, алалхусус, ҷузъҳои остин ва гиребонро бо ин тарз буридан бамаврид аст. То ба андозаи қолаб одат кардани чашму даст машққуниро давом диҳед. Барои дуруст буридани хатҳои суробӣ дар вақти буриш ба ҷойҳои қатъшуда ва кушод аҳаммияти калон додан лозим аст. Дар вақти буридан андозаи онро бо ченактасма чен кунед (ченакҳои дар қолаб мавҷудбуда дуруст меоянд ё не?), номи ченакҳоро дар қолаб нависед.

Нақшаро бо хатти борики асосӣ мекашанд. Хатти буриши қолабро ғафсу яклухт кашида, баъд мебуранд. Дуруст сохтани қолаб, буридани манжет ва дӯхтани маснуот ба дуруст гузоштани ченакҳо вобаста аст.

## КОРИ АМАЛИИ №21

**Андозагирӣ барои куртаи миллии гиребондор**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: тасмаи ченакгирӣ, дафтари корӣ, қалам, ҷусса (маникен) барои андозагирӣ.

**Рафти кор:**

1.Омодасозии таҷҳизот ва маводди зарурӣ барои гирифтани андоза;

2.Талаботи андозагирӣ: андозаро бо ченактасма аз ҷусса бо либоси сабук мегиранд. Андоза бе гузориши ҳаққи чок гирифта мешавад. Андоза, дарозӣ, васеӣ ва гирди ҷуссаро мегиранд. Андозагириро аз тарафи рости ҷусса сар мекунанд. Дар вақти андозагирӣ рост (дастҳоро ба поён фароварда) истодан лозим аст, он гоҳ андоза дуруст меояд.

3. Андоза аз маникени мактабӣ ё аз якдигар гирифта шавад;

4. Баъди гирифтани андозагирӣ дар қисми андозагирӣ аз худи нақшаи дастурӣ навишта шавад;

5. Ҳангоми андозагирӣ аз худ як хонанда чен карда, хонандаи дигар натиҷаи онро дар дафтари корӣ нависад;

6.Номгӯйи пурраи ченакҳоро истифода бурда, андозагирӣ карда шавад.

***Саволҳо ва супориш:***

*1. Ченакҳои вобаста ба тарафҳои қолабро муайян кунед.*

*2. Қолаби камзӯлчаҳои пеш ва ақибро баъд аз машққунӣ бурида муқоиса кунед. Ченакҳои вобаста ба тарафҳо бояд баробар бошанд.*

*3. Оид ба касби тарроҳ маълумот диҳед.*

*4. Сифатҳои шахсии касби тарроҳро баён намоед.*

## § 21. АМСИЛАСОЗИИ ОСТИН ВА ГИРЕБОН

Амсиласозӣ – давоми такмили тарҳи либос мебошад. Такмил ва интихоби модел (амсила) дар лоиҳаи умумии маснуот нишон дода мешавад. Интихоби матоъ ва такмили амсила ба санъати амсиласозӣ, дуруст интихоб кардани шаклҳои ҷузъиёти либос, мувофиқати хатҳои уфуқию амудӣ асос меёбад.



***Расми 52.*** *Касби амсиласоз*

Амсиласозӣ кори мушкил буда, аз амсиласоз оид ба хосияти наххо, матоъҳо, тарзи дӯхтан, нақшакашӣ ва рассомӣ дониши амиқ доштанро талаб мекунад. Дар вақти омӯхтану сохтани қолаб бо ҷузъҳо ва хатҳои он нағз шинос шудан лозим аст. Амсиласоз бояд дар интихоби шакл ва ҳангоми амсиласозӣ аз рӯйи нақша завқи баланди эстетикӣ ва тахайюлоти рангин зоҳир намояд.

Дар вақти интихоби шакл (фасон) нақши асосиро равиши хатҳо мебозад. Аз рӯйи ин хатҳо тарҳи ороиши бадеии либос ҷудо мешавад ва он шакли дилхоҳро ба худ мегирад. Хатҳои одами миёнаандомро ба ду қисми асосӣ ҷудо мекунанд: қисми болоӣ ва қисми поёнӣ.

Ба қисмҳои боло хатти китф, гардан, сандуқи сина, тахтапушт, остину гиребон ва ба қисмҳои поён хатҳои миён, зону, дарозии либос дохил мешаванд. Бинобар ин, дар вақти амсиласозӣ ба ҷузъҳои маснуот, андоми одам ва интихоби матоъ аҳаммият додан лозим аст. Куртаи миллии занона аз навъҳои бегиребон, гиребондор, бандакдор, инчунин остини ба китф пайвастшуда, остини яклухт, одӣ, фонусӣ ва ғайра иборатанд. Остинҳо ороиши гуногун доранд: бурма, пар-пар, чин-чин ва ғайра. Гиребон дар куртаи миллӣ ороиши асосӣ буда, ба курта ҳусни иловагӣ медиҳад. Барои он ки гиребон ба андоза мувофиқ ояд, мувофиқи нақша аз қоғаз қолаб месозанд. Баъди муайян кардани андозаи шакли гиребон, онро аз матоъ мебуранд.

Якчанд намуди амсиласозии гиребонро дида мебароем. Дар вақти буридани гиребон ба қадди ресмон матоъ гирифтан лозим аст.

## КАШИДАНИ НАҚШАИ НАМУДҲОИ ГИРЕБОН ВА СОХТАНИ ҚОЛАБҲОИ ОН

Дар давраи қадим либосҳо гиребон надоштанд, матоъро ба гирди тана мепечониданд. Танҳо ҷойи буриши гиребонро ба намуди росткунҷа, чоркунҷа, моил ва ғайра медӯхтанд.

Дар замонҳои қадим маликаи яке аз давлатҳои ғарб дар гарданаш нуқсон доштааст. Вай ба дӯзандагони дарбор фармудааст либосе дӯзанд, ки нуқсони гардан пинҳон шавад. Ҳамин тавр, либосҳои гиребондор пайдо ва паҳн гаштанд.

**Нақшаи гиребони одӣ**

1.Аз нуқтаи А ба поён ба таври амудӣ 7 см хат кашида, нуқтаи А1-ро ҳосил мекунем ва боз аз нуқтаи А1 ба сурати уфуқӣ 24 см хат гузаронида, нуқтаи В-ро ҳосил мекунем, аз он ба поён ба шакли мувозӣ ба хатти АА1 тули 7 см хат мегузаронем. (Расми 41).




***Расми 53.*** *Нақшаи гиребони одӣ*

$AB=B_0B_1$, нуқтаи $B_1$ ҳосил мешавад, нуқтаи $A_1$ ва $B_1$-ро пайваст мекунем. Барои нӯги гиребонро ёфтан аз $B_1$ 2 см ба дохил ченак гузошта, бо нуқтаи 24 пайваст мекунем ва нуқтаи 22-ро ҳосил мекунем. Нуқтаҳои 24 ва 22-ро ба ҳам мепайвандем. Нақшаи асосиро бо хатти борик мекашем ва ҷойи буриши қолабро бо хатти ғафси яклухти асосӣ рӯйдавон мекунем.

**Нақшаи гиребони фигуравӣ**

Аз нуқтаи А ба тарафи рост ба шакли уфуқӣ 28 см, ба поён ба таври амудӣ 18 см чен карда, пас аз он хат мегузаронем (Расми 42).

Аз нуқтаи А ба поён ченаки 11 ва 15-ро мегузорем. Хатҳои ёрирасони уфуқӣ ва нуқтаҳои 18-10см, 15-18 см нишона мегузорем. Нуқтаҳои 28 ва 25-ро бо ҷадвал мепайвандем.

Нуқтаҳои 28 ва 11-ро бо хатти қаторнукта (пунктирӣ) мепайвандем. Нуктаҳои 25 ва 10-ро ба хатти қаторнуқта (пунктирӣ) пайваст мекунем.




***Расми 54.*** *Нақшаи гиребони ба шакл даровардашуда (фигуравӣ)*

Хатти қаторнуқтаи 28 ва 11-ро ба ду тақсим карда, миёнаҷояшро ёфта, 3 см ба дохил нишонаи ченак мегузорем ва нуқтаҳои 25 ва 18-ро ба 2 тақсим карда, миёнаҷояшро ёфта, 2 см берун аз хат нишонаи ченак мегузорем ва хати моилро мекашем. Нуқтаҳои 18 ва 10-ро ба 2 тақсим карда, миёнаҷояшро ёфта, 1,5 см ба тарафи берун нишонаи ченак мегузорем ва бо хатти моил мепайвандем.

Барои сохтани қолаб нуқтаҳои 11,3, 28, 25, 2, 1, 5, 10, 18, 11-ро бо хатти ғафси яклухт рӯйдавон мекунем.

**Нақшаи гиребони фантазия (тахайюл)**

Аз нуқтаи А ба тарафи рост хатти уфуқӣ (23 см) мегузаронем. (Расми 43) Аз нуқтаи А ба поён хатти амудии дарозияш 6 см ва 14 см-ро мегузаронем. Нуқтаҳои 6, 23, 30-ро бо хатти қаторнуқта пайваст мекунем. Нуқтаҳои 6; 23 ва 23; 30-ро ба 2 тақсим карда, миёнаҷояшро ёфта, ба дохили хат нишонаи ченаки см мегузорем. Барои сохтани қолаб нуқтаҳои 6,3,23,3,30,14 ва 6-ро бо хатти ғафси асосӣ мепайвандем (ё аз рӯйи он қолаб месозанд).




***Расми 55.*** *Нақшаи гиребони фантазия (тахайюл)*

**Амсиласозии бадеии остин**

Либосҳои халқҳои қадим: мисриён, форсҳо, римиҳо, юнониҳо, зардуштиён остин надоштанд. Он баъдтар пайдо шудааст. Ба либосҳои асримиёнагии аврупоӣ остин аз Византия омадааст, онҳо шаклҳои гуногун доштанд.

Дар асрҳои XV-XVI остинҳоро бисёр рангу бор мекарданд:онҳоро бо тасма медӯхтанд, бо нақшу нигор ороиш медоданд, буришҳои гуногунро кашидадӯзӣ мекарданд (расми 2). Барои либоси занҳо дар асри XVII нимостинҳои дарози ҳошиядор, чиндор, остинҳои аз оринҷ дароз ва кӯтоҳи пар-пар расм шуда буд (расми 1, 3).

Дар асри XIX остинҳои васеъ ва фаххаснок пайдо шуданд. Онҳоро жиго, пӯсти барра ва пӯсти фил меномиданд.

Ба рафти хобравии остин то интиҳои банди даст ба остин ҳар гуна матои астарӣ ё мағзиҳои сахт мегузоштанд (расми 44, 4).

Дар охири асри XIX намуди асосии остин маҳрутинамо ҳисоб меёфт, ки дар сатҳи китф васеъ шуда, поёни он танг буд (расми 44,

5). Дар асри XX остинҳо намуди муайянро гирифтанд. Новобаста ба ин, барои ба курта намуди зебо додан остинро дигаргун мекарданд (расми 6, 7). Дар замони мо намудҳои гуногуни остинро истифода мебаранд, ки буриши онҳо ба либос шинам ва зебо меафтад: остини кӯтоҳ ва дароз, остини одӣ, яклухт, фонус-шакл, манжетдор, пар-пар, қанотак ва ғайра.









***Расми 56.*** *Амсиласозии остин*

Амсиласозии остинҳо. Аз рӯйи қолаби остини одию тайёр бо роҳи амсиласозӣ остинҳои шаклашон гуногунро сохтан мумкин аст. Ҳамин асосро барқад мебурем, ки масофаи байни буришҳо ба интихоби шакли остин вобаста аст.

## КОРИ АМАЛИИ №22

Сохтани қолаби остинҳои гуногун аз рӯйи қолаби остини одӣ. Аз тарафи омузгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: қоғаз, хома, қалами одӣ ва ранга ё фламастер, қайчӣ, ченактасма, ҷадвал ва қолаби остини одӣ.

**Остини фонусшакл.** Қолаби асосии остинро ба 2 тақсим мекунем ва баъд онро бурида, ба 2 тараф – дар масофаи 10-15 см ҷудо мекунем (барои бурма, чин-чин). Қуллаи асосии остинро ба андозаи 2 см боло мебардорем. Поёни остинро 4 см ба поён мефарорем ва бо хатҳои паҳлуии остин якҷоя мекунем.



***Расми 57.*** *Остини фонусшакл.*

**Остини пар-пар.** Танҳо дар қисми болоии остин чинро ба вуҷуд меорем, ки поёнаш ҳамвор боқӣ мемонад. Қолиби асосӣ – қисми болоиро ба 6 қисм бурида (масофаи байни буришҳо 3; 3; 5; 5; 5; 3 см аст), аз қисми боло қуллаҳои асосии остинро 3 см баландтар мебардорем, нишонаи ченакҳоро мегузорем ва қисми поёнро то 0,5 см боқӣ гузошта мебурем. Қисми буридашударо ба шакли бодбезак то хатти ҳамии даст дигаргун мекунем. Аз қисми паҳлуии остин ба поён 3 см ҷудо карда, бо кунҷ мебурем.

**Остини қанотак.** Барои сохтани қолаби остини қанотак қолаби асосиро ба 7 қисм ҷудо мекунем (масофаи байни буришҳо аз 3 то 4 см хоҳад буд), вале қисми болоии остин бетағйир мемонад.



***Расми 58.*** *Остини қанотак*

**Остини дарози ба поён васеъшудаи манжетдор**. Қолаби асосии остинро гирифта ба 3 ҳиссаи баробар тақсим мекунем. Масофаи байни буриши қисмҳоро муайян менамоем. Ҷойи масофаи миёнаро 7 см, ду тарафи паҳлуии онро 5 см васеъ мекунем ва поёни остинро мепайвандем.



*Расми 59. Остини дарози ба поён васеъшудаи манжетдор*

Манжетро ба қисми поёнии остин пайваст мекунем. Шаклҳои манжет гуногун аст. Асосан, онҳоро дуқабата медӯзанд, яъне қатъ мекунанд. Дарозии манжети рост то ҷойи васеъшавии оринҷи хурд ҷамъулҷамъ 5 см буда, барои бандак, тугма 17+5=22 см фосила боқӣ мемонад. Васеии манжет аз 4 то 6 см мешавад.

## КОРИ АМАЛИИ №23

**Сохтани қолаби остини қанотак**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: коғаз ва қоғази ранга, қайчӣ, ҷадвал, ченактасма, қолаби остини одӣ, қалами одӣ ё ранга, фломастер.

Рафти кор:

1. Омода сохтани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ барои иҷрои кори амалӣ;
2. Омода намудани қолаби остини одӣ;
3. Қолаби асосӣ ба 5 ё 6 қисм ҷудо карда шавад;
4. Масофаи байни буришҳо аз 3 то 6 см бошад;
5. Ба варақаи корӣ қисми омода намудаи қолаб бо ширеш часпонида шавад;
6. Қуллаи асосиро бо даст дошта, қисми поёнии остин камтар васеъ карда шавад;
7. Гирди остини қанотак бо қалами ранга ё фломастер гирд-давон карда, аз рӯйи он қолаби тайёршуда бурида шавад.




***Расми 60.*** *Қолаби остини қанотак*

***Саволҳо ва супориш***

*1. Кадом намуди гиребон ва остинро интихоб кардед?*

*2. Аз рӯйи қолаби остини одӣ остини фонусшаклро чӣ тавр тайёр мекунанд?*

*3. Чанд намуди гиребон ва остинро медонед?*

*4. Оид ба касби амсиласоз маълумот диҳед.*

*5. Талаботи асосӣ нисбати касби амсиласоз кадомҳоянд?*

## § 22. ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЙЁР КАРДАНИ ЛИБОС ВА КОР ДАР ПАСИ МОШИНАИ ДАРЗДӮЗИИ БАРҚӢ

Пеш аз буридани матоъ хонанда бояд дар бораи хусусияти матоъ ё наххо дониши васеъ дошта бошад.

Дар вақти интихоби матоъ ба камбудӣ ва нуқсонҳои матоъ аҳаммият додан лозим аст, то ки онҳо дар вақти буридан ба ҷойи асосии маснуот наоянд. Дар вақти буридан васеӣ ва бари матоъро ба назар гирифта, барои сарфакорона буридан ба ҷойҳои гул аҳаммият додан лозим аст. Агар матоъ каҷӣ дошта бошад, аз ҷойи буридани матоъ як ресмони баракиро кашида гирифта, канорашро аз рӯйи он мебуранд. Матои пахтагиро аз тарафи чаппааш хуб дарзмол мекунанд. Агар матоъ ғиҷим бошад, онро ҳамвор бояд кард. Бо ин мақсад матоъро пешакӣ намнок карда, ба рӯйи миз мегузоранд ва канораҳояшро бо канораҳои миз баробар гузошта паҳн мекунанд, сипас матоъро дарзмол менамоянд.

Барои он ки матои пашмӣ дар об кӯтоҳ нашавад, пешакӣ онро ҳатман буғтоб додану бо матоъ ё докаи намнок дарзмол кардан лозим аст.

**Ба рӯйи матоъ гузоштани қолабҳо.** Матои пахтагӣ ва абрешимиро ба тарафи чаппааш гузошта, аз рӯйи нахи баракӣ

ду милкашро росту дуқатъ мекунанд, баъд милкҳояшро сӯзанак мезананд. Ба рӯйи тамоми матоъ ҳамаи қисмҳои қолаб, яъне аввал қисмҳои калон, баъд қисмҳои хурдро мегузоранд. Дар айни замон кӯшиш кардан лозим аст, ки наххҳои барқадди матоъ ва қолаб ба ҳам мувофиқ оянд.

Барои ин бо ченактасма ё хаткашак масофаи аз милки матоъ то нахи барқад ишоратёфтаи қолабро (аз болову поён) чен мекунанд. Агар матоъ гулдор ё патдор бошад, он гоҳ ба равиши пати матоъ ва гул аҳаммият дода мебуранд.

Қолабҳои ҷуфт, гули матои тарафи рост ва чапи камзӯлчаҳо бояд як хел шаванд. Маснуоти аз махмали паташ рост, пилтабахмали тунук ва ғайра дӯхташавандаро муқобили паташон мебуранд. Қолабро ба матоъҳои патдор (махмал, бӯмазӣ, замш ва ғайра) тарзе мегузоранд, ки равиши пат аз боло ба поён бошад. Пати онҳоро тавассути поёнрӯ давондани даст ба поён хобондан мумкин аст.

Ҳамаи қисмҳои ба рӯйи матоъ гузоштаи қолабро бо сӯзанакҳо мустаҳкам мекунанд ва гирдогирди онро бӯр мекашанд, сипас ҷойи чин-чин, печҳо ва ғайраҳоро ишорат мекунанд. Бо мақсади аз ёд набаровардани ҳиссаи дарз, ки барои қатъкунии доман, остин ва ғайра ба кор меравад, матои зиёдатӣ мемонанд. Барои он ки матоъ дар вақти буридан налағжад, қисмҳои ҷуфтро бо сӯзанак мустаҳкам мекунанд. Дар вақти буридани матоъ ботамкину ором бошед, саросема нашуда, худро дуруст ва ҷиддан ба кор омода созед. Пеш аз ҳама, ба рӯйи матоъ дуруст гузошта шудани қолабро ба назар гиред. Азбаски бар, гул ва тобиши матоъ яксон нест, бинобар ин қолабро ба рӯйи матоъ мутобиқи ҳолатҳои дахлдор ҳар хел мегузоранд. Матоъҳо якбара (70-90 см) ва дубара (150- 180 см) мешаванд. Қолабро, одатан, ба тарафи чаппаи матоъ мегузоранд.

Матоъро дар рӯйи мизи калон мебуранд. Дар вақти буридан матоъ бояд шакли росткунҷа гирад. Матоъ аз рӯйи ресмони канорӣ бурида мешавад. Агар ресмони канорӣ муайян набошад, он гоҳ ресмони баракӣ (арзӣ)-и дурустро кашида гирифта, канорашро аз рӯйи он мебуранд.

Барои босифат буридани ҷузъҳои маснуоти курта, ҷойгир кардани қолаб дар рӯйи матоъ ва налағжидани он ҳатман ба тарзи қайчизанӣ, ҳаракату ҳолати нигоҳдории даст ва тартиби буриши ҷузъҳо аҳаммият бояд дод. Дар вақти буридани матоъ рост истода, ба ҳолати дастӣ чапу рост ва матои зери қолаб аҳаммият додан лозим аст.

Мувофиқи талабот буридани матоъ ба касби буранда вогузор шудааст. Буранда метавонад дар яке аз самтҳои соҳаҳои дӯзандагӣ, ба монанди: либосдӯзӣ, пойафзолдӯзӣ, пардадӯзӣ ва ғайра фаъолият барад. Буранда ба мизоҷ дар интихоби услуб, намуди матоъ, оро-иш кумак мекунад, намунаи интихобшударо тарҳрезӣ мекунад, андозагирӣ мекунад, сипас намуна месозад ва матоъро мебурад. Баъд аз гузаронидани амалиёт буранда ҷузъҳои буридашударо барои дӯхтан ва омода намудани либос ба дӯзанда месупорад.

Пеш аз он ки либоси фармоишӣ омода шавад, буранда бо мизоҷ якчанд маротиба бо мақсади дуруст омода намудани либоси дӯхтамешуда вохӯрда, санҷишҳо мегузаронад. Вай либоси фармоиширо дар тани инсон пӯшонида, камбудӣ ва нуқсонҳо-ро бартараф мекунад, хоҳишҳои мизоҷонро боз аниқтар карда, сифати кори дӯзандаро назорат мекунад.

Сифатҳои муҳимми касби буранда: завқи зебоипарастӣ, та-ваҷҷуҳ ба мӯд, қобилияти рассомӣ, бодиққатӣ, масъулиятнокӣ, ҳамоҳангсозии хуби дастҳо ва ғайра.

Дар вақти буридан ба тарзи буриши матоъ назорат бояд кард, то ки хатҳои рост пурпечутоб, каҷ, уреб ва хошурӣ (штрихӣ) бурида нашаванд. Таваҷҷуҳ бояд кард, то ки қолаб аз рӯйи матоъ налағжад ва сӯзанакҳои маҳкамкунанда дар ҷояшон бошанд. Аввал ҷузъҳои калон ва баъд ҷузъҳои хурдро мебуранд. Баъд аз буридан онҳоро санҷидан лозим аст. Агар ҷузъҳои хурдро набурида ба як тараф гузоред, гум шуданашон мумкин аст. Агар аз пораҳои боқимонда баъзе ҷузъҳои майдаи куртаро буриданӣ шавед, ба равиши ресмони барқад ва ҷилои матоъ аҳаммият диҳед, то ки ранги қисмҳои куртаи дӯхташуда фарқ накунад.

**Дӯхтани маснуот.** Барои дӯхтани маснуот аввал омода кардани ҷойи кор, ҷойгиршавии асбобу мошинҳо ва тартиби иҷрои корро ба назар гирифтан лозим аст, то ки маснуоти дӯхташаванда хушсифат барояд. Агар дар вақти кор норасоиҳо пайдо шаванд, дар он сурат технологияи тартиби иҷрои корро иваз кардан мумкин аст.

Ҳангоми дӯхтан чӣ қадар сарфшавии ресмон, агар зарур бошад, тугма ва ангулаҳоро муайян бояд кард. Дар вақти дӯхтани курта ҳар як амалиёти дурусту вобаста ба матоъ пайвасткунии ҷузъҳо ва ғайра бояд санҷида шавад. Ба шаклу андозаи ҷузъ, чок, тозагӣ, сифати чоки дастӣ ва дарзи мошинагӣ, дуруст гузаронидани ресмон ва ғайра аҳаммият додан лозим аст. Баъд аз санҷиш камбудиҳо бояд дар вақташ бартараф карда шаванд.

**Асбобҳои зарурӣ дар вақти дӯхтани матоъ**. Баъд аз интихоби матоъ, шакли курта ва буридани он ба дӯхтан сар мекунем. Дар вақти дӯхтан асбобҳои зарурӣ бояд дар ҳолати дуруст бошанд. Мошинаи дарздӯзиро дар вақташ равған ва тоза карда истодан лозим аст. Агар мошинаи дарздӯзӣ дуруст бошад, он ҳатман ором, бе овоз медӯзад. Сӯзанҳоро вобаста ба ғафсии матоъ иваз кардан лозим аст, бояд онҳо доим тез бошанд. Агар сӯзан кунд бошад, ресмони матоъро меканад. Матоъро бо қайчии дӯзандагии калон мебуранд. Вале дар вақти дӯхтан қайчии майдаро истифода мебаранд. Он бояд доим тез бошад. Инчунин, ҳангоми дӯхтан сӯзанакҳои зангзада ё нӯгаш кундро истифода набаред. Дар вақти дӯхтан аз ангуштпона истифода баред, онро ба ангушти миёна пӯшед. Сӯзанҳо мувофиқи ғафсӣ ва дарозиашон рақам доранд. Сӯзан ҳар қадар ғафс бошад, рақамаш ҳамон қадар калон мешавад. Навъи аз ҳама паҳнгаштаи сӯзан рақами 8 мебошад. Ба навъи дӯхт нигоҳ карда сӯзанро интихоб мекунанд. Барои пайваст кардани ҷузъҳо сӯзани ғафсу дарозтарро интихоб кардан лозим. Ченактасма бояд мустаҳкам ва чандир бошад. Аз аввали ченкунӣ то дӯхта шудани маснуот як ченактасмаро истифода баред. Яке аз воситаҳои зарурӣ бӯри дӯзандагӣ мебошад. Он, асосан, сафед, баъзан ранга ҳам мешавад. Барои он ки хат борик ва равшан бошад, нӯги бӯрро бо корд тез кунед. Барои матоъҳои пахтагӣ баъзан ба ҷойи бӯр қалами кандакориро истифода мебаранд. Барои пайваст кардани ҷузъҳо ресмонҳои на он қадар тофташударо истифода мебаранд, барои он ки онҳо нисбат ба дигар ресмонҳо мулоиманд. Матоъҳои бисёр борикро бо ресмонҳои абрешимӣ медӯзанд.

Матоъҳои пашмӣ ва абрешимиро бо риштаҳои абрешимӣ дӯхтан лозим аст, зеро онҳо мустаҳкаманд. Бо риштаҳои борик ҷойи тугма ва чокҳои ороиширо дӯхтан беҳтар аст. Пеш аз дӯхт тавассути мошина аввал ҷузъҳои алоҳидаи онҳоро дастӣ кӯк мезананд (бо риояи қоидаҳои иҷрои амалиёт).

## ТЕХНОЛОГИЯИ ТАЙЁР КАРДАНИ ГИРЕБОН

Намуди зоҳирии маснуоти гуногун ба интихоби дурусти шакли гиребон, дӯхти он бештар вобаста аст. Аксари гиребонҳо, асосан, аз ду қисми асосӣ иборатанд: лабгардон ё намоён ва рост, ки аз берун нонамоён аст. Бо роҳи дигар кардани шакли гиребони намоён ва тағйир додани бузургии қисми рости гиребон навъҳои

гуногуни онро ҳосил кардан мумкин аст. Таҳияи ҳамаи намудҳои гиребон қариб як хел аст.

Кори аз ҳама душвори гиребон ба гардан часпонидани он мебошад. Усули часпонидани гиребонҳо мухталиф буда, он, асосан, ба шакли гардана, инчунин ба матоъ вобаста аст. Барои дӯхтани гиребони рости лабгардон рӯйи гиребони боло ва зергиребонро болои ҳам гузошта, гирдогирдашро рост карда, аз тарафи гиребони боло дастӣ кӯк мезананд. Сипас аз канори зергиребон 0,7 см монда (расми 49 а), дарзи мошинагӣ мезананд. Баъд ҳиссаи дарзро ба тарафи гиребони боло қатъ карда, дарзмол мекунанд (расми 49 б).

Агар гиребон гирда бошад, ҳиссаи дарзро 0,3-0,4 см монда мебуранд (ба шарти он ки наххои матоъ рагза-рагза нашаванд). Гиребонро роста карда, кунҷҳояшро баровардa, аз тарафи зергиребон дарзмол мекунанд. Канорҳои нодӯхтаро рост карда, аз болояш кӯк мезананд. Дар ин маврид дар гиребони боло изофагие пайдо мегардад, ки он ҳангоми қатъ кардани зергиребон лозим мешавад (расми 49 в).




Ҳиссаи дарзи мағзиро қариб то ҷойи дарзи мошинагӣ бурида мепартоянд. Агар матои гиребон нафис бошад, мағзии онро ба андозаи гиребони боло бурида, кӯк мезананд, сипас онро ба таги гиребон мечаспонанд. Дар ин маврид ҳиссаи дарз байни мағзӣ ва гиребони тайёр монда, аз гиребони боло наменамояд. Барои он ки гиребон сахт шавад, ба дарунаш мағзӣ мемонанд. Наххои матои гиребон вобаста ба дӯхти он баракӣ (арзӣ) ё рост мешаванд.

Гиребонро аксаран дуқабата медӯзанд. Барои ин ду ҷузъи гиебони боло ва таг (зергиребон)-ро мебуранд. Барои буридани зергиребон қолаби гиребонро ба рӯйи қоғаз кашида, ба андозаи муайян кам карда мебуранд. Дӯхтани гиребони мағзидор хусусиятҳои хос дорад. Мағзиро мувофиқи ранги гиребон аз матои пахтагин ва хомсуф интихоб мекунанд. Баъзан мағзиро аз матои асосӣ мебуранд. Пеш аз буридани мағзии гиребон матояшро аввал тар, пас аз он хушк карда, сипас буғтоб мекунанд, баъд мебуранд, зеро мағзӣ дар об кӯтоҳ шуда, шакли гиребонро вайрон мекунад.

Мағзиро баробари андозаи зергиребон мебуранд ва ба таррафи чаппаи зергиребон гузошта, гирдогирдашро дастӣ кӯк мезананд. Баъд гиребони мағзигузоштаро мисли гиребони рости лабгардони бемағзӣ медӯзанд. Баъди дарзи мошинагӣ задан мағзиашро то дарзи мошина зич карда мебуранд. Барои ба гардан часпонидани гиребон аввал дарзҳои китфи маснуотро дӯхтан лозим аст.

Гиребони дӯхтаро ба тарафи ростаи либос мувофиқ карда, зергиребон гузошта, дастӣ кӯк мезананд, ки дар натиҷа гиребон байни фаровез ё тавқи яклухт ва либос воқеъ мегардад. Ҷойҳои дастӣ кӯкзада, канораҳои бари пеш ва гарданаи либосро то дарзи китф бо мошина дӯхта, баъд фаровезро ба тарафи чаппаи маснуот қатъ карда дарзмол мекунанд. Ҳиссаи дарзи тахтапушт ва зергиребонро ба дарзи китф наздик гирифта, қайчӣ зада, ба дарун қат мекунанд ва 0,1 см дуртар аз ҷойи часпондани гиребон дарзи мошинагӣ мезананд.

Часпонидани гиребони рост. Пеш аз ба гардана часпонидани гиребони рост дарзҳои китф ва ангула (тугма, бандак ва ғайра)-ро дасткорӣ мекунанд. Гиребони тайёр ва зергиребонро ба тарафи чаппаи маснуот гузошта, нӯгҳои гиребонро ба нӯги ангула рост карда, ба гардан дастӣ медӯзанд. Сипас 0,7 см монда, ба гардана гиребонро дарзи мошинагӣ зада мечаспонанд. Гиребони болоро 0,7 см ба дарун қатъ намуда, аз ҷойи қатъшавӣ дастӣ кӯк зада, баъд бо мошин медӯзанд. Ҳангоми ба тарзи дастӣ кӯк задани ҷойи қатъшуда бояд болои дарзи мошинаро пӯшанд.

Ҳамаи намудҳои гиребонро баъди такмили алоҳида ба маснуот мечаспонанд. Дар вақти часпонидани гиребон чунин ҳолатҳоро ба назар гирифтан лозим аст:

1. Дарозии бар, мутаносибии ҷузъҳои гиребон, муайян кардани ҷойи изи санҷишӣ ва дарзи китф;

2. Шакл, андоза ва мутаносибии ҷузъҳо;

3. Ҳангоми кӯкгирӣ ба ҷойгиршавии изи санҷишию дарзи китф мувофиқат кардани гиребон, ба буриши гиребон, зергиребон ва моилии он аҳаммият додан лозим аст;

4. Гиребонро аз тарафи ҷойи буриш дастӣ кӯк мезананд, ҷойҳои буриши моилиро мечаспонанд;

5. Гиребонро роста карда, нӯгҳояшро бароварда, аз тарафи зергиребон дарзмол мекунанд;

6. Ҳиссаи дарзи гардана ва фаровезро то ҷойи дарз 0,1 см гузошта мебуранд;

7. Дар вақти дӯхтани гиребонҳои гуногун харитаи технологиро истифода мебаранд.

## КОРИ АМАЛИИ № 24

Гузоштани қолаб ба рӯйи матоъ. Таҳияи гиребони одӣ ва ба камзӯлча пайваст кардани он

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Харитаи технологии №2**

***Гузоштани қолаб ба рӯйи матоъ***

**Таҷҳизот**: қолаб, бӯри дӯзандагӣ, сӯзанак, қайчӣ, ченактасма.

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1 | Барои муайян кардани нуқсонҳои матоъ онро аз назар мегузаронем, |
| 2 | Қоидаҳои қолабгузориро риоя карда, ҳамаи ҷузъҳои куртаро ба рӯйи матоъ мегузорем. Онҳоро бо сӯзанакҳо маҳкам мекунем. Равиши сӯзанҳо бояд ба як тараф бошад. |
| 3 | Дар гирдогирди қолаб ва ҷойҳои дахлдори дигар барои ҳиссаи чок 1,5 см монда, аз рӯйи он бо қайчӣ қолаби ҷузъҳоро пайиҳам мебурем. Қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо қайчӣ бояд риоя карда шавад. |

| | |
|---|---|
| 4 | Баъди буридани ҷузъҳо:<br>а) муайян кардани миёнаҷойи қисми пеш ва ақиби камзӯлча, гузоштани нишонаи хурди секунҷамонанд ва буридани он;<br>б) муайян кардани миёнаҷойи қисми болоии танаи пешу ақиб ва гузоштани нишонаи секунҷа;<br>в) муайян кардани миёнаҷойи гиребон ва гузоштани нишонаи секунҷа;<br>г) муайян кардани баландии қуллаи остин, гузоштани нишона ба тарафи пеш ва ақиби он. |
| 5 | Худозмоӣ:<br>а) ба рӯйи матоъ дуруст гузоштани қолабро санҷед, хатҳои ёрирасон ва рах-рах (штрихӣ)-ро дуруст гузоред;<br>б) дуруст гузаронидани хатҳои асосиро санҷед. |



***Расми 62.*** *Тарзи гузоштани қолаб ба матоъ*

**Харитаи технологии №3**

**Таҳияи гиребони одӣ ва ба камзӯлча пайваст кардани он**

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1 | Қоидаи пайваст кардани камзӯлчаҳои пешу ақиб ва ба он часпондани тавкро риоя карда, қисмҳои камзӯлчаҳоро пайваст мекунем. |
| 2 | Гиребонро барқад аз миёнҷояш қатъ карда, тарафи ростаи матоъро ба дарун гирифта, буришҳоро дуруст намуда, бо чоки васеияш 0,5- 0,7 см медӯзем. Кунҷҳояшро мебурем ва гиребонро ба тарафи ростааш мегардонем, кунҷҳояшро дуруст карда, аз гирди гиребон (аз тарафи ростаи гиребон) дастӣ кӯк мезанем. |

| | |
|---|---|
| 3 | Гиребонро дар мобайни камзӯлчаи асосӣ ва тавқ ниҳода, секунҷаҳоро болои ҳам монда, чоки китфро низ рӯйи ҳам гузошта, дастӣ кӯк мезанем ва баъд бо чоки васеияш 0,5 - 0,7 см бо мошина медӯзем |
| 4 | Мутаносибии чоки китфу кунҷҳои гиребонро санҷед. Буриши кунҷҳои изофаи камзӯлчаҳоро қайчӣ зада, рӯйгардон кунед ва бо кӯки дастӣ гирди камзӯлчаро дӯзед. |
| 5 | Ҳамаи қисмҳои пайвастшударо ҳамвор кунед, то ки ҷузъҳои камзӯлчаҳо дарозу кӯтоҳ нашаванд, бо чоки 0,7 см канори буришро дӯзед ва дарзмол кунед. |
| 6 | Худозмоӣ:<br>а) дуруст ва зебо будани чок, қисмҳои камзӯлча ва тавқро санҷед;<br>б) дуруст ва зебо будани чоки гиребон, инчунин мутаносиб будани онро санҷед;<br>в) мувофиқ омадани чоки китфро баъд аз дӯхтани гиребон санҷед;<br>г) ҳангоми истифодаи мошинаи дарздӯзӣ қоидаҳои техникаи бехатариро риоя кунед. |



***Расми 63***. *Таҳияи гиребони одӣ ба камзӯлча пайваст кардани он*

***Саволҳо ва супориш:***

*1. Тарзи дурусти ба рӯйи матоъ гузоштани қолабро баён кунед.*

*2. Барои муайян кардани миёнаҷойи камзӯлчаи пеш ва ақиб нишонаро чӣ тавр мегузоранд?*

*3. Чанд намуди гиребонро медонед?*

*4. Қоидаҳои ба ҷузъҳои камзӯлча часпонидани гиребонро гуфта диҳед.*

*5. Оид ба касби буранда маълумот диҳед.*

*6. Сифатҳои муҳимми касби бурандагиро шарҳ диҳед.*

## §23. ҚОИДАҲОИ ТАҲИЯИ ТАНАИ МАСНУОТ ТАВАССУТИ МОШИНАИ ДАРЗДӮЗИИ БАРҚӢ

Чоки одӣ гуфта пайваст намудани ду ҷисми ҷузъҳои болои ҳам гузоштаро меноманд. Дар ин маврид васеии чокро 1,5 см монда дӯхтан лозим аст.

Дӯхти дастӣ матоъро аз титшавӣ нигоҳ медорад. Дӯхти дастиро бо сӯзану дарзи кӯтоҳ иҷро бояд кард. Дар вақти дӯхтани ҷузъҳо дарзи пайвастаро истифода бурда, бо ин роҳ пайвасти мустаҳками дарзро ҳосил мекунанд. Канори ду буришро рӯйи ҳам гузошта, аз тарафи чаппааш медӯзанд. Баъд бурриши муайяни матоъҳоро сахт мекашанд, то ки канори онҳо бо ҳам баробар ояд. Дарз аз тарафи ростаи маснуот ноаён аст. Чокҳои курта бояд ҳам аз тарафи рост ва ҳам аз тарафи чап зебо бошад.

Канори чокҳоро баъд аз дуруст буридан бо дарзи канорӣ медӯзанд. Дарзи канориро дастӣ ё тавассути мошинаи дарздӯзӣ бо ресмони абрешимию ҳамранги матоъ медӯзанд. Чоки дарз ҳар қадар хурд бошад, таҳияи канори чок ҳамон қадар зебо мешавад. Дар ин маврид ба таъминоти механикии чок аҳаммият додан лозим аст.

Ҳангоми таҳияи маснуоти матоаш нафис канори чокро каме хобонда, бо кӯкҳои наздику кӯтоҳ медӯзанд. Баъзан канори чокҳои чунин маснуотро бо мошинаи дарздӯзӣ ҳам медӯзанд, ки он дар натиҷа хеле мустаҳкам мешавад. Агар канори чокро бо дарзи канорӣ дӯзем, зеҳи чокро дарозтар мемонем, ки он зебо ва ноаён мешавад. Аммо аз ин тарзи дарззанӣ канори чок ғафс шуда, ҳангоми дарзмолкунӣ ҳамаи дарзҳо аз тарафи ростаи матоъ намоён мешаванд. Дар мавриди маснуоти аз матои трикотажии ғафс дӯхташуда канори чокро бо зеҳи ироқӣ медӯзанд. Агар чок ба як тараф қатъ карда шавад, он гоҳ канори чокро аз тарафи ростааш бо зеҳи ҳалқагӣ медӯзанд. Нӯги ҳар ду тарафи чокро ба дарун қатъ кардан ҳам мумкин аст. Дар ин ҳолат ҳиссаи чокро васеътар мемонанд.

Баъди баррасии кор маснуотро дарзмол бояд кард. Барои дарзмолкунӣ ҷойи махсус ҷудо карда мешавад. Маснуотро дар рӯйи миз ё тахтаи дарзмолкунӣ, ки бо матои тоза рӯйкаш шудааст, дарзмол мекунанд. Дар вақти дӯхтани ҷузъҳои курта харитаҳои технологиро истифода баред. Барои дуруст истифода бурдани харитаҳои технологӣ дар истеҳсолоти дӯзандагӣ касби технологи истеҳсолоти дӯзандагӣ фаъолият мебарад. Технологи истеҳсолоти

дӯзандагӣ ба категорияи мутахассисон тааллуқ дорад ва бевосита ба роҳбари корхона тобеъ аст.

Ба вазифаи технологи дӯзандагӣ шахсе қабул карда мешавад, ки ҳадди ақал маълумот ва таҷрибаи корӣ дар соҳаи истеҳсоли дӯзандагӣ дошта бошад.

Технологи истеҳсолоти дӯзандагӣ қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки истеҳсоли дӯзандагиро ба танзим медароранд; технологияи истеҳсоли дӯзандагӣ; намудҳо ва хосиятҳои маснуотҳо; намудҳои либос , раванди коркарди технологии истеҳсолот ва назорати сифати маҳсулоти дӯхташаванда, намунаҳо, тарҳҳо, ангораҳои макетҳо, қолабҳо ва буриш, қоидаҳои муайян кардани сифати маҳсулоти гуногунии истеҳсоли оммавӣ; талаботи стандартҳои давлатӣ оид ба сифати мавод ва маснуот, асосҳои қонунгузории меҳнат, қоидаҳои ҳифзи муҳити зист, қоидаҳои дохилии меҳнат, талабот ба сифати кор ва маҳсулот, қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва бехатарии сӯхторро бояд донад.

## КОРИ АМАЛИИ №25

**Таҳияи танаи куртаи миллӣ ва ба тана пайваст кардани камзӯлчаи гиребондор**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот**:мошинаи дарздӯзӣ, ҷузъҳои курта ва қуттии корӣ.

**Харитаи технологии №4**

Таҳияи танаи куртаи миллӣ

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1 | Бо чоки васеияш 1-1,5 см дастӣ дӯхтан ва баъд бо мошинаи дарздӯзӣ бахия задани паҳлии танаи курта. |
| 2 | Чоки танаи куртаро ба ду тараф кушода дарзмол мекунем. |
| 3 | Ба буриши болои танаи курта ду чоки мувозӣ-чоки якумро 1 см ва чоки дуюмро 0,5 см монда медӯзем. |
| 4 | Ду ресмони чоки мувозиро барои ҳосил намудани чин якбора мекашем. |
| 5 | Буриши поёнии куртаро бе қатъкунӣ ва ба манзури санҷиш бо захми калон медӯзем. |

| | |
|---|---|
| 6 | Худозмоӣ:<br>а) зебо ва дуруст дӯхтани дарзи паҳлуро санҷед;<br>б) дуруст кушодану аз ду тараф дарзмол кардани чоки паҳлуро санҷед;<br>в) зебо ва дуруст ҳосил кардани чинҳоро санҷед; |

**Харитаи технологии №5**

Ба тана пайваст кардани камзӯлчаи гиребондор

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1 | Қоидаи дӯхтани танаро истифода бурда, онро медӯзем: а) дӯхтани буриши паҳлуӣ;<br>б) мутаносибан бо нишонаи секунҷа баробар тақсим кардани чину бурмаҳо. |
| 2 | Пайваст кардани камзӯлчаи гиребондор ба тана. Ҳама қоидаҳои часпонидани камзӯлчаҳои пеш ва ақибро ба эътибор гирифта, онҳоро ба тана пайваст мекунем. |
| 3 | Худозмоӣ. Санҷиш:<br>а) ду ҷузъи буриши тана бо ҳам мувофиқанд;<br>б) баробар тақсим кардани чинҳо, рӯ ба рӯ омадани нишонаҳо; в) дуруст будани чоки пайвасти камзӯлчаҳо;<br>г) дарзмол кардани ҷузъҳои курта. |
| 4 | Ба тана пайваст кардани камзӯлчаи гиребондор. |



***Расми 64.*** *Таҳияи танаи куртаи миллӣ ва ба тана пайваст кардани камзӯлчаи гиребондор*

**Санҷиши расми ченкунии якум**

Дар аснои ченкунӣ дуруст ҷойгир шудани камзӯлчаҳои қисми пешу ақиб ва танаро ба назар мегиранд. Бо ин мақсад ин либосро пӯшида, барои дарозии китфро муайян кардан бӯр мекашанд ё сӯзанак мезананд ва ҳолати дурусти дарзҳои либосро ба назар мегиранд. Ба васеӣ, тангӣ, каҷӣ ё ростии дарзҳои паҳлуӣ, инчунин, чӣ гуна будани дарзҳои китф ва ғайра аҳаммият додан лозим аст.

**Харитаи технологии №6**

**Ёфтани нуқсонҳои маснуоти китфдор дар вақти часпондани камзӯлчаҳо ва намудҳои ислоҳи он**

| Нуқсон | Намудҳои ислоҳ |
| --- | --- |
| Чоки китф ба тарафи камзӯлчаи ақиб мегузарад (дар ҷуссаи хамидақомат).  | Чоки китфро ба тарафи ақиб ва матоъро гирифта ба буриши китфи камзӯлчаи пеш гузоред  |
| Чоки китф ба тарафи камзӯлчаи пеш мегузарад, (дар ҷуссаи хамидақомат).  | Чоки китфро ба тарафи пеш ва матоъро гирифта ба буриши китфи камзӯлчаи ақиб гузоред.  |

**Оё шумо медонед?**

Трикотаж аз калимаи фаронсавии tricjtage гирифта шуда, маънояш матоест, ки бо ёрии мошина бофта шудааст.

***Савол ва супориш:***

*1. Чаро чоки паҳлуии танаро бахия мезананд?*

*2. Барои чӣ дар буриши болоии тана ду чоки мувозӣ медӯзанд?*

*3. Агар нишонаҳои секунҷа монанди маснуот бо ҳам мувофиқ наоянд, чӣ гуна нуқсон сар мезанад?*

*4. Барои тайёр кардани чинҳои танаи курта кадом амалиётро иҷро мекунанд?*

*5. Тарзи ба тана часпондани камзӯлчаи ақибро гуфта диҳед.*

## § 24. ТАҲИЯИ ОСТИН

Пеш аз он ки остини буридаро ба дӯхтан сар кунем, аввал остинро кушода, ба бари он дар баландтарин қулла нишонаҳо гузошта, баъд бо мақсади дӯхтан онро ба қисми моилии остинҷой пайваст мекунанд. Аз қуллаи остин бо ченактасма 11 см ва барои пеши остин 11,5 см чен карда нуқтаҳо мегузорем.

Аз қуллаи остин ба тамоми ҷойи моилии он аввал дастӣ дарзи дуқатораи мувозӣ зада (васеии дарзи якум аз канори

буридашуда 1см, дарзи дуюм 0,7 см аст), баъд онро бо мошинаи дарздӯзӣ медӯзем. Баъд онро чин-чин карда, остинро мегузорем (тарафи ростаашро ба роста монда) ва бо сӯзанак маҳкам мекунем, бари дӯхти санҷиширо аз рӯйи хатти нишона ва нуқтаи санҷишӣ муайян карда, баъд ҷузъҳои остинро мечаспонем. Пас аз дӯхтани чинҳои баландии қуллаи остин ва саропои он санҷиши якумро ба амал мебарорем.

Нуқсонҳои дар вақти санҷиш пайдошударо ислоҳ бояд кард. Дар истеҳсолот вазифаи аз назар гузаронидан ва ислоҳи нуқсонҳои пайдошударо назорати сифат ва инчунин касби технологи дӯзандагӣ ба дӯш дорад. Касби технологи дӯзандагӣ якчанд вазифаҳоро бояд ба иҷро расонад: таҳияи амсилаҳои нав, эҷоди нақшҳо ва ангораҳо, таҳияи ҳуҷҷатҳои техникӣ барои амсилаҳои нав, иҷрои ҳисобҳои хароҷоти моддӣ ва меҳнатӣ барои таҳияи намудҳои нави амсилаҳо, таҳияи меъёрҳои вақт аз ҷиҳати техникӣ, мусоидат ба рушд ва такмили равандҳои истеҳсолот, таҳияи технологияҳои дӯзандагии оммавӣ, тағйирот ба ҳуҷҷатҳои техникӣ бо сабаби ба танзим даровардани равандҳои технологӣ ва реҷаи истеҳсолӣ дар ҳама бахшҳо, ташкили кори бефосилаи истеҳсолот дар тамоми марҳилаҳои давраи истеҳсолот, тақсимоти вазифаҳо байни кормандон, назорати кор, ҳисоб кардани мавод, назорат аз болои истифодаи мавод, назорати сифати мавод, иҷрои супориши истеҳсолӣ, банақшагирии кор, риояи муҳлат ва назорати сифат, ҷорӣ намудани технологияҳои нави истеҳсолот, гузаронидани мукотибаи корӣ бо таъминкунандагон,нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои муқарраршудаи техникӣ.

## ТАЙЁР КАРДАНИ ЧИНҲОИ ОСТИНИ МАНЖЕТДОР

Ба ростагии матоъ ду бор мувозӣ мошина мезананд (бо дарзи қадамии чокаш калон).

Аввал ва охири дарзро маҳкам мекунанд. Дар дарзи поёнӣ чинҳоро ҷамъ карда, ресмонро дар тарафи чаппаи матоъ гиреҳ мебанданд. Чинҳоро мувофиқи намуна дар тамоми қитъа як хел ҷамъ намудан лозим аст. Ҳангоми ҷамъкунии чинҳо шумораи дарзҳо ва масофаи байни онҳо аз рӯйи намуна муқаррар карда мешавад.

Барои он ки чинҳо кушода нашаванд, ба зерашон аз матои асосӣ ё астарбоб астар мечаспонанд, ки канорҳои он ба дарзи гардан, сари

китф, остинҷой пайваст шавад. Агар буришҳои астар бо дарзҳои дар боло зикршуда мувофиқ наафтад, онро пешакӣ кӯки дастӣ задан лозим меояд. Чинҳоро ба астар тавассути мошина мечаспонанд.

*Ба остин часпонидани манжет.* Бурише остинро дастӣ кӯк зада, баъд бо мошина медӯзанд. Поёни нӯги остинро, ки ба он манжет дӯхта намешавад, хобонда бо мошина кӯк мезананд. Агар остин манжетдор бошад, қисми боқимондаашро ҷамъ (чин-чин) мекунанд. Дарзи манжетро ба тарафи чаппаи остин гузошта, буришҳоро бо ҳам мувофиқ мекунанд. Манжетро чунон мечаспонанд, ки ба ҷойи ангулааш мувофиқ ояд, сипас аз канораш 0,3 см монда мошина мезананд.

Канори ҳиссаи дарзро ба тарафи манжет қатъ мекунанд. Бурише қисми болоии манжетро 0,7 см ба дарун хобонда, 1 см канорашро монда, бо мошина медӯзанд.

Дар вақти таҳияи остинҳо чунин шартҳоро ба назар гирифтан лозим аст:

1.Баъд аз таъйини қатъии бурише либос, буришҳои поёнӣ ва паҳлуии остинро рост карда буред.

2.Вобаста ба намуди матоъ таҳияи остинро интихоб намоед. Поёни остинро вобаста ба навъи матоъ ва намуди либос чанд хел қатъ мекунанд: либоси матоаш тунук ва ё ғафсиаш миёнаро бо дарзи ниҳонӣ, маснуоти матои зичбофт ва ғафсро бо дарзи бахмалӣ медӯзанд ё мағзӣ мемонанд. Барои мағзӣ матои абрешимиро истифода мебаранд. Доманаи поёни остинро бо фаровез низ дӯхтан мумкин аст. Фаровезро роста монда, бо мошина медӯзанд, сипас қатъ карда бо дарзи ниҳонӣ мечаспонанд.

Баъзан дарозии остин барои қатъ кардан намерасад, ки дар ин маврид матои абрешимӣ ё ягон матои астарбоби ҳамранги маснуотро ҳамчун фаровез медӯзанд. Бо ин мақсад тасмаи уреби бараш 7 см ва дарозиаш ба дарозии поёни остин баробарро мегиранд. Тарафи ростаи тасмаро ба тарафи ростаи остин мувофиқ кунонда, кӯк мезананд ва ё дарзи тасмаро ба тарафи чаппаи маснуот кӯк мекунанд. Он бояд аз тарафи ростаи маснуот нанамояд, тарафи дигарашро 0,5 см қат карда, ба маснуот кӯк мезананд ва сипас бо дарзи ниҳонӣ мечаспонанд.

## ДӮХТАНИ МАНЖЕТИ ОСТИНИ КӮТОҲ

Манжети остини кӯтоҳро хоҳед алоҳида, хоҳед аз матои остин қатъ карда медӯзед. Агар аз худи матои остин қатъ кардани

шавед, он гоҳ бояд 0,7 см аз нӯги остин ба дарун қатъ намуда, боз 2 см дигарро афзоед. Чунин манжет бо дарзи нонамоён дӯхта мешавад.

Агар манжетро алоҳида бурида бошед, пас фаровезро ба тарафи чаппаи матоъ медӯзед. Манжетро қатъ карда, тарафи ростаашро ба тарафи ростаи остини кушод чин-чин карда, то охири нӯги манжет аввал бо даст, баъд бо мошинаи дарздӯзӣ медӯзанд. Чокҳои дарзмолкардаро аз рӯйи флизелин қат карда, манжетро ба боло бо дарзи канорӣ медӯзанд.

**Инро дар хотир доред!**
*1. Қолаб – нақшаи ҷузъҳои маснуоти иҷро шудаест бар бузургии аслӣ бе дарназардошти ҳиссаи чок.*
*2. Конструксия – дар рӯйи нақша ҷой додани маснуоту ҷузъҳояш, ҷойи пайвастшавии ин ҷузъҳо*

**Ҷадвали 5**

**Нуқсонҳои асосии таҳияи остин ва усулҳои бартарафкунии он**

| Характери нуқсон | Сабабҳои пайдоиш | Усулҳои бартарафкунӣ |
|---|---|---|
| Қатъи изофаю качи тарафи пеш | Миёнаҷойи қуллаи китфро аз ҷояш гирифта ба пеш дӯхтаанд | Қуллаи китфро ба тарафи ақиб гирифта, нуқсонро ислоҳ мекунанд |
| Қатъи изофаю качи тарафи ақиб | Миёнаҷойи қуллаи китфро аз ҷояш гирифта ба ақиб дӯхтаанд | Қуллаи китфро ба тарафи пеш гирифта, то ислоҳ шудани нуқтаҳо дуруст мекунанд |

## КОРИ АМАЛИИ №26

**Пайваст кардани остин ба тана**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот**: қисмҳои куртаи миллӣ, мошинаи дарздӯзӣ, дарзмол, қуттии корӣ.

**Харитаи технологии №7**

Ба ҷойи моилӣ ва тана пайваст кардани остин

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1 | Аз буриши қуллаи остин барои ҳосил кардани чинҳо бо мошинаи дарздӯзӣ ду қатор дарзи кӯкҳояш калон (васеии дарзи якум аз канори буридашуда 1 см ва дарзи дуюм 0,7 см )-ро медӯзем.<br>Дар ин мавриди тарзи часпондани остинро ба назар гиред: остин тарафи ростагияш рӯ ба боло бошаду курта тарафи чаппагияш. |
| 2 | Остинро бо ҷойи моилӣ тарзе гузоред, ки қуллаи китф ба ҷойи чоки китфҳо мувофиқ ояд. Баъд аз нуқтаи санҷишӣ ба поён бо ду сӯзанак ба тарафи пешу моилии остин 11,5 см гузошта, ба ақиб боз бо ду сӯзанак онро ба қуллаи китф мепайвандем. |
| 3 | Санҷидани куртаи миллӣ: а) маснуотро пӯшидан;<br>б) санҷидани якхелагии тақсими чинҳо; в) дуруст будани чоки пайвасти камзӯлчаҳо; г) рӯ ба рӯ будани нишонаҳо;<br>д) риоя шудани қоидаи гузоштани остин; е) муайян кардани дарозии маснуот. |
| 4 | Санҷидани куртаи миллӣ: а) маснуотро пӯшидан;<br>б) санҷидани якхелагии тақсими чинҳо; в)дуруст будани чоки пайвасти камзӯлчаҳо; г) рӯ ба рӯ будани нишонаҳо;<br>д) риоя шудани қоидаи гузоштани остин; е) муайян кардани дарозии маснуот. |
| 5 | Дӯхтани остин:<br>а) дӯхтани чинҳои остин бо кӯки калон (дастӣ);<br>б) дӯхтани буриши паҳлуӣ бо чоки масофааш аз буриш 1,5 см (аввал дастӣ, баъд бо мошинаи дарздӯзӣ);<br>в) қатъ кардани нӯги остин – қати якум 1 см, қати дуюм – 2 см (бо дарзи нонамоён);<br>г) дарзмол кардани ҷойҳои паҳлу ва нӯги остин. |
| 6 | Худозмоӣ:<br>а) остин мувофиқи қоида гузоштаву дӯхта шудааст ё не? б) маснуотро пӯшида дуруст гузошта шудани ҷузъҳои онро санҷидан;<br>в)чинҳои остин дуруст тақсим карда шудаанд ё не?<br>г) қатъкунии нӯги остин ва сифати дӯхти остин риоя шудааст ё не?<br>д) нӯги остин ва худи остинро бо риояи техникаи бехатарӣ дарзмол кардан. |



***Расми 65.*** *Раванди коркарди технологии остин ва пайвасти он ба тана*

**Ҷадвали №6**

**Ёфтани нуқсони маснуоти китфдор дар вақти пайвасткунии остин ва роҳҳои ислоҳи он**

| Нуқсони маснуоти китфдор | Роҳҳои бартарафкунии нуқсон |
|---|---|
| **Қатъшавии уфуқии остин аз пеш ва ақиб, хатти қатъ аз поен, рафти қатъ ба**  | **Микёси қуллаи китф беҳад кам аст, остинро аз нав бурида, онро зиёд кардан лозим аст.**  |
| **Қатъшавии уфуқии остин аз баландии қуллаи остин, аз тарафи камзӯлчаи пеш.**  | **Омехташавии қуллаи китф бо чоки китфу камзӯлчаи пеш. Ислоҳи он: қуллаи остинро ба тарафи ақиб баред.**   |

**Савол ва супориш:**
1. Аз таърихи пайдоиши остин маълумот диҳед.
2. Чанд роҳи тайёр кардани остинро медонед?
3. Вазифаҳои асосии касби технологи истеҳсолоти дӯзандагиро шарҳ диҳед.

## § 25. ДӮХТИ ПУРРАИ КУРТАИ МИЛЛӢ

Баъди ченкунии якум, вақте ки нуқсонҳо бартараф карда мешаванд, либосро боз як бори дигар пӯшонда, ҷойи дарозии дарзҳо, кӯки чинҳо, ҷойи остин, мувофиқати остин бо маснуотро тавассути бӯр ё сӯзанак ишорат мекунанд ва дарозии либосро муайян намуда, сӯзанак мезананд.

Сипас либосро ба рӯйи миз паҳн мекунанд. Аз рӯйи сӯзанак ба ҳамаи ҷузъҳо аз тарафи ростагиашон бо ресмони ранга дарз мезананд, то ки он ҳам аз тарафи чап, ҳам аз тарафи рост намуда истад. Сӯзанакро берун кашида, дарзҳои заруриро мекананд. Дарзҳои сари китф, паҳлу ва ғайраро бо усули бахиядӯзӣ мечаспонанд. Сипас ҳиссаи дарзро бо мошина ё дастӣ ҳалқадӯзӣ мекунанд. Якчанд намуди ҳалқадӯзӣ мавҷуд аст. Ҳалқадӯзии мошинагӣ бештар маъмул аст. Бо ин мақсад ҳиссаи дарзро ба тарафи чаппагиаш 0,3-0,5 см қат карда, аз канораш бо ресмони абрешимию ҳамранги матои асосӣ тавассути мошинаи дарздӯзӣ медӯзанд. Ҳиссаи дарзи вобаста ба матои ғафсу наххояш рагзанашавандаро бо қайчии махсуси дандонадор (аррашакл) мебуранд.

Ба дарёфти нуқсонҳо дар маснуот ва ислоҳи онҳо дӯзанда ва буранда машғул ҳастанд. Дар истеҳсолот бошад, чунин вазифаро технологи истеҳсолоти дӯзандагӣ иҷро мекунад.

**Куртадӯзӣ ва усулҳои иҷрои он.** Тамоми дарзҳои курта (дарзҳои китф ва остин) аз аввал то охир бояд росту ҳамвор бошанд.

Вақти шинонидани остинҳои курта барои серчин нашудани қисми пеши остин чинҳои ҳосилшударо баробар тақсим мекунанд (ба ғайр аз куртаҳое, ки қисми пеши остинашон махсус чиндор дӯхта мешавад). Дарзи пайвандии остинро зимни дӯхти одӣ ба тарафи остин хобонда, дарзмол мекунанд (дарзи остини васеи чиндорро як тараф хобонда, баъд дарзмол кардан лозим аст).

Ҳангоми гиребонро бо дарзи майда ба гардан пайвастан, гиребон бояд аз боло бошад (яъне аз болои зергиребон). Баъд канори холии гиребони рӯро ба дарун қатъ карда, дарзи ноаёни дастӣ мезананд. Ҳангоми пайвастани гиребонҳои гуногуншакли куртаҳо аз таг ҳошияи 1-1,5 см монда медӯзанд. Ба гардани куртаҳои бегиребон ҳошияи 3 то 4-сантиметра мемонанд. Ду канори ҳошияро қатъ карда, бо мошина медӯзанд ва чанд ҷояшро аз таг ноаёну дастӣ кӯк мезананд.

**Қатъ кардани доман**. Домани либосро вобаста ба навъи матоъ ва намуди либос чанд хел қатъ мекунанд. Либоси матоаш тунук ва ё ғафсиаш миёнаро бо дарзи ниҳонӣ, маснуоти матош зичбофту ғафсро бо дарзи бахмалин медӯзанд ё мағзӣ мемонанд.

Барои мағзӣ матои абрешимии астариро истифода мебаранд. Домани либосро бо фаровез низ дӯхтан мумкин аст. Фаровезро роста монда, дарзи мошинагӣ мезананд, сипас қатъ карда, бо дарзи ниҳонӣ мечаспонанд. Баъзан қадди либос барои қатъ кардан намерасад, дар ин ҳолат матои астарбоби ҳамранги маснуотро ҳамчун фаровез медӯзанд. Барои ин тасмаи уреби бараш 7 см ва дарозиаш ба дарозии домани маснуот баробарро мегиранд. Тарафи ростаи тасмаро бо тарафи ростаи либос мувофиққунон медӯзанд, сипас аз канораш 0,5-1 см монда бо мошина медӯзанд.

Ҳиссаи чокро ба ду тараф хобонда дарзмол мекунанд ва дарзи тасмаро ба тарафи чаппаи маснуот кӯк мезананд (он бояд аз тарафи ростагии маснуот нанамояд). Тарафи дигарашро 0,5 см қатъ карда ба маснуот кӯк мезананд ва сипас бо ёрии дарзи ниҳонӣ мечаспонанд. Баъзан домани либосро бо фаровези дуқабата низ медӯзанд. Барои ин тасмаи уреби бараш 4 то 5 см-ро ба дарозии домани либос баробар карда мебуранд. Тасмаи уребро роста карда, дуқатъ мекунанд ва 5 см аз канораш монда бо мошина медӯзанд, баъд онро ба тарафи чаппаи маснуот хобонда, бо дарзи ниҳонӣ медӯзанд.

## КОРИ АМАЛИИ №27

**Дӯхти пурраи курта**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** куртаи тайёршуда, қайчӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қуттии корӣ.

## Харитаи технологии №8

Ченкунии 2-юм

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1 | Маснуотро пӯшидан.<br>Ба ҷойи буришҳо сӯзанак задан (агар ҷойи манжети остину тугмаи он дароз бошад ва ғайра). |
| 2 | Мувофиқ омадани гиребонро санҷед. |
| 3 | Мувофиқ омадани остинро санҷед. |
| 4 | Мувофиқ омадани чини танаро бо камзӯлча санҷед. |
| 5 | Дарозии маснуотро муайян кунед. |
| 6 | Агар тугма бошад, ҷойи онро дар манжет нишона кардан лозим меояд. |
| 7 | Худозмоӣ, санҷиш:<br>а)дурустию шинам омадани гиребонро аз назар гузаронед;<br>б) чокҳои паҳлӯи тана бекашиш ва дуруст бошанд;<br>в) пайвасткунии остин дуруст ва мувофиқ бошад. |

## Харитаи технологии № 8а

Таҳияи курта баъд аз санҷиши 2-юм

Пурра дӯхтани маснуот

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1 | Дӯхтани остинро аз тарафи буриши паҳлуӣ, аз чоки поён сар карда, ба чинҳои нодуруст роҳ додан лозим нест. |
| 2 | Дӯхтани чоки остин тавассути мошинаи махсуси класси 51 ё мошинаи дарздӯзии синфхона. |
| 3 | Баъд аз муайян кардани дарозии маснуот бари доманро қатъ намуда, қатъи 1-умро 1 см ва қатъи 2-юмро 3-4 см аввал бо кӯки калон, баъд бо дарзи нонамоён медӯзем. |
| 4 | Куртаи тайёрро дарзмол мекунем. |
| 5 | Куртаи тайёрро бо қоидааш тах мекунем. |
| 6 | Худозмоӣ:<br>а) дуруст гузоштану дӯхтани остин; б) чоки дӯхташударо ороиш додан; |



***Расми 66.*** *Пурра дӯхтани курта*

**Оё шумо медонед?**

Системаи метрикии даҳякӣ ченаке мебошад, ки бо ёрии он системаи ягонаи ченаки дарозӣ ба метр муайян карда шудааст. Ин кор барои муайян кардани эквиваленти метр анҷом дода мешавад.

Соли 1722 ду тадқиқотчӣ – Мешен ва Деламбр масофаи байни шаҳрҳои Дюнкерк ва Барселонаро чен карданд.

Масофаи мазкур ҳамчун асоси ченаки дарозии бруси филизӣ хизмат кард, ки ба яке аз даҳ миллион қисми меридиани замин баробар аст. Баъдтар ин брусифилизиро метр номиданд, ки ҳамчун ченаки бузургии метр тасдиқ шуд.

***Савол ва супориш:***

*1. Қоидаҳои асосии санҷиши 2-юмро гуфта диҳед.*

*2. Қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо дарзмолро баён кунед.*

*3. Қоидаҳои қатъ кардани бари доман чӣ гунаанд?*

*4. Оид ба ҳуқуқҳои касби технологи истеҳсолоти дӯзандагӣ маълумот диҳед.*

# БОБИ 5. ЛОИҲАИ ЭҶОДӢ

## §26.КУРТАИ МИЛЛИИ ГИРЕБОНДОРИ ОСТИНАШ ҚАНОТАК

Лоиҳаи эҷодӣ кори мустақилонаи ҷамъбастие мебошад, ки сифати иҷроишаш ба дараҷаи аз худ кардани мундариҷаи қисмҳои гуногуни барнома аз тарафи хонандагон, то кадом дараҷа мустаҳкам будани донишу малака ва маҳорати ҳар як хонанда дар дарсҳои технология вобаста мебошад. Лоиҳа аз қисмҳои алоҳида иборат мешавад: ангора, расм, нақшаи тайёр кардани ягон маҳсулот ё ба амал овардани ягон раванди техникӣ. Он аз ҳисобу китобҳо, натиҷаи озмунҳо, тадқиқоти унсурҳои такмилдиҳии конструксия, ҳисоби иқтисодӣ ва ғайраҳо иборат аст.

Вариантҳои лоиҳа хеле гуногунанд. Шумо метавонед якеашро интихоб кунед. Азбаски шумо дар дарсҳои пеш намудҳои куртаи миллиро омӯхта будед, яке аз онҳоро ба худ интихоб кунед. Шумо метавонед куртаи миллии бегиребон, гиребону остинаш гуногунро интихоб кунед.

Аз сабаби он ки тарзи такмили технологӣ як хел аст, мувофиқи дарсҳои гузашта худатон харитаи технологии онро бо маслиҳати омӯзгор омода созед. Бо истифода аз маҷаллаҳои мӯд, китобҳои чокдӯзии гуногун маснуотро интихоб кунед. Мақсади ҳар як лоиҳа аз он иборат аст, ки худи хонанда маснуотро интихоб карда, маҳсулоти нави фоидаовар, рақобатпазир, зебо оро додашуда, ба талаботи замон ҷавобгӯ дӯзад.

Маснуотро метавонед ихтиёрӣ интихоб кунед (намуди куртаи миллӣ, пешдоман, пойҷома, доман (юбка), хилъат, шим, нимтана ва ғайра). Иҷрои лоиҳа ба рушду инкишофи қобилияти эҷодӣ, тафаккури мантиқӣ, мустаҳкамшавии донишҳо ва малакаю маҳорати политехникӣ мусоидат мекунад.

Раванди иҷроиши лоиҳаро ба якчанд давра тақсим кардан мумкин аст. Дар ин ҳолат ба ҳар як давра алоҳида баҳо гузошта мешавад. Дар рафти тайёр кардани лоиҳаи эҷодӣ то таҳияи маснуоти тайёр шумо бояд доир ба кори рассом, амсиласоз, лоиҳасоз, технологӣ тайёр кардани либос, оператори таҷҳизоти дӯзандагӣ маълумот дошта бошед.

Ҳангоми нишондодани модели худ бояд бо касби намоишдиҳии модел шинос бошед, ки он дар оянда барои интихоби касб мадад мерасонад. Раванди тартиб додани лоиҳаи эҷодӣ пайдарҳам

сурат мегирад: такмили ангора, лоиҳакашӣ, технологияи таҳияи маснуоти тайёр. Дар ҳар як давраи кор бо лоиҳаи эҷодӣ, албатта, ҷамъ овардани иттилооти дахлдор оид ба такомули мӯдҳо, аз худ кардани алифбои лоиҳакашӣ ва амсиласозӣ, омӯхтани амалиёти асосӣ доир ба тайёр кардани либос, дуруст истифода бурдани маҷаллаи мӯд зарур аст. Масалан, дар вақти дифои лоиҳаи эҷодӣ бояд ҳамаи маводди доир ба таҳия ва тайёр кардани лоиҳаро дар назар гирифта, маснуоти табъи дилатонро дӯзед.

**Талабот ба сифати маснуоти тайёр чунин аст:**

1. Намуди берунӣ бояд мувофиқи модели интихобӣ бошад.
2. Маснуоти тайёрро нағз дарзмол кардан лозим аст.
3. Ҷузъҳои ҷуфт андозаи якхела дошта бошанд.
4. Чокҳои дастӣ ва мошинагӣ ба шарту шароитҳои дӯхтан мувофиқ оянд.

**Ҷадвали 7**




**Касби ороишгари либос (дизайнер).** Касби ороишгари либос яке аз ҷолибтарин касб ба ҳисоб меравад, зеро он бо маъруфият, даромади баланд, ҷойи кори мувофиқи талабот, касби эътирофшуда, муосир ва бисёрталаб мебошад. Касби ороишгари либос аз касбҳои дигари соҳаи дӯзандагӣ бо куллӣ фарқ мекунад, зеро касби ороишгари либос маҷмуи либосҳои силсилавии мутобиқ ба мавсимро эҷод намуда, онро ба мизоҷон пешниҳод мекунад.

Вазифаҳои асосии кории ороишгари либос: таҳияи консепсияи номгӯйи амсилаҳо, таҳлил ва таҳқиқи тамоюлҳои мӯд, тарҳрезии маҳсулот барои коллексияҳои мавсимӣ, инчунин тасҳеҳи моделҳои кӯҳна, таҳияи ҳуҷҷатҳои графикӣ барои коллексияҳо, эҷоди ангораҳо, интихоби матоъ ва ороиши он, таҳия ва тасдиқи намунаҳо, тайёрӣ ва гузаронидани презентатсияҳо ва намоишҳои маҷмуӣ.

Талаботи асосӣ барои ороишгари либос: дониши компютерӣ барномаҳои Adobe Illustrator, Corel Draw, Photoshop, таҷриба дар таҳияи ҳуҷҷатҳои графикӣ (ангораҳо), маҳорати босифат сохтани қолабҳо, завқи бадеии баланд оид ба ороиши либос.

Баъзан ба ороишгари либос донистани забони хориҷӣ лозим меояд. Афзалият барои намояндагони ин касб гирифтани таҷрибаомӯзӣ дар хориҷа ё бо тарроҳони маъруфи ватанӣ пайдо намудани ҳамкории судманд, инчунин пайдо намудани шуҳрат дар ватан ва берун аз он хоҳад буд.



***Расми 67.*** *Касби ороишгари либос*

## ИНТИХОБ ВА АСОСНОККУНИИ ЛОИҲА

Технологияи мувофиқ, сарфакорӣ ва аз ҷиҳати экологӣ безарар будан аз ҷумлаи талаботҳои зарурию техникии маснуоти дӯхташаванда мебошанд.

Дар вақти лоиҳакашӣ либоси зеборо интихоб кунед. Либосро тавассути рангҳои банур бо истифода аз завқу табъи баланди эстетикӣ оро диҳед. Бояд қисмҳои либос бо ранг, ҷавоҳирот ва услуби дӯхт мувофиқ бошанд. Аз мӯдҳои сол бояд бохабар бошед. Дар маҷаллаҳои мӯд тарзи интихоби либосу услуби дӯхт ва дар куҷо пӯшидани кадом хели либос муайян карда шудааст.

Аз озмоиши либоспӯшӣ натарсед, аммо онро мувофиқи қоида ва риояи намуди эстетикиаш пӯшед. Вақти ба кӯча баромадану ба меҳмонӣ рафтан барои худ намуди муайяни ороишро интихоб кунед. Агар либоси интихобкардаи шумо ба дугонаҳоятон маъқул нашавад, табъатон хира мегардад. Бинобар ин, ба мӯди ҳаминсолаи ҷавонон ва сарфи матоъ аҳаммият диҳед. Сарфакорӣ талаб мекунад, ки маснуоти дӯхташаванда бо сарфи ками вақт истеҳсол шавад. Хароҷоти зиёд нархи маснуотро афзун месозад.

Қисми экологии лоиҳаи маснуоти дӯхташаванда онро талаб мекунад, ки дар вақти тайёр намудан ва истифодаи он организми одам зарар набинад. Аз рӯйи моделҳои нишондодаи омӯзгор маснуоти дигар, ё ин ки модели куртаи дилхоҳатонро интихоб карда, амалиётҳоро пайдарҳам иҷро намоед. Қоидаҳои лоиҳасозӣ, амсиласозӣ, кашидани нақша, аз рӯйи он сохтани қолаб, ба матоъ гузоштани қолаб, буридани маснуот, такмилу пайвастани ҷузъҳои маснуотро риоя кунед. Дар вақти дӯхтани маснуот матои ба табъи худ мувофиқро интихоб намуда, чӣ қадар матоъ, ришта, қувваи барқи истифода бурдаатонро муайян кунед ва аз рӯйи он нархи аслии маснуотро дақиқ намоед.

Дар давоми сол ин амалиётро иҷро карда, аз рӯйи харитаи технологии омӯзгор ё интихобӣ доир ба маснуоти интихобкардаи худ лоиҳаи эҷодӣ тартиб диҳед, корро пайдарҳам иҷро карда, маснуотро дӯзед.

## ТАРҒИБ (РЕКЛАМА)-И МАҲСУЛОТ

Бояд ҳар як хонанда маснуоти дӯхтаи худро тарғиб карда тавонад. Тарғиби маҳсулот қисми зарурии лоиҳа мебошад, чунки ба фурӯш рафтани маҳсулоти истеҳсолшуда маҳз ба ҳамин чиз вобаста аст. Тарғибот, тавре ки маълум аст, омили рушддиҳандаи савдо ба ҳисоб меравад.

Тарғиби моли шумо аз унсурҳои зерин иборат шуда метавонад:

1 – аломати молии фирма (корхонаи истеҳсолкунанда);

2 – ном ва таъйиноти маҳсулот; 3 – якчанд ибораи тарғиботӣ.

Аломати молӣ дар бисёр ҳолатҳо нишона-рамзе мебошад, ки аз якчанд ҳарф, калима ё расм иборат аст. Баъзан дар истеҳсолоти дӯзандагӣ ин аломатҳо низ вомехӯранд: ҳарфҳо, ҳарфҳои аввали ному насаби ихтироъкор, ё ин ки номи артел. Аз рӯйи он маснуот фарқ карда мешавад.

Ибораи тарғиботӣ (рекламавӣ) бояд диққатҷалбкунанда бошад ва тайъиноти асосии молро дар бар гирад.

Масалан, куртаи миллии бегиребон ё гиребондори пахтагин барои фасли тобистон тавсия карда мешавад. Ин курта хосияти гигиенӣ дошта, об, ҳаво ва намиро хуб мегузаронад. Дар вақти пӯшидани ин маснуот организми одам нағз дам мегирад, пӯст ҳаворо ба осонӣ нафас мекашад. Инро донистан лозим аст. Мавзуи сарфакорӣ ҳам муҳим мебошад. Масалан, 1 тонна пахта ё 1 квт неруи барқи сарфакарда фоидаи зиёд хоҳад овард. Агар маснуот аз дигар матоъ бошад, тарғиботи маснуотро мувофиқи он ба роҳ мемонанд.

1. Камзӯлчаҳо – онҳо хосси курта буда, рост, мудаввар ва фигуравӣ шуда метавонанд.

Камзӯлчаи курта бо тарзи дӯхташ фарқ мекунад: дӯхти одӣ ва болои ҳам гузошта дӯхтани қисми поёнии буриши камзӯлчаҳо. Якчанд хели дасткориҳо гузаронида мешавад: одӣ, бо рулик, тасма ва тӯрҳои гуногун, бо чин-чин ва ғайра.

2. Гиребон – дар курта ё дигар маснуотҳо ҷузъи асосӣ ба шумор меравад.

Нӯги гиребон тез ва доирашакл, лаблӯладор, чиндор, часпанда, гузошташуда, гиребони рост, фантазия мешавад.

Гиребонро аз матои асосии курта, ё ин ки аз матои ороишии рангаш дигар, ки он ба ранги яке аз гулҳои матоъ мувофиқ бошад, тайёр мекунанд. Ба як курта якчанд хели гиребонро тайёр кардан мумкин аст, ки ба он намуди гуногун медиҳад.

3. Остин якчанд хел мешавад: дароз, кӯтоҳ, реглан, бо манжети дароз ё одӣ қатъ кардашуда, инчунин остинҳои кӯтоҳи фонусшакл, қанотак ва ғайра.

4. Танаи курта ҳам аз ҷиҳати сохт васеъ, танг, қисми буриши болоии танааш бурма ва чин-чин, қисми поёниаш танг, васеъ ва ғайра мешавад.

## НАМУНАИ ЛОИҲАИ ЭҶОДӢ

Ба амал овардани пайиҳамии технологияи куртаи миллии занона.

1. Кашидани расми амсила (модел).

2. Навиштаҷот аз рӯйи намуди берунии андоми амсилааш озод. Курта бо камзӯлча ва гиребони моил, остини кӯтоҳи қанотак.

3. Хосияти матои истифодашаванда, матоъҳои асосашон абрешимӣ, атлас, пашмин, сунъӣ, синтетикӣ, пахтагин ва ғайра. Матои фаровезвори пахтагин, риштаҳои пахтагини № 50, 60.

Харитаи технологии омӯзгор ва таҳияи куртаи гиребондори остинаш гуногунро омӯхта, барои маснуоти худ харитаи технологӣ тайёр кунед ва ҷузъҳои ин маснуотро пайи ҳам дӯзед.

## КОРИ АМАЛИИ №28

### Технологияи коркарди гиребон ва пайвасти он ба камзӯлча

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** қалами одӣ, варақаи корӣ, матоъ, куттии корӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолаб.

**Харитаи технологии №9**

**Технологияи коркарди гиребон ва пайвасти он ба камзӯлча**

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1 | Пеш аз буридан матоъро ба дарозӣ дуқатъ мекунем, тарафи ростаашро ба рӯйи ростааш гузошта, қолаби тана, камзӯлчаҳои ақибу пеш, остин ва гиребонро ҷо ба ҷо карда, онро мебурем. Аввал танаи куртаро мебурем ва нишонаи секунҷаро мегузорем. |
| 2 | Дарзҳои китфро кӯк зада, таҳияи комили камзӯлчаро амалӣ мегардонем. |
| 3 | Агар гиребон ороишдор бошад, он гоҳ ба дарзи гиребон қисми ороишиеро, ки бараш 3-4 см аст, моил бурида медӯзанд. |
| 4 | Камзӯлчаро чаппа карда, қисми ороишдорро ба болояш гардонда, аввал дастӣ, баъд бо мошина медӯзем. |
| 5 | Худозмоӣ:<br>а) дар вақти таҳияи ҳар як ҷузъи курта қоидаҳои дӯхтро риоя кунед;<br>б) сифати чоку чинҳоро аз назар гузаронед;<br>в) дар вақти таҳияи маснуот ба техникаи бехатарии кор бо сӯзан, қайчӣ, мошинаи дарздӯзӣ риоя кунед. |

***Савол ва супориш:***
*1. Лоиҳаи эҷодӣ чист?*
*2. Зарурати тартиб додани лоиҳаи эҷодӣ дар чист?*
*3. Оид ба талаботҳои асосӣ нисбат ба маснуоти тайёр маълумот диҳед.*
*4. Зарурати тарғиботи маҳсулот дар чист?*
*5. Оид ба касби орошгари либос маълумот д.иҳед*

## § 27. ҲИСОБКУНИИ ИҚТИСОДИИ ХАРҶИ МАСНУОТ

Нархи маснуоти истеҳсолкардаи шумо асосан ба хароҷоти маснуот вобаста аст. Барои муайян кардани хароҷоти маснуот бояд ҳисоб кард, ки он аз кадом ашёи хом (матоъ) таҳия гаштааст ва чӣ миқдор маводди хом сарфи ин кор шудааст. Донистан зарур аст, ки маводди гуногун бо ченакҳои гуногун чен карда мешавад ва ин нишондиҳанда ба миқдори он вобаста аст. Воҳидҳои нисбатан маъмултари ченкунии маводди гуногунро дар поён меорем.

1. Пахта – тонна (т).
2. Ченаки нархи қувваи барқ – Вт, кВт ва ғайра.
3. Матоъ, ресмон – метр (м) ва ғайра.

Вобаста ба воҳиди ченкунӣ нархи мавод низ иваз мешавад. Ҳамаи воҳидҳои ченкуниро пеш аз ҳисобкуниҳо ба системаи СИ (ченкуниҳои стандартӣ) овардан лозим аст.

Қоидаҳои дӯхтанро истифода бурда, таҳияи куртаи миллиро амалӣ гардонед ва арзиши онро муайян кунед. Масалан, барои дӯхтани куртаи миллӣ тахминан 2 м матои пахтагии бараш 140 см, 50 м ресмон ва 8 соат кувваи барқ сарф мешавад.

Нархи бозаргонии 1 м матои пахтагин 12 сомонӣ ва нархи 1 ғалтаки дарозии ресмонаш 100 м баробари 4 сомон аст. 12 сомонӣ х 2м20 см= 26 сомониву 40 дирам; 50 м ресмон = 2 сомонӣ. Сарфи қувваи барқ; дар 8 соат = 2 сомониву 24 дирам. Он гоҳ нархи аслии маснуоти шумо S = 26 с 40 д + 2 с + 2 с 24 д = 30 сомониву 64 дирам хоҳад шуд.

**Дифоъ аз лоиҳаи эҷодӣ.** Дар дарси охирини ҷамъбастӣ тамоми маводде, ки ҳангоми таҳия ва тайёрӣ дидан ба лоиҳаи эҷодӣ истифода шудаанд – ангора ва навиштаҷоти модел, нақша, қолабҳо, албом бо намуди ҷузъҳо ва пайдарҳамии таҳияи маснуоти дӯзандагӣ бояд нишон дода шаванд.

Дифоъ аз лоиҳа нишон медиҳад, ки шумо ба кадом муваффақият ноил шудаед ва ба ин кор чӣ хел муносибат мекунед.

Барои ороиш додани либос сараввал амсилаи либосро омода мекунанд. Дар истеҳсолот бошад, амсилаҳои либосро касби амсиласоз-тарроҳ омода менамояд. Амсиласоз – тарроҳ амсилаҳои навро коркард менамояд. Маводди зарурии усулиро тайёр мекунад, расм ва ангораи маснуотро мекашад, тарзи тайёр кардани маҳсулотро назорат мебарад.

**Ҷойи корӣ**. Дар истеҳсолот амсиласоз ҳамчун тарроҳ-менеҷер оид ба фурӯши маснуоти тайёр ё матоъ фаъолият мебарад. Артелҳои алоҳидаи шахсиро ташкил карда, коллексияи нави худро ба намоиш пешниҳод менамояд.

**Сифатҳои асосӣ.** Амсиласоз-тарроҳ бояд табъи зебоипарастӣ, тахайюли бадеӣ, маҳорати рассомӣ ва нақшакашӣ, ҳиссиёти хуб ба интихоби ранг, ҳаракати панҷаҳо, дониши хуби математикӣ дошта бошад, таърихи либос ва мӯди муосирро донад.

**Дониш ва маҳорат.** Амсиласоз-тарроҳ бояд мӯдҳои нави муосирро иҷро карда тавонад, хусусиятҳои матоъшиносиро донад, аз харитаи дастурдиҳӣ ва технологӣ кор барад, ҳисоби иқтисодии маснуотро донад.

Амсиласоз-тарроҳ бояд коркарди амсилаҳои нав, ҳуҷҷатҳои техникиро бо истифодаи технологияи муосир, системаи автоматикӣ, маҳорати кор ва муносибат бо қайчиро хуб донад.

## КОРИ АМАЛИИ №29

**Технологияи таҳияи куртаи миллии остинаш қанотак**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** қалами одӣ, варақаи корӣ, матоъ, қуттии корӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолаб.

**Харитаи технологии №11**

Технологияи таҳияи куртаи миллии остинаш қанотак

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1 | Танаи тарафи буриши болои куртаро дастӣ ё тавассути мошинаи дарздӯзӣ ду қатор дӯхта, ҳар ду риштаҳоро баробар кашида, чинҳоро як хел тақсим мекунем. Масофаи байни дарзҳо бояд 0,5-1 см бошад. Баъд дарзҳои паҳлӯйиро мепайвандем. |
| 2 | Камзӯлчаро ба тана бо дарназардошти чинҳои тана пайваст мекунем. |
| 3 | Буриши паҳлӯйи остини қанотакро дастӣ кӯк зада, бо мошин медӯзем. Қисми болоии остинро аз тарафи ростаи матоъ ду бор мувозӣ дарзи мошинагӣ мезанем (бо дарзи калон). Дарзи поёни чинҳоро ҷамъ карда, дар тарафи чаппаи матоъ гиреҳ мебандем. Чинҳоро дар тамоми масофа як хел ҷамъ намудан лозим аст. |
| 4 | Остини тайёрро ба маснуот мепайвандем ва остинро бо дарназардошти чинҳо дастӣ кӯк мезанем. Дар охир барои мустаҳкамкунии маснуот бо мошинаи дарздӯзӣ дӯхта, бо мошинаи махсуси канорпеч коркард карда мешавад. |
| 5 | Дарзмол кардани маснуоти омодашуда. |
| 6 | Худозмоӣ:<br>а) дар вақти таҳияи ҳар як ҷузъи курта қоидаҳои дӯхтро риоя кунед;<br>б) сифати чоку чинҳоро аз назар гузаронед;<br>в) дар вақти таҳияи маснуот ба техникаи бехатарии кор бо сӯзан, қайчӣ, мошинаи дарздӯзӣ, дарзмол риоя кунед. |



***Расми 68.*** *Раванди пайдарпайи таҳияи куртаи миллии остинаш қанотак*

***Саволҳо ва супориш:***

*1. Барои чӣ шумо иҷрои мустақилонаи ин амсиларо интихоб кардед?*
*2. Пайдарҳамии татбиқи лоиҳаи эҷодиатонро баён намоед.*
*3. Маснуоти шумо аз кадом намуди матоъ дӯхта шудааст ва он чӣ гуна хосият дорад?*
*4. Шумо барои дӯхтани амсилаи худ чӣ қадар матоъ сарф кардед?*
*5. Ҳангоми таҳияи маснуот кадом намуди ҷузъҳо ва чӣ гуна шартҳои техникии дӯхтанро истифода бурдед?*
*6. Дар маснуоти дӯхтаи шумо то чӣ андоза пайдарҳамии амалиёти технологӣ истифода карда шуд?*
*7. Барои ҳисоби сарфи матоъ ва омода кардани маснуоти тайёр чиро ба назар гирифтан лозим аст?*
*8. Оид ба касби амсиласоз-тарроҳ маълумот диҳед.*
*9. Вазифа ва сифатҳои муҳимми касби амсиласоз-тарроҳро шарҳ диҳед.*

## §28.САЁҲАТИ ТАЪЛИМӢ БА ИСТЕҲСОЛОТИ ДӮЗАНДАГӢ

Соҳаи дӯзандагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб рафта, рӯз аз рӯз соҳаи мазкур ҳам дар шаҳр ва ҳам дар деҳот фаъолияти худро босамар ба роҳ мондаистодааст. Соҳаи дӯзандагӣ ба саноати сабук дохил мешавад, ки дар он бисёр маснуоти дӯзандагӣ, ба монанди: либосҳои мардона, занона ва кӯдакона аз ҷумла: курта, шим, нимтанаҳо, доманҳо, инчунин лавозимоти хонагӣ ва ошхонагӣ истеҳсол карда мешавад.

Аз ҳамин лиҳоз, оид ба раванди истеҳсолоти маснуотҳои дӯзандагӣ маълумоти мухтасар оварда мешавад.

Мақсади асосии коргоҳ ин коркарди ниҳоии нахи пахта бо технологияҳои замонавии муосир, истеҳсол ва фурӯши риштаҳои пахтагин, матоъҳо ва ҳама намуди маҳсулоти дӯзандагӣ (мардона, занона, бачагона) мебошад. Инчунин ба мақсади асосии коргоҳ ташкили нуқтаҳои савдо ва филиалҳои он барои фурӯши маҳсулот дар бозори дохили ҷумҳур, Аврупо ва мамлакатҳои сеюм дохил мешавад.

Айни замон дар коргоҳҳои дӯзандагӣ истеҳсолоти ресандагӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ, рангубордиҳӣ ва минтақаи дарзмолдиҳӣ амал менамоянд. Таи солҳои охир пай дар пай аз нав ҷиҳозонидани таҷҳизотҳои технологии истеҳсолотҳои ресандагӣ, бофандагӣ, ва дӯзандагӣ бо дастгоҳҳои замонавии муосир амалӣ карда шудаанд. Инчунин дар як вақт гуфтушунидҳо бо истеҳсолкунандагони

хориҷӣ дастгоҳҳои замонавӣ истеҳсолоти пардоздиҳӣ оиди аз нав ҷиҳозонидани истеҳсолотҳои дӯзандагӣ бо дастгоҳҳои замонавӣ амалӣ шуда истодааст.

Коргоҳҳои дӯзандагӣ таваҷҷуҳи хоссаро оиди бисёр гардонии намудҳои маҳсулот ва рақобатпазирии онҳо дар бозори ҷаҳонӣ зоҳир менамояд.

Фаъолияти корхонаҳои дӯзандагӣ ин коркарди нахи пахта, истеҳсоли ресмон, матоъ ва маҳсулотҳои дӯзандагӣ дар базаи технологияҳои муосир мебошад.

**Истеҳсолоти ресандагӣ.** Ресмон бо системаи кардии бофандагӣ баровarda мешавад. Тавоноии он 9340 веретено мебошад. Рақами миёнаи ресмони баровардашуда №16 аст. Ресмон аз таҷҳизотҳои муосири фирмавӣ баровarda мешавад: MARZOLI, SAVIO, RITER.

Барои тозакунии наххо аз ресмонҳои бегона ва ранга таҷҳизоти ҷудокунандаи фирмавии махсус оварда шуда истодаанд.

**Истеҳсолоти бофандагӣ.** Дар сехи матоъбарорӣ зиёда аз 50 таҷҳизотҳои фирмаи Белгии PICANOL, намуди OMNI и OMNI-плюс ва ғайра мавҷуд аст. Тайёркунии ресмон барои матоъбарорӣ аз таҷҳизотҳои фирмавии RAMALUMI, BENINGER ва ғайраҳо баровarda мешавад. Технологияҳои ҳозиразамон имконият медиҳанд, ки матоъҳо бо намудҳои гуногун бофта шаванд: суф, репс, сатин, атлас, омехта ва ғайра, инчунин тағйирдиҳии таркиб ва намудҳои функсионалии матоъҳо.

**Истеҳсолоти ороишӣ.** Вобаста аз рӯйи таъйинот матоъҳо бо роҳҳои гуногуни ороиш дода мешаванд. Замимаи устуворкунии васеи матоъҳо дар таҷҳизоти хушку васеъкунандаи асосан фирмаи TEXTIMA истеҳсол карда мешавад. Тӯдашавии шеткавӣ ва сӯзанӣ дар бештар дар таҷҳизоти фирмаи LAFER барои рангкунии матоъҳо мошинаи Джигери фирмаи MCS, барои коҳишкунӣ таҷҳизоти Paganini G.E. истифода бурда мешаванд. ҳамаи таҷҳизотҳои сехи ороишот имконияти намудҳои гуногуни ороишдиҳии матоъҳоро доранд.

**Истеҳсолоти дӯзандагӣ.** Давраи тайёркунии либосҳо аз коркарди моделҳо ва тайёркунии қолабҳо, тайркунии матоъ ба буриш, буридан, тафтиши сифати буриши деталҳо аз рӯйи имконоти андозаҳо иборат аст. Бештар тарҳрезии либосҳо бо системаи Lectra-и Фаронса истеҳсол мешаванд ва чоп намудаи онҳ асосан дар плоттери фирмаи ALGOTEX ва FLUPEN мебошад. Барои буридан машинаи электрии буришкунанда бо кордҳои рост истифода бурда мешавад.

Дар сехи истеҳсолкунӣ аз рӯйи пайдарпайии технологӣ бастакунӣ ва коркарди алоҳидаи деталҳо, барасмиятдарорӣ ва якҷоякунии деталҳо ба маҷмуи маҳсулот истеҳсол карда мешаванд. Аз рӯйи махсусгардонӣ сехи дӯзандагӣ бо таҷҳизотҳои махсус, универсалӣ ва автоматии фирмаҳои DURKOP, JUKI, BROTHERH, JAM ва ғайраҳо бояд муҷаҳҳаз гардонида шавад.

**Истеҳсолоти рангдиҳӣ.** Дар истеҳсолоти рангуборкунӣ беш аз 90%-и маҳсулотро ташкил медиҳад. Рангкунии маҳсулот аз рӯйи талаботҳои фармоишгар иҷро карда мешавад, ки он аз рӯйи харидории талабот ва муди охирин фасл ба инобат гирифта мешавад. Рангуборкунӣ бо рангкунандаҳои фаъол ва асосан фирмаҳои BEZEMA (Швейцария) ва NEARCHIMICA (Италия), ранг карда мешаванд, ки онҳо сертификати бехатарӣ доранд. Дар сехи рангуборкунӣ бештар таҷҳизотҳои фирмаҳои: BRONGO, TONELLO, OMI-ро истифода мебаранд.

Қитъаи гармию намӣ (дарзмолкунӣ). Дар минтақаи коркарди нарми техники коркард, тозакунӣ, санҷиш ва тайёркунии маҳсулот барои фурӯш ба роҳ монда шудааст. Таҷҳизоти дарзмолкунӣ-ин гарави бешубҳаи нигоҳ аз берун аст, пресси ҳамвор ва манекени инфиҷор ба маҳсулот шакли хусусӣ ва ба он имконияти аъло ба тасвир нишастанро медиҳад. Ҳар як махсулот аз санҷиши қатъии назорати сифат бояд гузарад.

**Маҳсулоти тайёри истеҳсолот.** Бо шарофати нави муҷаҳҳазкунӣ, истифодабарии технологияҳои ҳозиразамон дар истеҳсолотҳои дӯзандагӣ ба маҳсулотҳои ватанӣ нишондиҳандаҳои аълои иҷроиш, тасаллоӣ ва амалигиро нишон медиҳанд. Автоматикунонии равандҳои технологӣ, мошинаҳои ҳозиразамон ва барномаҳо имконият медиҳанд, ки  дар бозори даруна ва ҳам дар беруна рақобатпазир бошем. Либосҳое, ки дар истеҳсолоти дӯзандагии ватанӣ коркард карда мешаванд, онҳо дороӣ сифати баланд, мебошанд.Дар раванди коркарди маснуоти гуногуни мардона, занона ва бачагона якчанд касбҳо амал мекунанд:

1. Аз сехи пардоздиҳӣ ба сехи бурандагӣ матоъро пешниҳод мекунанд;

2. Тарроҳ амсиларо интихоб мекунад ва омода мекунад;

3. Фаршкунанда (настильщик) – баъди интихоби матоъ матоъро 50-70 қабат таҳ мекунад;

4. Буранда қолаброро ба болои матоъҳои таҳшуда гузошта, бо асбобҳои махсус маҳкам мекунад ва истифода аз таҷҳизоти махсуси бурандагӣ онро мебурад;

5. Комплекткунонӣ – матоъҳои буридашударо вобаста ба андозаи маснуот таҳ мекунад, инчунин нақшаи хатти сайрро муайян карда, ба бригадаҳои вобасташуда мефиристад;

6. Кортақсимкунанда (запускальщица) вобаста ба ҳаҷми ҷузъҳо ҷояшро муайян мекунад, инчунин ба дӯзандагони вобасташуда ҷузъҳои буридашударо мерасонад;

7. Дӯзандагон аз рӯйи харитаи технологӣ амалиётро аз оғоз то анҷомёбӣ маснуотро пурра медӯзанд;

8. Касби назорати сифат-андозаи маснуоти тайёршударо чен мекунад, мутобиқи ҷадвали стандарти додашуда муайян мекунад.

9. Касби техникии истеҳсолӣ-мутобиқи андоза маснуотро қабул мекунад ва бо шумораи муайян банду баст мекунад;

10. Рангуборчӣ-маснуотро бо шумораи муайян қабул намуда, ба деги рангкунӣ андохта, баъди ранг гардидани маснуот онро хушк мекунад;

11. Дарзмолгар – сехи рангубор қабул намуда, маснуотро мувофиқи талабот дар мошинаҳои махсуси прессӣ маснуотро таҳ карда, онро пресс мекунад. Дарзмолгари дигар баъди қабули маснуоти прессшуда, маснуотро дарзмол мекунад, баъд онро ба мошинаи тамғаи Топпер маҳкам мекунад, ки вазифаи ин таҷҳизот ба андозаи муайян маснуотро мутобиқ менамояд;

12. Назоратчии сифат баъди дарзмолкунӣ-маснуоти дарзмолшударо пурра аз назар мегузаронад.

13. Тамғагузор – рамзи корхона ва тамға оид ба маълумоти маснуоти дӯхташударо мегузорад;

14. Бандубастчӣ – маснуотҳои омодашударо вобаста ба андоза, ранг ва амсилаи маснуот ҷудо карда, банду баст мекунад.




***Расми 69***. *Истеҳсолоти дӯзандагӣ*

## КОРИ АМАЛИИ №30

Саёҳати таълимӣ ба истеҳсолоти соҳаи дӯзандагӣ

Пас аз дидан аз корхонаи дӯзандагӣ хонандагон дар бораи раванди истеҳсолот, касбҳои гуногуни ба кор ҷалбшуда маълумот бояд гиранд. Коркарди либос як раванди хеле мушкилест, ки дар он шумораи зиёди касбҳо вобаста ба соҳаи дӯзандагӣ фаъолият мекунанд.

Баъди гузаронидани саёҳати таълимӣ ба хонандагон супориш дода шавад, ки оид ба раванди технологии коркарди маснуот дар истеҳсолоти дӯзандагӣ ба шакли мукаммал эссе нависанд.

Агар дар маҳалли зисти хонанда истеҳсолоти дӯзандагӣ мавҷуд набошад, саёҳати таълимӣ ба ателйеҳои хурди маҳаллӣ гузаронида шавад.

***Саволҳо барои санҷиш:***

*1. Маҳсулоти истеҳсолоти дӯзандагиро номбар кунед.*

*2. Раванди истеҳсоли маснуоти дӯзандагӣ дар коргоҳҳои дӯзандагиро шарҳ диҳед.*

*3. Кадом касбҳо вобаста ба истеҳсолоти дӯзандагиро медонед?*

*4. Дар маҳалли зисти шумо кадом истеҳсолоти дӯзандагӣ фаъолият мебарад ва маҳсулоти асосии он чист?*

# БОБИ 6. КАСБУ ҲУНАРҲОИ МИЛЛӢ

## § 29. ҶУЛОҲӢ

Муайян кардани замону таърихи пайдоиши ҳунари ҷулоҳӣ душвор аст, лекин ҳангоми ҳафриёти мақбараи қадими мисриён ҷуроби бачагонаи бофташудае пайдо гашт, ки дар он ангушти калони пой алоҳида бофта шудааст ва шояд барои пӯшидани пойафзол мувофиқ карда шуда бошад. Олимон муайян карданд, ки он ҷуроб дар тули 5 ҳазор сол осебе надидааст.

Бофандагони машҳури қадим, ки бо кешбофӣ ва ҷулоҳӣ шуҳрат пайдо кардаанд, арабҳо ҳисобида мешуданд. Онҳо нақшу нигори мураккабро 2 ҳазор сол пеш кашф кардаанд.

Ин намудҳои бофтанро дар асри XII испаниҳо, итолиёиҳо ва баъд аз як аср фаронсавиҳо, шотландиҳо, англисҳо омӯхтанд. Таҷҳизоти асосии онҳо сиххои чӯбӣ, устухонӣ, филизӣ ҳисобида мешуданд, ки бо онҳо ҷуроб, дастпӯшак ва ғайра мебофтанд. Аз байни ин ҷулоиҳо кулоҳбофии шотландӣ машҳур гашт.

Дар Фаронса дар аввали асри XII каллапӯшҳои занона, дастпӯшакҳо ва дар асри XII – XV ҷуроб ва ҳатто либоси болопӯш мебофтанд. Оҳиста-оҳиста ин намуди ҷулоҳӣ дар Аврупо паҳн гардид. Аҷойибот дар он аст, ки ба ин намуди касб танҳо мардҳо машғул буданд. Тағйироти куллӣ дар соҳаи ҷулоҳӣ соли 1589 ба вуҷуд омад. Рӯҳшиноси англис Вилям Ли дастгоҳи бофандагии дастие ихтироъ кард, ки сӯзанаш кашакдор ва суръати бофтанаш нисбат ба даст 10 маротиба зиёд буд.

Дар Осиёи Миёна ҳам кешбофӣ, ҷулоҳӣ, тӯрбофӣ, бофтани гирди рӯймолча, болишт, ҷуроб, каллапӯш ва ғайра паҳн гашта буд. Бофандагони тоҷик ин ҳунарро моҳирона пеш бурда, ба он унсурҳои урфу одат ва нақшу нигори миллиро дохил мекарданд.

Усули асосии кори дастгоҳ ва унсури аслии он сӯзани ҳамроҳ бо кашак (чангак) буда, мошинаҳои имрӯза низ дар асоси ҳамин усул корро иҷро мекунанд.

Дар охири асри XVIII дар Фаронса мошинаи мудавваршакли трикотажбоф ихтироъ карда шуд, ки дар он матоъро ба намуди найча истеҳсол мекарданд. Баъдан аз ин матоъҳо қисму ҷузъҳои маснуотро бурида медӯхтанд.

Дар Русия дар давраи қадим сокинони деҳот маснуоти хурди ба монанди ҷуроб, дастпӯшак ва ғайраро аз пашми гӯсфанд мебофтанд, ки онҳо, асосан, якранг буда, барои ороиш нақшу нигорҳои миллиро дохил мекарданд.

## ҶУЛОҲӢ БО СИХҲО

Барои ин тарзи ҷулоҳӣ ресмонҳои пашмин, нимпашмин, абрешимин, пахтагӣ, наххои синтетикӣ истифода мешаванд. Шакли ҷузъҳои алоҳида дар натиҷаи каму зиёд кардани ҳалқаҳо, тағйир додани зичии ҷулоҳӣ (вобаста ба фарқи ғафсии сихҳо ва ресмон) аз рӯйи андоза ё ҳисоби ҳалқаҳо ба даст оварда мешавад. Сихҳои мазкур рости нӯгҳояшон дутарафа, яктарафа ва қӯша (ду сихи нӯгҳояшон яктарафае, ки аз поён бо резинаи борик ё бандинае баста шудааст) буда метавонанд. Сихҳо аз ҷиҳати ғафсӣ (қутр) бояд аз ресмон ду маротиба ғафстар бошанд.

Навъҳои матои бофташуда:

а – ҳамвор, ду тараф – чаппа ва роста дошта, бо ду сих ё сихи қӯша аз ду тараф (яъне аз тарафи чаппа бофта истода, ба тарафи роста бармегардонанд) бофта мешавад;

б – гулбашакл – ҷулоҳии давродавр, ки бо панҷ сих ва сихҳои қӯша фақат аз тарафи рост бофта мешавад.

Дар тасвири нақшҳо, одатан, тамоми қаторҳои тоқ тарафи роста ва қаторҳои ҷуфт тарафи чаппаро ташкил медиҳанд.

Қатори аввал. Ресмонро ба дасти чап мегиранд. Ду сихро якҷоя аз зери ресмони маснуоте, ки аз қолаб меояд, даровардa ресмонеро, ки дар ангушти ишорат қарор дорад, кашида, аз ҳалқаи ангушти калон мегузаронанд. Ангушти калонро аз ҳалқа озод карда, баъд ресмонро мекашанд. Барои ҳосилшавии ҳалқаҳои минбаъда ҳамин усулро такрор кардан лозим меояд. Ҳалқачаҳои пайи ҳам пайдошударо қатори аввал меноманд.

Ҳалқаҳои канорӣ (ҳошиягӣ) гуфта ҳалқаҳои якум ва охиронро меноманд. Дар аввали қатор ҳалқаи якумро набофта, аз сихи дасти чап ба сихи дасти рост мегузаронанд. Дар ҳолати рах-рах ё нақшдор бофтани матоъ ҳалқаи аввалро ба даст мегиранд. Ҳангоми аз як намуди нақш ба намуди дигар гузаштан аз тарафи рост мебофанд, ки ин боиси дар ҳошия мустаҳкам шудани ресмони нав мегардад. Ҳалқаи охирини қаторро роста ё чаппа бофтан мумкин аст.

Канорҳои ҳошия. Барои ҳамвор баромадани канори ҳошия («кокулак») ҳалқаи охирини қаторро аз тарафи чаппа бофта, дар қатори минбаъда, ки ҳамин ҳалқа якум мешавад, онро набофта аз сихи дасти рост ба сихи дасти чап мегузаронанд (риштаи корӣ дар ин сурат бояд аз пушти сихҳо бошад). Барои ҳосил кардани ҳошияҳои ноҳамвор (ҳошияи дандонашакл) ҳалқаҳои охирини қатор (канорӣ)-ро рост мебофанд ва дар қатори минбаъда, вақте

ки ин ҳалқа якум шуд, онро набофта ба сих мегиранд. Ҳалқаҳои роста ва чаппаро бо ду тарз бофтан мумкин аст.

Тарзи 1-ум. Ҳалқаи ростаро аз пеш мебофанд. Барои бофтани ҳалқаи роста сихи дасти ростро ба ҳалқаи якуми сихи чап андохта, ресмони кориро аз он мебароранд. Дар натиҷа, аз ресмони корӣ ҳалқа ҳосил мешавад. Ин ҳалқаро ба сихи дасти рост мегиранд. Ба он ҳалқаи тарафи чап мувофиқ меояд, ки тарзи бофтанаш дар расм нишон дода шудааст.

Тарзи 2-юм. Ҳалқаи роста аз қафо бофта мешавад, яъне сихи дасти ростро ба даруни ҳалқаи якуми дасти чап, яъне аз рост ба чап бурда, ресмони кориро аз он мебароранд. Ба он ҳалқаи чап мувофиқ аст, ки бофтани он дар расм нишон дода шудааст. Бо ин тарз ҷуроб ва резина мебофанд, чунки матои ба ин тарз бофташуда зичтар аст. Агар матои нақшдор бофтанӣ шавед, ин тарзи ҷулоҳӣ ба кор намеравад, чунки моли бофташуда ҳамвор ва каҷу килеб мебарояд.

Хомҳалқаҳои рост ва печон. Хомҳалқаҳои ростро ба тарафи чап аз зери ресмони корӣ мегузаронанд. Хомҳалқаи печон бо ин роҳ бофта мешавад: сихи ростро аз чап ба рост аз тарафи худ, аз зери ресмони корӣ гузаронидан лозим аст. Ин намуди хомҳалқа хеле кам истифода мешавад, зеро дар матои нақшдор (масалан, резинкаи англисӣ) нақш вайрон шуда, ҳангоми тӯрбофӣ байни ҳалқаҳо сӯрохиҳои калон-калон пайдо мешаванд.

Ҳунари бофандагӣ. Бо ҳунари бофандагӣ аз қадимулайём тоҷикон машғул буданд. Занони хонашин бештар бо ҳунари бофандагӣ машғул шуда, барои фарзандон ва аҳли оилаи худ маснуотҳои бофташуда, аз ҷумла: нимтанаҳо, ҷуробҳои дароз ва кӯтоҳ, каллапӯш, дастпӯшакҳо ва ғайраҳо мебофтанд. Ҳунари мазкур бештар аз авлод ба авлод мерос гузошта мешуд, яъне аз модар ба духтар.

Ҳунарманд бояд ба ҷиҳати эстетикии маснуоти бофташуда, рангу бор, намудҳои бофиш, нақшу нигор аҳаммият дода, инсони босабру тоқат, бодиққат, масъулиятшинос, зебоипараст бошад.

## КОРИ АМАЛИИ №31

**Намунаи бофтаҳо.** Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: намудҳои сих, намудҳои ресмонҳои пашмӣ, намунаи бофтҳо.

**Рафти кор:**

1. Намунаи бофт интихоб карда шавад;

2. Мувофиқи интихоби намуна намудҳои сих ва ресмонҳои пашмӣ интихоб карда шавад;

3. Ба раванди марҳилаи аввали бофт нигоҳ карда, тарзи бофтро омӯзед;

4. Мувофиқи намунаи интихобшуда, бофтанро оғоз намоед.



***Расми 70.*** *Намуди сихҳо ва ресмон барои бофтани ҷулоҳӣ*

**Савол ва супориш**:
1. Таърихи пайдоиши ҷулоҳиро баён кунед.
2. Дар асри XII халқҳо кадом таҷҳизоти бофандагиро истифода мебурданд?
3. Дар Осиёи Миёна ҷулоҳӣ ва кешбофиро дар истеҳсоли кадом маснуот истифода мебурданд?
4. Оид ба ҳунари бофандагӣ маълумот диҳед.

## § 30. ҚОИДАҲОИ БА ТАРТИБ ДАРОВАРДАНИ ҲАЛҚАҲО АЗ РӮЙИ НАҚШАИ МАСНУОТ

Пеш аз сар кардани ҷулоҳии маснуот гирифтани ченак ва андозаи аслии маснуоти бофташаванда зарур аст.

Ҳисоб кардани ҳалқаҳо. Барои он ки маснуот мувофиқи андоза бофта шавад, миқдори даркории ҳалқа ва қаторҳоро барои қаду бари он муайян кардан зарур аст. Бинобар ин, аз 30 ҳалқа ва 30 қатор бо ҳамон ресмону нақша ва сихҳое, ки маснуоти аслӣ бофта мешавад, сармашқ мебофанд.

Сармашқро бо латтаи тар дарзмол карда, баъди хушк шуданаш аз қадду бар бо сантиметр чен мекунанд. Дар 1 см чанд ҳалқаю қатор ғунҷиданашро ҳисоб бояд кард.

Масалан, барои сармашқи иборат аз 30 ҳалқа ба 10 см ва 30 қатор ба 8 см баробар аст. Бояд 30:10=3 ҳалқа дар 1 см ва 30:8=3,8 қатор дар 1 см бошад. Барои саҳеҳтар шудани ҳисоб ададҳоро то воҳидҳои садякӣ тақсим намуда, то даҳякӣ яклухт мекунанд. Ҳангоми ҷулоҳӣ дар ду канори матоъ «кокулчаҳо» ва «гиреҳчаҳо»

пайдо мешаванд, ки тавассути онҳо миқдори қаторҳоро муайян кардан мумкин аст. Ҳар як «кокулча» ва «гиреҳча» қатори бофташудаеро ташкил медиҳад, ки ба он тарафҳои дахлдори ҳалқаҳои роста ва чаппаи матоъ (2 қатор) дохил мешаванд.

Андозаро гирифта ва зичии ҷулоҳиро донista, шумораи ҳалқаҳоро барои ҳар як маснуот ба осонӣ ҳисоб кардан мумкин аст. Масалан, агар бари тахтапушт 50 см бошад, пас бояд 50х3=150 ҳалқа гирифт, агар дарозӣ 60 см бошад, пас бояд 60х3,6=228 қатор бофт. Агар маснуот бо нақшҳои гуногун бофта шавад (бо зеҳи ороишӣ ва ғайра), ба ҳар яки ин қисмҳо алоҳида сармашқ мебофанд ва мувофиқи ин сармашқ фарқияти ҳалқаҳоро кам ва зиёд мекунанд. Тартиби зерини бофтани қисмҳои маснуот тавсия дода мешавад: барои либоси занона аввал тахтапушт, остин, бари чапи пеш, бари рости пеш, барои либосҳои мардона ва бачагона аввал бари рости пеш, сонӣ бари чапи пеш.

Дуруст ва ҷо ба ҷо гузоштани нақши матоъ. Агар нақш аз раххои борики барқад иборат бошад, дар он сурат бояд кӯшиш кард, ки нақши тахтапушт бо ҳалқаҳои якхела оғоз ёфта, бо ҳамин тартиб тамом шавад. Масалан, агар тахтапушт ба тарзи резинкаи англисӣ бо ҳалқаи роста сар шуда бошад, пас, бояд ҳалқаи охирини пеш ва ҳалқаи ҳошия низ бо ҳалқаи роста бофта шавад. Ин қоида ба раххои уфуқии ғафсиашон гуногун низ дахл дорад. Агар нақш аз раххои васеи рост иборат бошад, онҳоро ба бари пеши маснуот тавре ҷо ба ҷо кардан лозим аст, ки нақш ба зеҳи бари пеши чап ва рост (мисли канорҳои пушт) якхела бошад. Барои пайи ҳам дуруст омадани раххо 1-3 ҳалқаро кам ва ё зиёд кардан зарур аст.

Мувофиқ омадани нақшҳои гуногуни ҷулоҳӣ. Бари пеш ва зеҳ (планка)-и нимтанаро, одатан, бо нақшҳои гуногун мебофанд. Дар ин маврид бояд дар хотир дошт, ки ҳангоми бофтани ҳар қатор дар баъзе намудҳои ҷулоҳӣ маснуот дароз мешавад (масалан, тарзи ҷулоҳии ҷуроб ё резинкаи муқаррарӣ ва ғайра) ва дар баъзеашон пас як қатор дароз мешавад (масалан, резинкаи англисӣ). Баъзан ҳангоми якбора бофтани бари пешу зеҳ, баръакс, бари пеш кӯтоҳ ояд, тарафи дигарашро мекашад. Дар он сурат тарафи кӯтоҳшударо ҳар сари чанд вақт бо қаторҳои иловагӣ дароз менамоянд.

Барои бофтани нимтана аввал андозаро муайян мекунанд.

1. Андозаи нимтана 32-34.

2. Вазни пашмина 280-300 г, аз он ҷумла 140 г кабуд, 70 г норинҷӣ, 70 г риштаи сафеди синтетикӣ. Сихҳои №3,5, ҳисоби ҳалқаҳо 20 ҳалқа=10 см.

Нимтанаро аз рӯйи қолаб ва пас аз шумурдани миқдори ҳалқаҳо мебофанд.

Аломати шартии нақши ҷулоҳӣ. Ҳалқаи роста

о – ҳалқаи тарафи рост бо сӯзани холии ҳамшафат ба тарафи чап кӯчонида шуда, ресмон аз тарафи чап ҷой гирифтааст.

© – ҳалқаи тарафи чап бо сӯзани холии ҳамшафат ба тарафи чап кучонида шуда, ресмон аз тарафи чап ҷой гирифтааст.

Ҳунари бофандагӣ баробари дар хона фаъолият фаолият кардан, инчунин дар истеҳсолот ҳамчун касби бофанда фаъолият мекунад.

Касби бофанда дар истеҳсолоти хурд, калон ва инчунин шахсӣ фаъолият карда метавонад. Вазифаи касби бофандаи маснуоти бофташаванда дар истеҳсолот ин назорати ҷиддӣ оид ба коркарди маснуотҳои бофташаванда, санҷиши сифати риштаҳо, назорат оид ба технологияи коркарди маснуот дар дастгоҳи бофташаванда, назорати дастгоҳҳо, санҷиши сифати маснуоти тайёршуда, ҳангоми кор торкаширо назорат намуда, нуқсони баамаломадаро бартараф менамояд.

Касби бофанда дар истеҳсолот бояд оид ба раванди кори дастгоҳҳои бофандагӣ, намудҳои бофиш ва роҳҳои ҷудокунӣ, бартараф намудани намудҳои нуқсони баамаломадаро донад ва донишҳои назариявиро дар амал татбиқ карда тавонад.

Талаботҳои квалификатсионӣ нисбат ба касби бофанда дар истеҳсолот омӯзиш дар курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзӣ ва доштани маълумоти ибтидоии касбӣ аст.

## КОРИ АМАЛИИ №32

**Ба тартиб даровардани ҳалқаҳо аз рӯйи нақшаи маснуот**

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** ресмони пашмӣ, сих, ченактасмаи матоъгӣ ва ҷадвал, намунаи бофт.

1. Намуна барои интихоби нақши маснуоти бофташаванда 10 см бофта шавад;

2. Аз рӯйи намунаи бофташуда қатори он ва шумораи ҳалқаи он ҳисоб мекунад;

3. Шумораи ҳалқаҳои намуна ба сантиметри намунаи бофташуда тақсим карда мешавад, ки он дар 1 см чанд ҳалқа буданашро муайян карда шавад;

4. Баъд шумораи ҳалқаи намунаро ба шумораи қаторахо тақсим карда, ба 1 см чанд қатор будан муайян карда шавад;

5. Аз рӯйи намунаи бофташудаи худ шумораи ҳалқаҳо ва катораи ҳалқаҳо муайян карда шавад;

6. Маснуоти бофташаванда аз рӯйи сантиметр, аз рӯйи ҳалқа ва қатора муайян карда шавад

.



***Расми 71.*** *Тарзи дуруст муайян намудани шумораи ҳалқаҳо ва қаторҳо*

***Савол ва супориш:***

*1. Оид ба дуруст ҳисоб кардани ҳалқаҳо маълумот диҳед.*

*2. Оиди ҷо ба ҷо гузориш нақши матоъ маълумот диҳед.*

*3. Оид ба касби бофанда дар истеҳсолот маълумот диҳед.*

*4. Талаботи квалификатсионӣ нисбат ба касби бофанда кадом аст?*

## § 31. БОФТАНИ ҚАТОРҲО БА НАМУДИ ГУНОГУНИ ҶУЛОҲӢ

**Камкунии ҳалқаҳо**. Ҳангоми ҷулоҳӣ ҳалқаҳоро ба тарзи гуногун кам мекунанд. Маҳкамкунӣ ё якҷоя бофтани ду ҳалқа чӣ гуна сурат мегирад? Одатан, барои ҷулоҳии ҳар як намуди матоъ ин ё он тарзи маҳкамкунӣ тавсия дода мешавад. Барои камкунии як ҳалқа аз ду канори ҷулоҳӣ, одатан, ба тарзи маҳкамкунӣ ду ҳалқаро якҷоя мебофанд. Агар ҳалқаҳои бисёрро кам кардан лозим ояд, дар он сурат бо камкунии пай дар пай (мисли қатори охирини матои бофташуда) чунин кор анҷом дода мешавад.

Камкунӣ чи дар қатори чап ва чи дар қатори рост як хел аст. Агар дар тавсияномаи матои дахлдор гуфта шуда бошад, ки ҳалқаҳоро қатор дар миён (масалан, барои буриши остинҷой) кам мекунад, он гоҳ онҳоро аз як канор, аз тарафи роста ва аз канори дигар аз тарафи чаппа маҳкам мекунанд.

**Ду ҳалқаи якҷоя аз боло**. Бо сихи рост ду ҳалқаи сихи чапро аз тарафи ҳалқаи дуюми пеши маснуот гирифтан даркор аст (нигаред ба расми 58).

**Ду ҳалқаи якҷоя аз поён**. Бо сихи тарафи рост ду ҳалқаи дар сихи чап бударо аз тарафи ҳалқаи якуми пушти маснуот, яъне аз рост ба чап мегиранд.

Се ҳалқаро якҷоя бо тарзҳои гуногун бофтан мумкин аст:

а) бо сихи тарафи рост се ҳалқаи сихи чапро аз тарафи ҳалқаи якуми пушти маснуот аз росту чап мегиранд;

б) бо сихи тарафи рост се ҳалқаи сихи чапро аз тарафи ҳалқаи сеюм (аз чап ба рост)-и пеши маснуот мегиранд;

в) ҷойи ҳалқаи мобайниро бо ҳалқаи якум иваз карда, се ҳалқаро якҷоя аз тарафи ҳалқаи якуми пушти маснуот (аз рост ба чап ) мебофанд.

**Ду ҳалқаи чаппаи якҷоя.** Бо сихи тарафи рост ду ҳалқаи сихи чапро аз тарафи якум (аз рост ба чап) гирифта, ҳалқаи чаппа мебофанд.

**Ду ҳалқаи миёнбури чаппа.** Бо сихи тарафи рост ду ҳалқаи сихи дасти чапро аз тарафи ҳалқаи дуюми пушти маснуот (аз чап ба рост) гирифта, ба тариқи ҳалқаи чаппа мебофанд.

**Зиёдкунии ҳалқаҳо:**

а) аз як ҳалқа бо навбат якчанд ҳалқа – як ҳалқаи чаппа ва як ҳалқаи роста мебофанд;

б) аз байни ҳалқаҳои мавҷуда ҳалқаи нав мебофанд; в) тавассути хомҳалқаҳо (як хомҳалқаю як ҳалқаи рост ва ғайра); г) хомҳалқаи сихи чапро аз пушти сих, аз тарафи чап ба рост мебофанд (зиёдкунии ноаён).

**Маҳкамкунии ҳалқаҳои қатори охирин:**

**Тарзи 1-ум** – маҳкамкунии «ҳалқа ба ҳалқа». Ҳалқаи аввалро сар дода, ҳалқаҳои дигарро мувофиқи нақша мебофанд. Дар сихи тарафи рост 2 ҳалқа ҳосил мешавад. Ҳалқаи якумро бо нӯги сихи тарафи чап ба сӯйи худ кашида, бо сихи тарафи рост ҳалқаи 2-юм (чап)-ро мегузаронанд. Баъд ҳалқаи дигарро бофта, онро низ аз даруни ҳалқаи нав ҳосилшуда мегузаронанд ва ғайра. Ҳамаи ҳалқаҳоро ба ҳамин тарз маҳкам мекунанд. Ресмонро канда, аз ҳалқаи охирин мебароранд.

**Тарзи 2-юм.** Ду ҳалқаро якҷоя мебофанд. Ҳалқаи пайдошударо аз сихи тарафи чап гузаронида, боз бо ҳалқаи дигар якҷоя мебофанд (аз тарафи ҳалқаи 1-ум). Ин корро то маҳкам кардани ҳалқаи охирин давом медиҳанд.

Барои бофтани бандҳо як ва ё якчанд ҳалқаҳоро набофта ба сихи иловагӣ мегузаронанд (вобаста ба нақши матоъ) ва ба пушт ё пеши маснуот мемонанд. Баъд аз бофтани ҳалқа ва ё якчанд ҳалқаҳои минбаъда ҳалқаҳои дар сихи иловагӣ бударо мебофанд. Аввал ҳалқаҳоеро, ки бояд дар боло бошанд, ба сихҳо гирифта, баъд ҳалқаҳои поёниро аз пушти маснуот мегузаронанд, яъне ҷойи ҳалқаҳоро иваз мекунанд.

Ҳалқаҳои печ дар печ. Бо сихи дастӣ рост аз байни ҳалқаҳои 3-юм ва 4-уми қатор ё қаторҳои поёнтар бо ресмони корӣ ҳалқаи дароз мекашанд. Ин халқаҳоро алоҳида ё якҷоя бо ҳалқаҳои дигари қатор ё ҳалқаи қатори дигар (вобаста ба нақши матоъ) мебофанд. Бо сихи дасти рост аз байни ҳалқаҳои 2-юм ва 3-юми сихи тарафи чап 4 қатор поёнтар бо риштаи корӣ ҳалқаи дароз кашида, ба нӯги сихи тарафи чап ё рост мегиранд.

Ҳалқаҳои ёзонидашуда ё набофта. Ҳалқаҳоро набофта аз сихи тарафи чап ба рост мегузаронанд. Ресмони корӣ (вобаста ба нақши матоъ) дар пеш ё қафои маснуот меистад. Имконияти ба такрор набофтани ҳамин як ҳалқа дар якчанд қатор вуҷуд дорад. Ҳамеша дар қаторҳои роста ҳамон як ҳалқаро набофта, дар қаторҳои чаппа онро бо ҳалқаи чаппа мебофанд, ки дар натиҷа хатти рост ё ҷойи катъшавии амудии матоъ пайдо мешавад.

Ҳалқаҳои набофта бо хомҳалқа. Аз пеши ҳалқаи сардодашаванда ба сих хомҳалқа андохта, ҳалқаро сар медиҳанд. Агар ҳамон як ҳалқаро дар чанд қатор сар диҳанд, дар он сурат пеш аз ҳалқаи сардодашуда ва хомҳалқаи қатори пешина хомҳалқаи нав мегиранд. Ҳангоми ҷулоҳии ҳалқаҳои набофта сихро аз даруни ҳалқаҳои набофта ва таги хомҳалқаҳо мегузаронанд.




***Расми 72.*** *Ҳалқаҳои пасупеш (тофтабанд)*

**Резинка** – пайи ҳам омадани сутунчаҳои ҳалқаҳои чаппа ва роста. Масалан: 1 роста, 1 чаппа ё 2 роста, 2 чаппа ва ғайра. Поёнтар раппорти резинкаи дурангаро меорем.



***Расми 73.** Намунаи бофтани резинка*

Раппорт аз такрори қисми нақша ва ё нусха иборат мебошад (аз калимаи фаронсавии rapport). Дар навишт раппорт одатан чун ситорача (*) ифода шудааст. Ситорача чунин маъно дорад: комбинатсияи ҳалқаҳои байни ин ишораро то андозаи дар охири қатор ғунҷиданаш якчанд маротиба бофтан лозим аст.

Агар пеш аз ситорача як ва ё якчанд ҳалқа дода шуда бошад, он гоҳ аввал ҳамин ҳалқаҳоро бофта, сипас раппортро такроран то охири қатор мебофанд. Дар охири қатор ҳалқаҳое бофта мешаванд, ки баъди ситорачаи дуюм ишора шудаанд. Агар дар раппорт гуфта шавад, ки мувофиқи нақши матоъ бояд бофт, маънояш ҳамин хоҳад буд, ки ҳалқаҳои ростаро бо роста ва чаппаро бо чаппа мебофанд.

Дар истеҳсолоти бофандагӣ ба ғайр аз касбҳои вобаста ба бофтан инчунин касбҳои муосир амал мекунанд, ки истеҳсолот бе чунин касбҳо фаъолият бурда наметавонад, ба мисоли: менеҷер, маркетинг, иқтисодчӣ ва ғайраҳо.

Мафҳуми «менеҷмент» ба забони тоҷикӣ ҳамчун илм дар бораи санъати идоракунӣ тарҷума шуда, иборат аз принсипҳо, тарзу усул ва шаклҳои идоракунӣ бо мақсади истифодаи самараноки захираҳои мавҷуда мебошад.

Дар раванди идоракунӣ менеҷер на ин ки таҷҳизот, техника ва ё ягон ашёи алоҳидаро идора мекунад, балки бо инсон сару кор дошта, қобилиятнокии менеҷер низ дар муносибат бо инсон инъикос меёбад.

Менеҷер – мутахассиси касбии махсус омодашудаест, ки дар ташкилот ҳамчун идоракунанда фаъолият намуда, назарияҳои илми менеҷментро дар амалия татбиқ мекунад.

## КОРИ АМАЛИИ №33

**Бофтани резинкаи дуранга.** Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:**сихҳо, ресмонҳои пашмӣ, намунаи раппортҳо.

**Рафти кор:**

1. Омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ барои бофтани резинкаи дуранга;
2. Қатори 1-ум – 3 чаппа, 1 роста, 1 ҳалқа (ресмон аз пушт) 1 роста, 3 чаппаро бофта намешавад;
3. Қатори 2-юм – 3 роста, 3 чаппа ва 3 роста;
4. Қатори 3-юм – 3 чаппа, 3 ҳалқа бофта намешавад; (ресмон аз пушт) 3 чаппа
5. Қатори 4-ум – 3 роста, 1 ҳалқаро бофта намешавад (ресмони корӣ аз пеш) 1 чаппа, 1 ҳалқа бофта намешавад (ресмон аз пеш), 3 роста.
6. Қатори 5-ум аз қатори 1-ум сар карда шавад.

**Эзоҳ:** Аз тарафи омӯзгор намунаи бофтани резинка шарҳ дода мешавад, ки пайиҳам омадани сутунчаҳои ҳалқаҳои чаппа ва роста, мисол: як роста, як чаппа ё ду роста, ду чаппа, ки аз рӯйи раппорт иҷро карда мешавад ва оид ба раппорт маълумот медиҳад. Инчунин баъди ҳар қатори дуюм ресмонҳоро иваз мекунанд.

***Савол ва супориш:***

*1. Камкунии ҳалқаҳоро бо кадом тарз мебофанд?*

*2. Барои чӣ ду ҳалқаи канории ҳалқаҳои ҳошия ба ҳалқаҳои асосие, ки бар пояи онҳо нақш бофта мешавад, дохил намегарданд?*

*3. Мувофиқи завқи худ дигар намунаҳоро интихоб ва таҳия кунед.*

*4. Мафҳуми менеҷментро шарҳ диҳед.*

## § 32. БОФТАНИ ТАХТАПУШТИ НИМТАНАИ БАЧАГОНА. БОФТАНИ ҚИСМИ ПЕШИ ТАРАФИ ЧАПИ НИМТАНА

Пеш аз он ки ба ҷулоҳии маснуот сар кунем, аввал муайян кардан лозим аст, ки он аз кадом нах ҳосил шудааст.

Хусусиятҳои физикию механикӣ ва технологияи онро низ донистан лозим аст. Дар вақти интихоби ресмон онҳоро бар қад дида баромадан лозим аст, ки ҷойҳои кандашуда, нобофта, гиреҳҳо мавҷуд аст ё не. Ресмонҳои пашминро аз нахи пашмин мересанд. Дар фабрикаҳои ресмонресӣ ин корро ресанда иҷро

мекунад. Онҳо хосияти нотакрори ҳифзи гармиро доранд. Дигар намуди ресмонҳо чунин хосиятро надоранд. Бинобар ин, маснуоти аз ресмонҳои пашмин бофтаро дар фасли тирамоҳ ва зимистон истифода мебаранд. Дар вақти ҷулоҳӣ ба зебоӣ, шинамӣ ва сарфаи вақту ресмон аҳаммият диҳед. Нимтанаро аз рӯйи қолаб ва баъди шуморидани миқдори ҳалқаҳо мебофанд. Бофтанро, асосан, аз қолаби тахтапушт сар мекунанд.

Ба тахтапушт 70 ҳалқа андохта, 13 см резинкаи 1х1 бофта, сипас бофтанро аз рӯйи нақша иҷро мекунем. 23 см бо тарзи нақши нақша аз ҳар ду тараф бофта, баъди 12 см як ҳалқагӣ илова карда мебофанд. Баъди 37 см аз аввали кор барои каҷии китф 2 маротиба 6 ва 2 маротиба 5-ҳалқагӣ (бо навбат) баъди як қатор маҳкам мекунанд. Аз миёнаҷойи гардани қисми ақиб бо навбат 5,4 ҳалқаро маҳкам мекунанд.

Барои қисми пеши тарафи чапро бо ресмони пашмин бофтан 36 ҳалқа гирифта, баландии резинкаро 3 см бар 1х1 мебофанд. Сипас 11 см аз рӯйи нақши дахлдор мебофанд. Аз тарафи паҳлӯ 24 ҳалқаро ба сӯзанак гирифта, аз он миён 12 ҳалқаи боқимондаро барои ороиши пеш гирифта, бофтанро давом медиҳанд. Аз рӯйи нақшаи намунавӣ то баландии 12 см бофта, баъд ин ҳалқаро ба сӯзанак маҳкам карда, бар асоси 24 ҳалқа тибқи нақши резинкаи шведӣ баландии 12 см бо ресмони кабуд мебофанд.

Қатори 1-ум – 2 роста, 2 чаппа, қатори 2-юм – 1 роста, 2 чаппа, 2 роста, 2 чаппа, 1 роста дошта, қатори 3-юм монанди қатори 1-ум бофта мешавад. Баъд ҳамаи ҳалқаҳоро ба сихи корӣ андохта, ба нақши бофт мувофиқ карда мебофем. Барои бурриши гардан ҳалқаро бо чунин пайдарҳамӣ маҳкам мекунем: 5;3;2;2;1. Барои каҷии китф ҳалқаро 2 маротиба 6-ҳалқагӣ ва 2 маротиба 5-ҳалқагӣ маҳкам мекунем. Қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо сихҳоро риоя кунед.




***Расми 74.*** *Нақши нимтана ва намудҳои нимтанаи бачагона*

Дар замони муосир касби маркетолог хеле шуҳрат ёфтааст, чунки касби мазкур воридот ва содироти маҳсулоти тайёршудаи ватаниро барои давлатҳои хориҷӣ таблиғ намуда, муаррифӣ менамояд, ки чунин муносибат барои пешрафти истеҳсолот ва истеҳсоли маснуоти ватанӣ саҳми арзанда мегузорад. Ҳадафи он сохтани системаи фурӯшест, ки ба ширкат фоидаи бештар меорад. Маркетолог ниёзҳои мизоҷони эҳтимолиро барои пешниҳоди маҳсулот ё хидмате, ки ба ниёзҳо ҷавобгӯ аст, муайян мекунад.

Маркетолог мекӯшад, ки бо мизоҷон робитаи дарозмуддат созад, то он ба бренд содиқ шавад ва пас аз он хариду фурӯшро такрор кунад.

Маркетолог кадом вазифаҳоро ҳал мекунад? Бозори фурӯшро таҳлил мекунад. Вай қобилияти харидории мизоҷон, одатҳо ва афзалиятҳои онҳоро меомӯзад, то бо онҳо робитаи маркетинги дуруст барқарор кунад.

Номгӯйи молҳо ва нархҳоро муайян менамояд.

Системаи фурӯшро ҷорӣ мекунад. Ҳадафи маркетинг на фурӯши якдафъаина, балки талаби доимӣ ба маҳсулоти ширкат мебошад.

Вазифаҳоро барои дизайнер, копирайтер, мерчендайзер, менеҷери бренд, менеҷери фурӯш таъйин мекунад ва кори онҳоро дар истеҳсолот назорат мекунад.

Намоишгоҳҳо, семинарҳо ва презентатсияҳои молҳо ва хидматҳои ширкатро мегузаронад.

Ҳисобот оид ба иҷроиши натиҷаҳои шуъбаи маркетингро пешниҳод мекунад.

## КОРИ АМАЛИИ №34

### Бофтани тахтапушти нимтанаи бачагона. Бофтани қисми пеши тарафи чапи нимтана

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

Таҷҳизот: сих, ресмони пашмин, қуттии корӣ, раппорти намунаи бофт.

**Рафти кор:**

1. Омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ;
2. Барои тахтапушт шумораҳои ҳалқаҳоро аниқ карда, ба тарзи резинка 1х1 бофта шавад;

3. Сипас, бофтанро аз рӯйи нақшаи тартибдодашуда бофта шавад; 4.Баъд аз 12 см 1 ҳалқагӣ илова карда шавад;

5. Баъди 37 см аз аввали кор барои каҷигии китф 2 маротиба 6 ва 2 маротиба 5-ҳалқагӣ баъди як қатор маҳкам карда шавад;

6. Аз миёнаҷойи гардани қисми ақиб бо навбат 5,4 ҳалқа маҳкам карда шавад;

7. Барои қисми пеши тарафи чапро бо ресмони пашмин бофтан 36 ҳалқа гирифта, баландии резинкаро 3 см бар 1x1 бофта шавад;

8. Сипас 11 см аз рӯйи нақши дахлдор бофта шавад;

9. Аз тарафи паҳлу 24 ҳалқаро ба сӯзанак гирифта, аз он миён 12 ҳалқаи боқимондаро барои ороиши пеш гирифта, бофтан давом дода шавад.

10. Аз рӯйи нақшаи намунавӣ то баландии 12 см бофта, баъд ин ҳалқаро ба сӯзанак маҳкам карда, бар асоси 24 ҳалқа тибқи нақши резинаи шведӣ баландии 12 см бо ресмони интихобӣ бофта шавад;

11. Қатори 1-ум-2 роста, 2 чаппа, қатори 2-юм-1 роста, 2 чаппа, 2 роста, 2 чаппа, 1 роста дошта, қатори 3-юм монанди қатори 1-ум бофта шавад;

12. Баъд ҳамаи ҳалқаҳоро ба сихи корӣ андохта, ба нақши бофт мувофиқ карда бофта шавад;

13. Барои буриши гардан ҳалқа бо пайдарҳамии 5;3;2;2;1 маҳкам карда шавад;

14. Барои каҷии китф ҳалқаро 2 маротиба 6-ҳалқагӣ ва 2 маротиба 5-ҳалқагӣ маҳкам карда шавад;

**Савол ва супориш:**

*1. Резинкаи англисӣ 1x1 аз резинкаи шведӣ бо чӣ фарқ мекунад?*

*2. Тарзи маҳкам кардани буриши гарданаро фаҳмонед.*

*3. Оид ба касби маркетолог маълумот диҳед.*

*4. Маркетолог кадом вазифаҳоро иҷро мекунад?*

## § 33. БОФТАНИ ҚИСМИ ПЕШИ ТАРАФИ РОСТИ НИМТАНА. БОФТИ ПУРРАИ НИМТАНАИ БАЧАГОНА

Қисми пеши тарафи ростро низ бо ҳамин тарз мебофанд, вале дар зеҳ ва зергиребон ангулаҳо месозанд. Агар нимтана барои писарон бошад, аввал қисми пеши ростро мебофтанд, лекин ангулаҳои тугма дар тарафи чап ҷойгир мешаванд ва тугмаро ба тарафи рост медӯзанд. Агар ба он занҷирак (молния) часпонед, ҳеҷ фарқе дар

бофти тарафи росту қисми пеши маснуот боқӣ нахоҳад монд. Агар ангуларо ҷойгир карданӣ шавед, он гоҳ бо ду тарз мебофед.

Ангулаҳо амудӣ ва уфуқӣ мешаванд. Барои бофтани ангулаи уфуқӣ дар як қатор мувофиқи қутри тугма чанд ҳалқаро дарун ба дарун бе ресмони корӣ маҳкам мекунанд. Баъд, ба миқдори ҳалқаҳои маҳкамшуда тавассути иловаҳои ноаён бо ресмони корӣ ҳалқаҳо мегиранд ва монанди пештара мебофанд.

**Ангулаи амудӣ.** Ҳалқаҳои тарафи дарун ва беруни ангулаи тугмаро алоҳида-алоҳида, вале аз як калоба мебофанд. Як тарафи ангуларо мувофиқи ҳаҷми тугма (ба баландӣ) бофта, бо нӯги сихи рост ресмони кориро айнан ба миқдори «кокул» ва гиреҳчаҳои канори бофташуда печутоб медиҳанд. Ҳангоми ҷулоҳии тарафи дигари ангула ҳалқаи охирини онро бо ресмонпечи якум, ки дар сихи тарафи рост мавҷуд аст, якҷоя мебофанд. Ҳамин тариқ то тамом шудани ресмонпечҳо бофтанро идома дода, баъд ба тарзи ҷулоҳии муқаррарӣ мепардозанд. Ангулаи якумро дар масофаи 3 см аз поён (дар резинка) ва охиринашро дар сари сина, яъне пеш аз камкунии миқдори ҳалқаҳои гардана ҷой медиҳанд. 4 ангуларо тақрибан пас аз фосилаи 7 см месозанд. Ба рӯйи зеҳи ороишии пеш занҷирак (молния)-ро медӯзанд. Ҳангоми кор бо сихҳои ҷулоҳӣ қоидаҳои техникаи бехатариро риоя кунед.



а) Ангулаи уфуқӣ б) Ангулаи амудӣ

***Расми 75.*** *Намудҳои ангула*

Пеш аз он ки нимтанаро пурра ба итмом расонанд, ҷузъҳоро бо латтаи тар дарзмол карда, дарзҳои китф ва паҳлуро медӯзанд. Бо сихҳо ҳалқаҳои кушодаи гарданаи тахтапушт ва бари пешро гирифта, ба ҳамон миқдор ҳалқаҳои навро илова карда, аз «кокулак»-ҳои паҳлуии сутунчаи канорӣ ба тарзи резинкаи 1х1 аз 5 то 7 см гиребони рост мебофанд. Ба зеҳи ороишии пеш занҷирак (молния) медӯзанд.

Агар ба қисми пеши маснуот ангула бофта шуда бошад, тугмаҳои интихобкардаро мешинонанд ё онҳоро мебофанд.

Тугмаҳоро дар тарафи чапи қисми пеш мешинонанд. Дар канорҳои маснуот бо ресмони норинҷӣ 1 қатор секунҷаҳои бехомҳалқаро то охир ва ҳамин тавр ба шакли чаппа қатори дигарро мебофанд. Дар вақти бофтан қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо сихсӯзан, қайчӣ ва дарзмолро риоя кунед.

Чӣ хеле ки аз дарси гузашта огоҳӣ пайдо кардед, яке аз касбҳои замонавӣ касби маркетолог ба ҳисоб меравад, ки бо баробари серталабии касби мазкур инчунин ҷиҳатҳои мусбӣ ва манфиро дорост.

Ҷиҳатҳои мусбии касби маркетолог: касби серталаб, имкониятҳои фаровони соҳиби мансаб шудан, музди меҳнат аксар вақт аз қобилияти корӣ ва эҷодкории худи мутахассис вобаста аст, соати кории муайян.

Ҷиҳатҳои манфии касби маркетолог: то ба имрӯз касби маркетолог ҳамчун мутахассиси муҳимтарин дар ширкат пазируфта намешавад, аз ин рӯ, роҳбарони ширкатҳо ва истеҳсолот аз ҷудо кардани буҷа барои фаъолияти маркетингӣ худдорӣ мекунанд, дар касби маркетологӣ нисбат ба муваффақият дар раванди фаъолият ба хатоӣ роҳ медиҳанд.

Сифатҳои муҳимми касби маркетолог: қобилияти ташкилотчигӣ, тафаккури таҳлилӣ, қобилияти банақшагирӣ ва амалӣ намудани он эҷодкорӣ, зеҳни тез ва мустаҳкам, малакаи хуби муошират, қобилияти суханронӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ.

## КОРИ АМАЛИИ №35

### Бофтани қисми пеши тарафи рост ва бофти пурраи нимтанаи бачагона

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Рафти кор:**

1. Омода намудани асбоб, таҷҳизот ва маводди зарурӣ;

2. Қисми пеши тарафи рости нимтана низ ҳамчун қисми пеши тарафи чапи нимтана бофта шавад;

3. Дар зеҳ ё зергиребон ҷой ва шумора барои ангула муайян карда шавад;

4. Қисмҳои омодашударо ба якдигар аввал бо сӯзанак маҳкам карда, бо докаи тар аз рӯйи он дарзмол карда шавад;

5. Баъди хушк шудани маснуот қисмҳои нимтана ба ҳам пайваст карда шавад;

6. Бо сихҳо ҳалқаҳои кушодаи гарданаи тахтапушт ва бари пешро гирифта, ба ҳамон миқдор ҳалқаҳои нав илова карда, аз кокулҳои паҳлуи сутунчаи канорӣ ба тарзи резинии 1x1 аз 5 то 7 см интихобан гиребон бофта шавад;

7. Агар қисми пеши маснуот ангула бофта шуда бошад, тугмаҳои он интихоб карда шинонида шавад;

Эзоҳ: агар ангула бофта нашавад, ба зеҳи ороишии пеши маснуот занҷирак (молния) дӯхта шавад.

**Инро дар хотир доред!**
*Либосҳои бофташударо баъд аз шустан намеовезанд. Оби онҳоро бо чодар ё сачоқҳои патдор мефишуранд. Баъд аз пурра хушк шудани либос онро ба рӯйи миз тунук карда, бо докаи тар дарзмол мекунанд. Маснуоти пашминро дар офтоб ё дар ҷойи наздик ба оташу асбобҳои гармкунанда хушконидан нораво ст.*

**Савол ва супориш:**
*1. Чанд намуди ангуларо медонед?*
*2. Тарафҳои чапу рости пеш аз ҷиҳати бофт чӣ фарқ доранд?*
*3. Амалиёти гармию намӣ дар вақти ҷулоҳӣ чӣ аҳаммият дорад?*
*4. Қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо дарзмолро такрор кунед.*
*5. Шумо метавонед дар соатҳои вобаста ба касбу ҳунари миллӣ маснуотро мувофиқи завқи худ интихоб карда, баъд онро бофед. Дар ин маврид шумо ҳатман бояд қоидаҳои бофтану техникаи бехатариро риоя кунед.*

## § 34. НИГОҲУБИН ВА ТАЪМИРИ ЛИБОС

Нигоҳубини маснуот ҳолат ва муҳлати истифодаи онро зиёд мекунад. Барои либосро ҳифзу нигоҳ доштан онро дар вақташ шустан ва таъмиру эҳтиёт кардан лозим аст.

Пеш аз шустани маснуот ҷойҳои таъмирталаби онро таъмир бояд кард. Масалан, кисаҳои дарида, гиребон ва остини маснуот, қисмҳои поёнии шим, ҷойи зонуро дарбеҳ кардан лозим аст. Дар вақти иваз кардани масолеҳ фурнитура, тугма ва ангулаҳои ба маснуот мувофиқро бояд гузошт. Ҳангоми дӯхтан ранги ресмон ва матоъҳои интихобшуда бояд мувофиқ бошанд.

Ҳамаи ин қоидаҳоро риоя карда, баъд маснуотро мешӯем, сафед мекунем, оҳар медиҳем ё ба хушкашӯй месупорем. Поккории химиявӣ маснуотро зебо, тоза ва оҳарӣ мекунад, лекин на ҳама маснуотро бо роҳи химиявӣ тоза кардан мумкин аст, чунки баъзе матоъ, тугма ва ангулаҳо аз таъсири моводди химиявӣ вайрон мешаванд. Барои шустани либосҳои маводдашон пахтагин, абрешимин, пашмин ва катонӣ хокаҳои ҷомашӯйии «Дарё», «Ромис», «Барф», «Тайд», «Ариел», «Сарти», «Эффект», «Миф», «Персил», «Досиа», «Пемос», «Аист» ва ғайраро истифода мебаранд. Ин хокаҳои ҷомашӯйӣ барои мошинаҳои ҷомашӯйи навъи активаторӣ ва дастӣ шустани ҳама намудҳои матоъ пешбинӣ шудаанд. «Ласка, магия, балзам»-ро асосан барои шустани матоъҳои пашмини нозук, пашмини якранг, сиёҳ ва гуногунранг истифода мебаранд. Маснуоти пашминро баъди шустан ба таври уфуқӣ гузошта хушк мекунанд. Маснуоти пашмини нозук дар натиҷаи шустани пайдарҳам намуди берунии худро гум мекунад. Бинобар ин, онҳоро бисёр шустан мумкин нест.

Курта, костюм, шим, палто ва дигар либосҳои рӯйиро на фақат мешӯянд, балки бо роҳи химиявӣ низ тоза мекунанд. Хубии хушкашӯй (химчистка) дар он аст, ки либос тозаю оҳарӣ, нав ва ҷилодор мешаваду онро куя намехӯрад. Дар баъзе мавридҳо либосҳоро ба хушкашӯй надода, дар шароити хона тоза кардан мумкин аст. Барои ин кор маҳлулҳои махсуси бешуморе мавҷуданд, ки доғҳоро меравонанд. Дар вақти тоза ва нест кардани доғҳо аввал донистан лозим аст, ки ин доғ аз чӣ ва кай пайдо шудааст ва онро бо кадом мавод тезу бо сифат равондан мумкин аст. Доғҳои навро нисбат ба доғи кӯҳна тезтар равондан мумкин аст. Лекин барои равондани онҳо аввал пораҳои майдаро истифода баред, чунки баъзе матоъҳо ба таъсири маҳлулҳо тоб намеоранд ва шакли нахашон вайрон мешавад.

Барои равондани доғҳои равғании нав пайдошуда ба рӯйи доғ хокаи бӯрро пошида, 2-4 соат нигоҳ медоранд. Баъди доғҳои равғанро ба худ кашида гирифтани хокаи бӯр онро афшонда мегиранд. Агар доғи равған монад, боз як бор аз нав ин корро такрор мекунанд. Доғҳои аз ранги ручка, туш, ранги гуаш пайдошударо бо пахтаи ба маҳлули глитсирин ва спирти этил таркарда меравонанд. Якчанд маротиба пахтаи тозаро ба маҳлул тар карда, доғро тоза мекунанд ва баъд маснуотро бо оби тоза мешӯянд. Маснуоти шоҳии атсетатиро ба ҷавҳари сирко ё атсетон тоза кардан мумкин нест, чунки он дар

моддаҳои номбурда ҳал мешавад. Барои равондани ин қабил доғҳо воситаҳои гуногун «Эйс», «Ваниш», «Белизна», «Ирен» ва ғайра мавҷуданд. Ин моеъ ва хамираҳо барои аз маснуоти нахашон сунъӣ ва табиӣ равондани доғи равған, қатраи атр, крем, шир, қаймоқ, қайла, доғҳои меваҷот, сабзавот ва ғайра пешбинӣ шудаанд. «Эйс»-ро барои равондани доғи матоъҳои абрешимӣ, пашмин ва доғи табиӣ истифода намебаранд. Азбаски ҳалкунандаҳои равған-бензин, скипидар, бензол, эфир, спирт, атсетон зуд оташ мегиранд, онҳоро бо эҳтиёт истифода бурдан лозим аст. Аксари ҳалкунандаҳо заҳрноканд ва онҳоро нафас кашида дарди сар, баъзан беҳуш ҳам шудан мумкин аст.

Моддаҳои заҳрноку зудафрӯзро дар зарфи шишагини бо пӯка маҳкам кардашуда ва навиштаҷотдор, дар ҷойи ба бачаҳо дастнорас нигоҳ бояд дошт. Баъди равондани доғҳо бештари маснуотро сафед мекунанд. Моддаҳои сафедкунанда мағору доғҳои матоъро меравонанд. Азбаски аз таъсири онҳо матоъ зуд хӯрда мешавад, маснуотро фақат баъди 2-3 бор шустан як бор (тавсияҳои вобаста ба моддаҳои дар қоғазтамға зикрёфтаро риоя намуда) дар ҳарорати 50°-60°С сафед мекунанд. Либосу матоъҳое, ки доғашон ноустувор аст, баъди бо моддаҳои сафедкунанда шустан дарҳол сафед мешаванд. Якбора хокаи зиёдро истифода бурдан мумкин нест, зеро реаксияи аллергӣ ба амал меояд. Хокаро ба об бо эҳтиёт андозед, то ки чанги он ба роҳи нафас наафтад. Пеш аз корро сар кардан дастпӯшаки тунуки резинӣ пӯшед ё пеш ва баъд аз сафедкунӣ ба даст креми муҳофизаткунанда молед. Агар маснуоти пахтагин (ба дараҷаи зарурӣ) сафед нашавад, он гоҳ онро дар маҳлули тайёркарда меҷӯшонанд.

Тоза (сафед) кардани маснуот чунин амалҳоро дар бар мегирад:

1. Ҷудокунии маснуот ба намуд ва рангҳо. 2. Таркунӣ. 3.Ҷӯшонидан. 4. Шустан. 5. Соф кардан. 6. Фишурдан. 7.Хушккунӣ. 8. Дарзмолкунӣ.

Дар арафаи сафедкунӣ-тозакунӣ ва ҷӯшонидан чунин қоидаҳоро риоя кардан лозим аст:

1. Ҳангоми тозакунӣ, сафедкунӣ ва ҷӯшонидан ҳавои ҷойи поксозӣ, хона ё утоқро тоза кардан лозим аст, чунки аз маҳлулҳои химиявӣ моддаҳои заҳрнок бухор мешаванд.

2. Дар вақти истифодаи маҳлул ва хокаҳои тозакунӣ ба навиштаҷоти коғазтамға қатъӣ риоя кардан лозим аст, чунки агар хокаи маҳлул аз меъёр зиёд истифода шавад, боиси вайроншавии таркиби матоъ мегардад, яъне мустаҳкамии матоъ коҳиш меёбад.

3. Маҳлулро дар сатили матоъдор тайёр кардан манъ аст, чунки хока ба қабати матоъ дохил шуда, онро месӯзонад ва сӯрохиҳо ба вуҷуд меорад.

4. Маҳлулҳоро дар сатилҳои зангзада тайёр кардан манъ аст, чунки ранги маснуоти сафед зардчатоб мешавад. Маҳлулро дар сатил ё тағорачаҳои сирдор тайёр кардан лозим аст.

5. Дар вақти тозакунӣ ва ҷӯшонидани маснуот ҳамаи қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва техникаи бехатарии корро риоя кардан лозим аст.

6. Пеш аз тозакунии химиявӣ-сафедкунии маснуот ё матоъ аввал пораи матоъро дар маҳлул тар карда, санҷидан лозим аст.

7. Пеш аз тозакунӣ ё ҷӯшонидан масолеҳ (фурнитура)-и пластмассӣ ё филизиро гиред.

8. Дар вақти тозакунӣ аз маҳлулу хокаҳои ҷомашӯйӣ эҳтиёт шавед, то ки онҳо ба даҳон ё чашматон надароянд.

9. Моддаҳои хокаю моеи ҷомашӯйию сафедкуниро дар ҷойҳои офтобрас ё намнокиаш баланд намегузоранд.

10. Моддаҳои хока ва моеи ҷомашӯйиро дар наздикии оташ ва қубурҳои гармигузаре, ки ҳарораташон аз 40° С баланд аст ва дар ҷое, ки намнокиаш аз 95°С зиёд бошад, намегузоранд.

Ҳамаи воситаҳои ҳозира сафедкунандаҳои ҷилодеҳ доранд, ки онҳо ба наххо часпида матоъро боз ҳам сафедтар нишон медиҳанд.

Азбаски баъзеашон моддаҳои махсус доранд, вақти ҷомашӯйӣ пӯсти даст хӯрда намешавад.

Оҳардиҳӣ ҷиҳози бистарро аз зуд чиркину ғиҷим шудан нигоҳ медорад ва хушнамуд мекунад. Либоси тагро оҳар додан нашояд, зеро баъди оҳардиҳӣ он ҳаворо бад мегузаронад. Бо ин мақсад оҳари табиӣ (оҳари картошка, биринҷ, ҷуворимакка) ё моддаи махсуси химиявиро истифода мебаранд.

**Оҳардиҳии нимсахт**. Бо ин роҳ дастархон, сачоқ, ҷилди болишт, кӯрпа, куртаи мардона ва дигар матоъҳоро (1 қошуқ оҳар ба 1 л об) хушнамуд мекунанд.

Дар ин кор истифодаи оҳари картошка ё ҷуворимакка беҳтар аст. Шireши оҳарро (баъди ҳалкунии оҳар дар оби хунуки андак) кам-кам ба оби ҷӯшидаистода рехта, чунон мекобанд, ки ғурӯшаҳо пайдо нашаванд. Агар шireши оҳар шаффофу часпак ва начандон часпак бошад, онро 3 дақиқа (шireши оҳари ҷуворимаккаро 5-6 дақиқа) меҷӯшонанд. Шireши тайёрро ба оби хунуки синкадор мерезанд, сипас ба он матоъро андохта, нағзакак мекобанд, то ки

матоъ оҳарро ҷаббида гирад. Баъд матоъро гирифта меафшуранд, меафшонанд ва хуб паҳн карда мехушконанд.

Маснуоти тӯриро ба чорчӯбаҳои махсус кашида хушк кардан лозим аст. Маснуоти хушкшударо намнок карда, якчанд дақиқа мегузоранд, сипас, бо дарзмоли начандон тафсон дарзмол мекунанд. Гиребон, нӯги остин, пеши куртаҳои мардона ва ғайраро ба ин тарз оҳар медиҳанд. Дар ин маврид, одатан, оҳари хом (шираи оҳар)-ро истифода мебаранд.

Матои пахтагини тираро бо оҳари картошка оҳар додан мумкин нест, зеро баъди дарзмол доғ ё рахҳои сафед пайдо мешаванд. Матои оҳардодаю дарзмолшударо зуд ба ҷевон гузоштан мумкин нест, зеро ба он бӯйи оҳар мешинад.

## КОРИ АМАЛИИ №36

**Нест кардани доғҳо (интихобӣ)**. Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** сатил, моддаҳои истифодашаванда, хокаи ҷомашӯйии дастӣ ва моеи сафедкунандаи «Белизна», сачоқча.

**Рафти кор**:

Дар вақти иҷрои кори амалӣ қоидаҳои техникаи бехатарии кор бо маҳлулу хокаҳои тозакуниро риоя кардан лозим аст. Сачоқчаҳои синфхона ё маснуоти интихобиро гирифта, доғҳои онро равонда, баъд бо маҳлулҳои сафедкунанда тоза мекунем.

Агар доғи сачоқча равғани хушкшуда бошад, ба он каме равғани зард молида, баъд бо бензин тоза мекунанд. Пеш аз ин амалиёт атрофи доғро нам карда, ба таги он пахта ё коғази обчинак мондан даркор аст. Ба канорҳои доғ оҳар пошида, баъд онро тоза кардан лозим аст.

***Савол ва супориш:***
*1.Пеш аз шустани маснуот ба чӣ аҳаммият додан лозим аст?*
*2.Кадом маҳлули доғравонӣ ва сафедкуниро медонед?*
*3.Оид ба раванди фаъолияти корхонаи тозакунии кимиёвӣ маълумот диҳед.*

# БОБИ 7. ГИГИЕНАИ ДУХТАРОН

## § 35. НИГОҲУБИНИ ПӮСТИ РӮЙ. ПЕШГИРӢ КАРДАНИ ДОҒИ КУНҶИТАК

**Пӯст** – пардаи тунукест, ки тамоми баданро рӯйпӯш мекунад. Вазифаи пӯст организми инсонро аз таъсири гуногуни муҳити беруна (гармӣ, хунукӣ, моддаҳои химиявӣ, касалиҳои сирояткунанда) муҳофизат кардан аст. Ба ғайр аз ин, дар пӯст торҳои бофтаҳои асаб мавҷуданд, ки ба воситаи онҳо мо гармӣ, хунукӣ, дард ва барҷастагию дағарбуғурии ҷисмро эҳсос мекунем. Илова бар ин, дар пӯст ғадудҳои арақбарор мавҷуданд, ки тавассути онҳо дажғолҳои гуногун ва намаки изофа ба сурати арақ аз организм ҷудо мешаванд. Бисёр ҷудо шудани арақ боиси пайдоиши нуқсонҳо дар пӯсти рӯй ва бадан мегардад.

Пӯст мустаҳкаму чандир буда, вобаста ба синну сол, ҳолати организм ва таъсири муҳити беруна тағйир меёбад. Бинобар ин, барои беҳтар шудани пӯст онро доим нигоҳубин кардан лозим аст. Нигоҳубини пӯст (тозакунӣ, таҷзия ва муҳофизати он) кори фардист. Барои нигоҳубини дурусти пӯсти рӯй донистани навъи пӯст аҳаммияти калон дорад. Вобаста ба ихроҷи равған пӯст муътадил, хушк ва равғанин мешавад.

**Пӯсти муътадил** нисбат ба пӯсти хушк ва равғанин нигоҳубини камтар мехоҳад. Шустушӯйи пагоҳӣ на фақат пӯст, балки тамоми организмро бардам гардонда, қобилияти кориро зиёд менамояд. Оби хунук пӯстро ботаровату солим мегардонад. Оби гарм пӯстро нағз тоза карда, равғанашро барорад ҳам, вале рагҳоро васеъ, пӯстро пажмурда мекунад. Бинобар ин, бо оби ҳарораташ хонагӣ бояд шустушӯ кард.

**Пӯсти равғанин** ғадудҳои равғани инкишофёфта дорад. Равғани зиёдатӣ сӯрохиҳои маҷрои ғадудҳои равғанро васеъ ва дар айни замон маҳкам менамояд, ки дар натиҷа дар рӯйи пӯст доначаҳои сиёҳ медаманд. Пӯсти равғанин нисбатан ғафс ва дағал аст. Одатан чунин пӯст ба таъсири муҳити беруна нисбатан тобовар мебошад. Ин хел пӯстро ҳар рӯз бо оби гарму собун шустан айни муддаост. Пӯсти аз ҳад зиёд равғанинро рӯзе 2 маротиба шустан лозим аст. Касони пӯсташон равғанин бояд ба кабинети косметикӣ зуд-зуд раванд.

Пӯсти хушк нисбатан нафис, суфта ва нозук аст. Пӯсти хушк аз таъсири офтоб, шамол, сармо, об, собун ба осонӣ ангезиш меёбад. Дар ҷавонӣ ба пӯсти хушк кремҳои обакӣ молида лозим аст. То 25-солагӣ истифодаи кремҳои серғизои равғанин

мувофиқи мақсад нест. Агар пӯст аз таъсири собун сурху хушк ва таранг шуда резад, бояд истифодаи онҳо қатъ карда шавад.

Агар пӯст аз об низ ангезиш ёбад, обро бояд нарм кард (ба 1 л об 0,5 истакон шир ё як қошуқча содаи нӯшокӣ омехта мекунанд). Яке аз воситаҳои нигоҳубини пӯст кремҳо мебошанд. Крем омехтаи равғанҳои ҳайвоноту наботот, моддаҳои равғанмонанд, мум, эмулгаторҳо (моддаҳои эмулсияовар) ва об аст. Пӯст равғану моддаҳои равғанмонандро ҷаббида, нарму чандир мешавад. Крем пӯстро аз таъсири номусоиди беруна ва пайдоиши чинҳо ҳифз менамояд. Кремҳоро бо роҳи илова кардани витаминҳо, қиёми гиёҳу мева ва сабзавот хушсифат менамоянд.

Креми рӯйро бояд ҳар рӯз молид. Ҳар гуна крем ба пӯст дар тули як моҳ мутобиқ мегардад. Аз ин рӯ, сари чанд вақт креми дигарро истифода бурдан лозим меояд. Бо мақсади ба пӯст осебе нарасондан кремро бо ангушт оҳиста-оҳиста ва мувофиқи самти хобравии чинҳо мемоланд ва ҳамин тавр пок мекунанд. Ба рӯй крем молида ба кӯча баромадан мувофиқи мақсад нест, зеро тобистон аз равғани крем нафасгирии пӯст душвор мегардад ва зимистон оби крем бухор шуда, пӯст хунук мехӯрад.

Доғҳои рангидонагии рӯй модарзодӣ ва ғайримодарзодӣ мешаванд. Доғҳои рангидонагии модарзодӣ дар натиҷаи тағйироти гуногуни организм ё таъсири омилҳои беруна пайдо мешаванд. Ҳангоми кор бо фенол, нафас гирифтан аз буғи баъзе карбогидридҳо ё истеъмоли доруҳои арсенийдор пӯст доғҳои хокистарранги баланд пайдо мекунад.

Барои рафъи ин доғҳо худи кас дар хона метавонад воситаҳо тайёр кунад. Бо ин мақсад як қошуқ оби лимӯ ва як қошуқ сиркои хӯрокиро омехта, баъд 2 қошуқча оби ҷӯш меандозанд. Бо ин маҳлул ҳар рӯз рӯйро тоза кардан лозим аст.

Кунҷитак яке аз намудҳои доғи рангидонагӣ мебошад. Кунҷитак дар пӯсти одамоне, ки ба нурҳои ултрабунафш бисёр ҳассосанд, айёми баҳор аз таъсири офтоб ба вуҷуд меояд. Кунҷитак аз холҳо (доғҳо)-и хурди гирда ё байзашакли рангашон зарди баланд ё қаҳваранги тира иборат мебошад.Онҳо мутаносибан дар рӯй, пушти даст, китф, баъзан дар тахтапушту сандуқи сина пайдо мешаванд. Доғҳои кунҷитак баъзан баҳорон чунон бисёр мешаванд, ки бо ҳам як шуда, ба доғҳои калон-калони тира табдил меёбанд.

Барои нест кардани доғи кунҷитак ягон доруи муайян нест. Вале пешгирии он аҳаммияти калон дорад. Баробари пайдо шудани

нурҳои аввалини офтоб (охири феврал) то миёнаҳои тирамоҳ пеш аз кӯча баромадан ба рӯй кремҳои махсусу ҳифозатии «Огуречный», «Чистая линия», «Женшеновая», «Тачкоп Arista» бо иксири ҷавонӣ, «010», «Новинка», «Черный жемчуг» (барои пӯсти хушк), ҷавҳари «Мать и мачеха» (барои пӯсти хушк ва муътадил) молед. Лекин доғи кунҷитакро дар кабинетҳои косметикии пизишкӣ равондан беҳтар аст.

Дар хона бо мақсади намоён намудани доғи кунҷитак ба пӯст молидани ҷурғот, кефири 2 то 3-рӯза ё маҳлули пероксиди гидрогени 3-фоиза муфид аст. Агар духтарони синнашон то 25-сола ба муҳофизати пӯсти рӯй эҳтиёҷ надошта бошанд, беҳтараш аз косметика, ниқоб ва кремҳо истифода набаранд, чунки раванди пирӣ аз 25-солагӣ сар мешавад. Пӯсти рӯйи ҷавонон бояд озод нафас кашад. Барои пешгирии раванди пирӣ ба рӯй ниқобҳоро молидан лозим аст.Агар ин ниқобҳо дар шароити хона аз меваҷот, сабавот, гиёҳҳои гуногун, шир, ҷурғот, қаймоқ ва бо омехтаи кремҳои гуногун тайёр карда шаванд, беҳтар аст. Ниқоб як усули муолиҷа ва нигоҳубини пӯсти рӯй мебошад. Вобаста ба моддаҳои истифодашаванда ниқоб шифоӣ (бо дору) ва косметикӣ (барои таҷзия, тоза ва сафед намудани пӯст) мешавад.

Пеш аз ниқоб мӯйҳоро зери сарбанд ғун карда, рӯйро бояд тоза шӯед (бо лосён ё равғани ботот низ тоза кардан мумкин аст), баъд ниқобҳоро бо ғафсии 1,5-2 см молида, аз 20 то 30 дақиқа ором нишинед ё чашмҳоро пӯшида дароз кашед.Асосан ниқобро бо сачоқча ё пахтаи тар тоза мекунанд. Ҳафтае 2-3 маротиба ниқобро озмудан мумкин аст. Барои бартараф кардани доғҳои кунҷитак аз охири зимистон (моҳи феврал) кремҳои зидди офтоб ва ниқобҳои сафедкунандаро истифода баред. Ба пӯсти равғанин ниқобҳои зерин муфиданд:

Ниқоби сафедкунӣ. Ба сафедии як тухм чанд чакра оби лимӯ чаконда, ба рӯй мемоланд ва баъди хушкиданаш рӯйро бо об мешӯянд.

Ниқоби календула. Як қабат пахтаро дар маҳлули қиёми календула (1 қошуқ ба ним истакон об) тар карда, 20 дақиқа ба рӯй мегузоранд. Агар пӯст озор наёфта бошад, дар он сурат ниқоби рӯйро ношуста, ниқобро бо пахта тоза кардан мумкин аст (сипас, ба рӯй упо мезананд).

Ба пӯсти хушк ниқобҳои зерин муфиданд:

**Ниқоби тухмин.** Ба 1 қошуқча асал ва 1 қошуқча қаймоқ ё равғани рустанӣ, зардии тухмро омехта ба рӯй мемоланд. Баъди 15-20 дақиқа рӯйро бо оби гарм мешӯянд.

**Ниқоби творогӣ.** 2 қошуқ творогӣ навро бо 1 истакон шир ва 1 қошуқ асал омехта, ба рӯй молидан лозим аст. Баъди 20-30 дақиқа рӯйро бо пахтаи тар (дар оби гарм) тоза бояд кард.

**Ниқобҳои меваю сабзавотӣ** дорои витаминҳои барои пӯст зарур буда, барои таҷзия ва тоза намудани пӯст истифода мешаванд. Барои нигоҳубини пӯсти рӯй ва нигоҳ доштани зебоии он тарзи дурусти таомхӯрӣ таъсир мерасонад. Дар мавсими тобистон организми одам аз витаминҳо хеле сер мешавад (аз тановули меваҷоту сабзавот). Лекин дар дигар мавсимҳои сол хӯрок ва таомеро тановул кардан лозим аст, ки дар таркиби он витаминҳо ҷой дошта бошанд.

Тановули меваҳои тар ва хушк низ меъёри муайянро дорад, ба баъзе организми инсон ва пӯсти рӯй тановули бисёри онҳо таъсири манфӣ мерасонад, ба мисоли: лимӯ, афлесун, чормағз, писта, офтобпараст ва ғайраҳо. Дар ҳолати пайдо шудани нуқсон дар пӯсти рӯй барои бартараф кардани он бояд ба косметолог муроҷиат кард. Вазифаи асосии касби косметолог ин нуқсонҳои эстетикии пӯсти рӯйи инсонро бе зарарресонӣ ба организм ва пӯст бартараф кардан аст.

Сифатҳои муҳимми касбӣ ва шахсии касби косметолог: донистани меъёр ва вақти нигоҳдории ниқоб, таркиби маҳлулҳо, хокаҳо ва маводди махсуси истифодашаванда, тарзи дурусти нигоҳубини пӯсти рӯй, доштани маълумоти донишҳои тиббӣ, зарар ва фоидаи кремҳои истифодашавандаи навъҳои гуногун, омода намудани ниқобҳои махсус вобаста ба навъи пӯст бо истифода аз маводди табиӣ, бодиққатӣ, хушмуомилагӣ бо мизоҷон, таҳаммулпазирӣ, эҳтиёткорӣ, покизакорӣ, риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ ва ғайраҳо.

## КОРИ АМАЛИИ №37

### Тайёр кардани ниқоб (интихобӣ)

Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** сатилча, маҳлулҳои интихобшуда, маводди табиие, ки барои ниқоб истифода бурда мешавад, сарбанд, пахта, соат, оина, сачоқча.

**Рафти кор:**

**Харитаи технологии №11**

Тайёр кардани ниқоб (интихобӣ)

| № | Пайдарҳамии кор |
|---|---|
| 1 | Намуди ниқобро хонандагон мувофиқи завқи худ тайёр кунанд, қоидаҳои техникаи бехатариро риоя намоянд. |
| 2 | Ниқобро тайёр карда, мувофиқи қоида ба рӯй молед, мухлати онро риоя намоед ва ба сар сарбандро бандед. |
| 3 | Бо пахтаи тар пок карда гирифтан ё шустани ниқоб |

***Савол ва супориш:***

*1. Сабаби пайдоиши доғи кунҷитакро фаҳмонед.*

*2. Барои бартараф кардани доғи кунҷитак кадом ниқобҳо истифода мешаванд?*

*3. Доир ба касби косметолог маълумот диҳед.*

*4. Сифатҳои муҳимми касби косметологро шарҳ диҳед*

## §36. БАРТАРАФ КАРДАНИ НУҚСОНИ РӮЙ (ГАРМИЧА)

Дар фасли тобистон, махсусан, баъди тирамоҳу зимистон, ки кам шудани витаминҳо дар организм як амри табиист, нури офтоб бадани одамро гарм мекунад. Бинобар ин, одамон ҳаракат мекунанд, ки муддати зиёд дар ҳавои тоза рӯю бадани худро офтоб диҳанд. Чунки дар ин вақт организми одам ба нурҳои офтоб муҳтоҷ аст. Дар зери таъсири офтоб раванди мубодилаи моддаҳо зиёд мешавад, системаи сироятнопазирӣ витамини Д-ро барқарор мекунад ва ба устухон қувват бахшида, инкишофи мутаносиби шахсро муътадил мегардонад. Аммо инро аз хотир набаоред, ки ҳар кадоми ин таъсирҳо боз оқибатҳои манфӣ ҳам доранд, ки дар ин мавсими сол бисёр хатарноканд.

Дар ин фасли сол таъсири офтоб касалиҳои зиёде, бахусус ангезандаи касалиҳои саратони пӯст ва доғҳои рӯйро ба вуҷуд меорад, аллергия, дерматоз, тез пир шудани пӯсти бадан, доғҳои рангидонагии кунчитак ва гармича мушоҳида карда мешаванд. Бинобар ин, ба нигоҳубини рӯй аҳаммияти ҷиддӣ додан лозим аст.

Васила ва воситаҳои намкунӣ обҳои минералӣ мебошанд, ки рӯйро таранг ва зебо намуда, аз зарарасонҳои муҳити атроф нигоҳ медоранд.

Дар зери нурҳои офтоб зиёд наистед. Нури офтоб бисёр вақт пайдошавии гармичаро тезонда, боиси афзоиши он мегардад.

Нури офтоб сабабгори варами чашм мешавад. Барои рафъи он тарбандӣ бо чой ва ҷӯшоби бобуна муфид аст. Бинӣ бисёр нигоҳубини ҷиддиро талаб мекунад, чунки ин ҷисми организми инсон аз ҳама тезтар аз нури офтоб зарар мебинад.

Як қисми занҳо бояд ба сабаби нозук будани пӯсти рӯяшон дар офтоб на бештар аз 5-7 дақиқа истанд, чунки эҳтимоли дар офтоб сӯхтани пӯсти рӯй вуҷуд дорад. Барои пешгирии ин ҳолат якчанд намуди маҳлул вуҷуд дорад. Онро аз меваҷоту сабзавот тайёр кардан мумкин аст. Равғани чормағзи кӯҳиро бо сафедии тухм омехта ба рӯй мемоланд, ки он ба сӯхтагии ҳосилшуда аз нури офтоб ёрӣ мерасонад. Себ ва сабзӣ ҳам дар мавсими баҳорон ҳамчун воситаи косметикӣ ҳисоб мешаванд. Себро майда карда ба рӯй мегузоранд. Сабзиро бошад, аз турбтарошак гузаронида ба рӯй мемоланд. Сабзиро шоҳи зебоӣ меноманд. Агар ҳар рӯз бо оби сабзӣ рӯйро пок ва тоза кунанд, бар иловаи гармичаҳо, ҳатто доғи кунҷитак ҳам камтар менамояд ва рӯй бисёр зебо мегардад.

Аз таъсири нури офтоб ғадудҳо фаъол мегарданд ва арақро зиёдтар хориҷ мекунанд. Дар ин ҳолат рӯйро бо шир ё креми хосси рӯйи равғанин тоза мекунанд. Баъд аз ин рӯйро бо лосён пок мекунанд, то ки пӯсти рӯй мулоим шавад. Лосён ҳар хел мешавад: обакӣ ва креммонанд, ки доғи рӯй ва гармичаро тоза мекунад.

Барои пӯсти рӯйи равғанин оби лимӯ ё намакро истифода мебаранд. Ба болои фатила (тампон)-и пахтагӣ собунро молида, баъд ба болояш камтар намакро мепошанд ва сипас бо маҳлули спирт пӯсти рӯйро поксозӣ (нест кардани микробҳои сирояткунанда) мекунанд.

Чӣ хеле, ки аз дарси гузашта огаҳӣ пайдо кардед, касби косметолог яке аз касбҳои зарурӣ ба ҳисоб меравад, чун солҳои охир нисбат ба намуди зоҳирии инсон таваҷҷуҳ бештар зоҳир гардида истодааст. Касби косметолог аз якчанд самт иборат буда, вобаста ба сатҳи тайёрӣ бештар ду самти фаъолияти мутахассисони соҳаи косметология дида мешавад:

1. **Косметологи зебоӣ (эстетик)**. Ин мутахассиси соҳаи зебоӣ аст. Одатан, мутахассиси мазкур дониш ва малакаи худро дар курсҳои кӯтоҳмуддат ва семинарҳои махсус гирифта, баъди итмом соҳиби шаҳодатнома мегардад. Мутахассиси соҳаи мазкур амалиёти одиеро мегузаронад, ки ба рафъи нуқсонҳои ночизи пӯст равона шуда, табиати эстетикӣ доранд.

2. **Косметолог-дерматолог.** Ин мутахассис бояд дорои таҳсилоти олии тиббӣ ва шаҳодатномаи курсҳои махсус оид ба

косметология дошта бошад. Вай бояд дорои заминаи бойи донишҳои тиббӣ буда, на танҳо нуқсонҳои хурди рӯй, балки бемориҳои ҷиддии пӯстро дуруст ташхис ва табобат кунад. Сарфи назар аз сатҳи маҳорати касбии худ, косметолог ҳар рӯз бисёр амалиётҳои бартарафкунӣ вобаста ба нуқсонҳои рӯйро иҷро мекунад. Раванди амалиётҳои бартарафкунӣ хеле дилгиркунанда буда, аз шахс таҳаммулпазирию бодиққатӣ, оромӣ, масъулияти баланд нисбат ба муолиҷаи беморонро талаб мекунанд.



***Расми 76.** Ниқоб барои бартараф кардани нуқсони рӯй (гармича*

Афзалиятҳои касби косметолог: даромади хуб, шароити корӣ, шуҳратмандӣ, талаботи зиёд нисбат ба касб.

Камбудиҳои касби косметолог: бемориҳои буғуми даст ва пой, таъсири манфӣ аз маҳлулҳои кимиёвӣ, соати номуайяни корӣ, масъулияти баланд нисбат ба саломатӣ ва ҳаёти бемор, қонеъ кунонидани талаботи бемор.



***Расми 77.** Намудҳои гармича*

**Ниқоби пиёзу лимӯ.** Оби ду пиёзи тарошидаро бо 1 қошуқ оби лимӯ омехта, ба он докаро тар карда ба рӯй то 25 дақиқа мегузоранд. Ҳамин тавр, оби нокро гирифта ба рӯй муддати 15 дақиқа молида, баъд онро шустан лозим аст. Барои пӯсти рӯйи хушк (чунин пӯст бисёр нозук мебошад) тавсия мешавад, ки онро бо эҳтиёт тоза карда, ниқоб гузоштан лозим аст, то ин ки аз нури офтоб осеб набинад. Рагҳои хунгузар дар қисми рӯй ва бинӣ мекафанд, бинобар ин, ҳар гуна ниқобу кремро молидан манъ аст. Барои мулоим шудани пӯсти рӯй бисёртар маҳлули лосёни бобунаро, ки дар дорухонаҳои давлатӣ тайёр карда шудааст, ба рӯй мемоланд. Ба ғайр аз рустаниҳо боз ба рӯй шир, қаймоқ, ҷурғот ва фалларо мемоланд.

Мисол. 1 қошуқ фалларо бо якчанд чакра оби лимӯ ва якчанд пораи резакардаи афлесун омехта, ба рӯй мемоланд, баъд рӯйро бо оби ширгарм мешӯянд.

**Ниқоб аз тарбуз.** Камакак лаҳми тарбузро гирифта, ба он 1 қошуқ равғани зайтун, 2 қошуқ оби губайро (рябина) ва камтар креми витаминдор, зардии 2-то тухм, 1 қошуқ оби лимӯ ҳамроҳ

мекунанд. Лаҳми тарбузро ғичим карда, дар зарф бо равғани зайтун, шарбати губайро ва крему зардии тухм нағз лат додан





***Расми 78.** Ниқоб аз лимӯ ва пиёз*

лозим аст. Пеш аз соидан шарбати лимӯро ҳамроҳ мекунанд, баъд бо сачоқчаи зағирин пӯшида, 20 дақиқа мемонанд, сипас, фатила (тампон)-и пахтагиро ба оби нарм тар карда, ниқобро тоза мекунанд.



***Расми 79.** Ниқоби тайёршуда аз тарбуз*

**Ниқоб аз тарбуз.** Камакак лаҳми тарбузро гирифта, ба он 1 қошуқ равғани зайтун, 2 қошуқ оби губайро (рябина) ва камтар креми витаминдор, зардии 2-то тухм, 1 қошуқ оби лимӯ ҳамроҳ мекунанд. Лаҳми тарбузро ғичим карда, дар зарф бо равғани зайтун, шарбати губайро ва крему зардии тухм нағз лат додан лозим аст. Пеш аз соидан шарбати лимӯро ҳамроҳ мекунанд, баъд бо сачоқчаи зағирин пӯшида, 20 дақиқа мемонанд, сипас, фатила (тампон)-и пахтагиро ба оби нарм тар карда, ниқобро тоза мекунанд.

**Ниқобҳо аз маҳсулоти гуногуни табиӣ.** Картошкаро тоза карда, шуста, бо турбтароши майда метарошанд. Ба 100 г омехтаи картошка 1 қошуқча асалро омехта, ба сачоқчаи докагини ғафсиаш 1 сантиметр молида, ба ҷойи газакгирифта ва варамшудаи рӯй мегузоранд ва ба бинӣ мепечонанд. Баъд аз 2 соат онро кушода, ниқобро оҳиста аз ҷойи осебдида бояд гирифт. Ин хел ниқобро дар давоми рӯз якчанд маротиба гузоштан лозим аст.

Шарбати бодирингро бо асал омехта, яке аз ниқобҳои беҳтаринро ба даст меорем, ки гармичаро бартараф мекунад. Бо қошуқи калон бодирингро майда карда, 1 истакон оби ҷӯшро мерезанд ва он 2-3 соат меистад. Омехтаи тайёрро фишурда, аз обаш ҷудо карда, 1 қошуқча асалро омехта, то ҳал шудани асал нигоҳ дошта меистанд. Фатила (тампон)-и пахтагиро ба омехта тар карда, ба рӯй мемоланд ва то хушк шудан нигоҳ медоранд. Баъди 30-40 дақиқа рӯйро бо оби нарму муътадил мешӯянд. Ниқоби дигарро аз асал ва барги мармарак тайёр мекунанд.

Агар пӯсти рӯй бисёр равғанӣ бошад, барои бартараф кардани гармича боз маҳлули календуларо ба 1 истакон оби муътадил андохта, ба он 1 қошуқча асалро омехта ба рӯй мемоланд.

Ин хел маҳлулро, асосан, дар дорухонаҳо тайёр мекунанд.

Қоидаҳои техникаи бехатарӣ. Пеш аз истифодаи ниқобҳо қоидаҳои санитарию гигиенӣ ва бехатариро риоя бояд кард. Асбобу анҷомҳои истифодашавандаро тоза шустан лозим аст. Дока, пахта ё латтапораи ниқобкашӣ бояд тоза бошанд, матоъҳои истифодашударо шустану дарзмол кардан зарур мебошад. Дар вақти гузоштани ниқоб ба чашм, гӯш ва бинӣ аҳаммияти ҷиддӣ диҳед, ки ин узвҳо осебе набинанд. Дар вақти истифодаи корд ва асбобҳои резакунии меваю сабзавот эҳтиёт бошед, ки дастатонро набуред.

## КОРИ АМАЛИИ №38

**Тайёр намудани ниқоб аз картошка ва асал.** Аз тарафи омӯзгор қоидаҳои техникаи бехатарӣ ва санитарию гигиенӣ оид ба мавзуъ назорат карда, аз ҷониби хонандагон риоя карда шавад.

**Таҷҳизот:** зарфҳо, асал, картошка, турбтарош, қошуқ, сарбанд, соат, оина, пахта.

**Оё шумо медонед?**

Косметология илм дар бораи нигоҳубини пӯст мебошад. Он аз калимаи юнонии kosmetike гирифта шуда, маънояш санъати ороиш аст.

***Савол ва супориш:***

*1. Кадом ниқобҳо барои нест кардани гармича фоидаовар мебошанд?*
*2. Кадом ниқобҳои омехтаи меваю сабзавотро медонед?*
*3. Самтҳои асосии касби косметологро шарҳ диҳед.*
*4. Доир ба афзалияти касби косметолог маълумот диҳед.*

## АДАБИЁТ


1. Белинская. И.А. Декоративное исскуство горного Таджикистана /И.А.Белинская// Душанбе: Ан Тадж.СССР, 1965.-91 с.

2. Бордовская М. Шейте дома /М.Бордовская// Москва: Просвещение, 1965.-154 с.

3. Егорова, Р.И. и др. Учись шить /Р.И.Егорова, В.П. Монастырская //Москва: Просвещение, 1989.-217 с.

4. Исломов, С. ва диг., Обидова К., Рӯзиева М.Д., Технология (таълими меҳнат) барои духтарон, китоби дарсӣ барои синфи 8-ум/С.Исломов, К.Обидова, М.Д.Рӯзиева//-Душанбе: ҶММ “XEROXLand”, 2007.-192 с.

5. Карабаева, И.А.Спавочник по трудовому обучению /И.А.Карабаева// Пособие для учащихся 5-7 классов, Москва: Просвещение, 1992.-213 с.

6. Настольная книга для девочек. Москва: Наука, 2004.-231 с.

7. Орлова, А. Азбука моды /А.Орлова// Москва: Наука, 1988.-15 с.

8. Рӯзиева М.Д. Лоиҳаи эҷодӣ «Ҳамён» /М.Д.Рӯзиева// Хуҷанд: Ношир, 2010.-32 с.

9. Рӯзиева, М.Д. Намунаи тарҳи эҷодӣ (дастури методӣ) /М.Д.Рӯзиева// Хуҷанд: Ношир, 2008.-28 с.

10. Рӯзиева, М.Д. Технология (таълими меҳнат, барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. /М.Д.Рӯзиева// Нашри 2.-Душанбе: Маориф, 2021.-176 с.

11. Суворова, О.В. Таҷҳизоти дӯзандагӣ (дастури таълимӣ) /О.В.Суворова// Нашри 4-ум. Душанбе, 2010.-340 с.

12. Труханова, А.Т. Технологияи либосҳои сабуки занона ва кӯдакона /А.Т.Труханова// Душанбе: Ношир.- 2006.-508 с.

13. Чернякова, В.Н. Технология обработки ткани. Учебник для 7-9 классов. – Москва: Просвещение, 2002.-217 с.

14. Что? Зачем? Почему? Большая книга вопросов и ответов. Москва, 2004.-216 с.

15. Шитьё. Большая иллюстрированная энциклопедия / Под. ред. Дороти Вуд.-М.: Экспо, 2006.-165 с.

16. Энсиклопедияи мухтасари рӯзгордорӣ /Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Советии тоҷик, Душанбе, 1988.-216 с.

17. Януш А. Мы шьём сами /А.Януш// Москва: Гизлегпром, 1963.-143 с.

## МУНДАРИҶА

Муқаддима........................................................................ 3

**БОБИ 1. АСОСҲОИ ИСТЕҲСОЛОТ**

§1. Машғулиятҳои муқаддимавӣ. Талаботи гигиенӣ дар ҷойи кор, риояи қоидаҳои санитарию гигиенӣ, бехатарии кор дар синфхонаи технология ва ҳангоми истифодаи таҷҳизоти он........................................................................ 5

§2. Сохтори хоҷагии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон............. 11

§3. Корхона ва ташкилот – звенои асосии хоҷагии халқ..... 14

§4. Хусусияти мазмуни меҳнат ва корхонаҳои хоҷагии халқ........................................................................ 17

§5. Маълумот дар бораи раванди технологӣ...................... 22

§6.Равандҳоитехнологӣдарсоҳаҳоигуногунихоҷагиихалқи Тоҷикистон........................................................................ 28

§7. Назорат ба сифати маҳсулот........................................ 32

§8.Саёҳати таълимӣ ба сехи яхмосбарорӣ.......................... 38

**БОБИ 2. ИНТИХОБИ КАСБ**

§ 9. Касбҳои хоҷагии халқ – таснифи касбҳо....................... 42

§10. Мафҳуми асосии касбнома, хатоҳои махсус ҳангоми интихоби касб........................................................................ 51

§11. Майлу рағбат ба касб.................................................. 57

**БОБИ 3. БАРҚ ДАР РӮЗГОР**

§12. Маълумоти мухтасар дар бораи истеҳсоли барқ............ 62

§13. Сохти фурӯзонак ва қисмҳои он................................. 68

§14. Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи чангкашак..................... 73

§15. Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи мӯйхушккунак (фен)....... 78

§16. Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи яхдон............................ 84

§17. Мошинаи ҷомашӯйии барқӣ........................................ 90

§18. Шиносоӣ бо дарзмол ва вазифаи он............................ 96

§19. Шиносоӣ бо сохт ва вазифаи мошинаи дарздӯзӣ........ 104

**БОБИ 4. КУРТАИ МИЛЛИИ ЗАНОНА**

§20.Конструксия ва амсиласозии бадеии маснуоти китфдор........................................................................ 110

§21. Амсиласозии остин ва гиребон.................................. 117

§22. Технологияи тайёр кардани либос ва кор дар паси мошинаи дарздӯзии барқӣ................................................ 123

§23. Қоидаҳои таҳияи танаи маснуот тавассути мошинаи дарздӯзии баркӣ........................................................................ 132
§24. Таҳияи остин........................................................................ 135
§25. Дӯхти пурраи куртаи миллӣ........................................... 141
**БОБИ 5. ЛОИҲАИ ЭҶОДӢ**
§26. Куртаи миллии гиребондори остинаш қанотак............ 145
§27. Ҳисобкунии иқтисодии харҷи маснуот.......................... 151
§28. Саёҳати таълимӣ ба истеҳсолоти дӯзандагӣ.................. 154
**БОБИ 6. КАСБУ ҲУНАРҲОИ МИЛЛӢ**
§29. Ҷулоҳӣ........................................................................ 159
§30. Қоидаҳои ба тартиб даровардани ҳалқаҳо аз рӯйи нақшаи маснуот........................................................................ 162
§31. Бофтани қаторҳо ба намуди гуногуни ҷулоҳӣ.............. 165
§32. Бофтани тахтапушти нимтанаи бачагона. Бофтани қисми пеши тарафи чапи нимтана....................................... 169
§33. Бофтани қисми пеши тарафи рости нимтана. Бофти пурраи нимтанаи бачагона................................................. 172
§34. Нигоҳубин ва таъмири либос........................................ 175
**БОБИ 7. ГИГИЕНАИ ДУХТАРОН**
§35. Нигоҳубини пӯсти рӯй. Пешгирӣ кардани доғи кунҷитак........................................................................ 180
§36. Бартараф кардани нуқсони рӯй (гармича).................... 184
**Адабиёт** ........................................................................ 189

РӮЗИЕВА МАВЛУДА, ИСЛОМОВ СУБҲОН, ОБИДОВА КЛАРА,
АЛИЕВА МУНЗИФАХОН, РУСТАМОВА РУХШОНА

# ТЕХНОЛОГИЯ

## (Таълими меҳнат барои духтарон)

Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

Нашри 3-юм

| | |
|---|---|
| Муҳаррир | С. Неккадамов |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Қ. Назаров |
| Тарроҳ | Ш. Раҷабалиева |

Ба чоп 10.10.2023 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андозаи 60x90 $^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопӣ 12.0
Адади нашр 15 000 нусха.
Супориши №56/2023

Нарх 25 сомонӣ 96 дирам

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел: 222-14-66  E-mail: nashriya@maorif.tj

Дар КВД Нашриёти ҳарбии “Сарбоз”  чоп шудааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе,
кӯчаи Асадулло Ғуломов 37\1,